У(5Т4, 5)
ЧП 89

АКБАР ТУРСУНОВ



# ЭҲЬЁИ АҶАМ

АКБАР ТУРСУНОВ

# ЭҲЬЁИ АҶАМ

РУҶӮИ
ТАЪРИХИЮ
ПУБЛИЦИСТӢ

711936

ДУШАНБЕ
НАШРИЕТИ
«ИРФОН»
1984

ББК 63 + 83.3(0)9
9 + 8 точик[1]
Т 89

Турсунов Акбар.
Т 89 Эҳьён Ачам. Ручӯи таърихию публицистӣ.— Душанбе: Ирфон, 1984.

208 с.

Хонандаи гиромӣ! Чои ифтихор аст, ки боз як китоби баарзише дастраси шумо гардид. Китобе, ки ҳарфҳояш аз нӯги хомаи муҳаққиқи ҳақбину ҳақнигор Акбар Турсунов таровида, аз таърихи тамаддуни точик, хосса фарҳанг ва Бузургони аҳли Эҳьён Ачам ҳикоят мекунад.

Турсунов Акбар.
Возрождение Аджама

Т $\frac{70303-8}{M501(13)-84}$ — 129—84

ББК 63 + 83.3(0)9
9 + 8 точик[1]

© Нашриёти «Ирфон», 1984

Ба ёди шодравон Абдулаҳади Туробӣ — марди фозил ва инсони шариф

*Муаллиф*

## ОҒОЗИ СУХАН

# НАВРӮЗИ ХУРОСОН

Ҷаҳон ҳамеша чу чашмест,
гирду гардон аст.
Ҳамеша, то бувад оин-ш,
гирдгардон буд.
Куҳан кунад ба замоне ҳамон куҷо
нав буд
Ва нав кунад ба замоне ҳамон куҷо
хулқон буд.

Ин сатрҳои пурсӯзу пурсувар аз нӯги хомаи ҳақиқатнигор ва сеҳркирдори Абӯабдуллои Рӯдакӣ ба сафҳаҳои китоби таърихи фарҳанги тоҷикон ҳазор сол пеш рехтаанд. Рӯдакӣ-зода ва парвардаи як замони фархунда буд; фарзанди фарзонаи замони хуҷистае буд, ки аз рӯи хайру баракаташ як айёми баҳори монавитабъро мемонад; чунон як баҳори пурфайзу пурамалро, ки дар тӯли он илму фарҳанги тоҷикон боғ-боғ шукуфта бо накҳати анбаринаш ҳама олам гирифта буд.

...Қас аз тақдири таърихии тамаддунҳои даврони гузашта андеша мекунаду беихтиёр ба ёдаш байти зерини Носири Хисрав меояд:

Чаро хуршеди нуронӣ, ки олам з-ӯ шавад равшан,
Гаҳе маскан кунад Ховар, гаҳе дар Бохтар дорад?

Дар вокеъ хангоми ба марҳилаҳои чудогонаи инкишофи чамъияти инсонӣ дидан эътибор дӯхтан як далели муҳимро сарфи назар наметавон кард: замоне тараққиёти маънавии халқе ё миллате ба пояе расидааст, ки дар айни ҳол ягон халқу миллат ба он баробар шуда наметавонад. Тамаддуни юнонзаминро гирем. Дар тӯли бештар аз шаш қарн (аз асри VI пеш аз милод то ибтидои солшумории насронӣ) афкори илмию фалсафӣ ва бадеии мардуми юнонӣ айнан то ҳамин гуна қуллаи баланд расида буд. Ё гирем илму санъати итолиёвиро дар қарнҳои XV—XVI, фалсафаи немисиро дар асрҳои XVIII — XIX ва ё адабиёти бадеии охири асри XIX ва ибтидои асри XX-и русро. Он замонҳо дарачаи камолоти маънавии ягон миллати аврупоӣ ба мартабаи фарҳангии халқҳои мазкур нарасида буд. (Яке аз саромадони ин адабиёти чаҳоншумул Ф. М. Достоевский бо камоли ифтихор навиштааст: «Қариб аст, ки дар ягон вақту замон ва дар ягон адабиёт дар чунин як муддати кӯтоҳ чунон ки дар кишвари мост, ин қадар нависандагони бонстеъдод ва ба ин дарача паёпай, бидуни фосилае, пайдо нашудаанд»).

Дар таърихи халқи точик ҳамин гуна аҳди ҳумоюнфар қарнҳои IX — XI буданд, ки аз чиҳати савияи тараққиёти афкори илмию фалсафӣ ва бадеӣ сар то сари Ховару Бохтар ҳамтои худро надоштанд. Дар ин давраи хучиста як чунбиши бузурги таърихию фарҳангие оғоз шуд, ки дар навиштаҳои зер ҳамчун **Эҳьёи Точик** ёд мешавад.

Гап дар сари он аст, ки тачаддуди таърихию фарҳангии мардуми эронинажод аввал

маҳз дар муҳити Самарқанду Бухоро, Хуҷанду Фарғона ва Балху Ҳирот, ки ба иттифоқи аҳли таърих меҳани аслию азалии қавми тоҷик буданд, ба амал омада, сипас ба ноҳияҳои ҷанубу ғарбии Эрон, Озарбойҷон, Осиёи Сағир ва бархе аз қисматҳои Ҳинду Чин ва Покистони имрӯза нуфуз кардааст.

Растохези таърихию фарҳангии аҷамиён аввал дар муҳити зиёиёну рӯҳониёни меҳанпарасти тоҷик оғоз шуда, сони миёни табақаҳои косибон густариш ёфт. Дар аҳди Сомониён бори нахуст маҳалҳои асосии тоҷикнишини Хуросони Бузург дар ҳудуди як давлати мутамарказ муттаҳид карда шуданд. Ташаккули ягонагии иқтисодию сиёси бошад, ба ваҳдати маданиии халқияти тоҷик роҳ кушод, ки дар навбати худ зимни забони муштараки порсии дари амал пазируфт. Рӯдаки аз иқдоми ватанпарваронаи сомониён болида чунин нигоштааст:

Киро бузургию неъмат зи ину он будӣ,
Варо бузургию неъмат зи оли Сомон буд.

Гаҳвораи ин қиёми таърихию фарҳангӣ Бухоро буд; ҳамон Бухорое, ки ӯро, ба қавли Абӯбакри Наршахӣ, «ҳафтод ҳазор алам бувад, дар зери ҳар аламе ҳафтод ҳазор шаҳид бувад»: ҳамон Бухорое, ки зикри номҳои як худи уламою удабояш, ба қавли Абулфазли Марвазӣ, «дафтарҳо бояд»; худи ҳамон Бухорое, ки бо қувваи ақлу бозуи аҷамиён бино шуда буду боре чанд ба аспгозии аҳли Саҳро табдил ёфта, ҳар дафъа аз нав барқарор шудааст. Аз ҷумла баъди истилои араб, аз бозе ки Бухоро пойтахти нахустин давлати тоҷикон қарор гирифт, вай гӯё дубора эҳьё шуд.

Аз шӯҳрату шукӯҳи онвақтаи ин шаҳри бостонии Аҷам, ба таъбири устод С. Айнӣ, «он иморатҳои бузург, кӯшкҳои фалакнамой, айвонҳои кайвонбуньён ва боғҳои ҷаннатнишон, ки муассиси ҳамаи инҳо тоҷикон буданд»[1], баралоина шаҳодат медиҳанд.

Эҳьёи таърихии мардуми эрониинажоди Мовароуннаҳру Хуросон на фақат дар соҳаи маданияти моддӣ, балки махсусан дар ҷабҳаи маданияти маънавӣ ба пояи баланд расид. Ҳомили ин маданияти олимарому олимақом забоне буд, ки бесабаб шӯҳрату нуфузи ҷаҳонӣ пайдо накардааст.

Амри таърих будааст, ки забону маданияти тоҷик, бо вуҷуди он ҳама тағйироти ҷиддии сиёсие, ки дар арзи ҳазор соли охир дар сарзамини ситамдидаи Аҷам пай ҳам ба амал омадааст, на фақат несту нобуд нашудааст, балки сар то сари як хиттаи бузург густариш ёфта, ба мақоми баланди таърихӣ расидааст.

...Шояд наметавон қавме ё халқеро ном гирифт, ки мисли тоҷикон дар чаҳоркӯчаи таърих танҳо монда, ин қадар парокандагии миллию мазҳабӣ ва сиёсиро аз сар гузаронида бошад.

Дар ҳуҷҷату санадҳои сершумори таърихӣ қиссаҳои гурӯҳ-гурӯҳ, қабила ба қабила, қасаба ба қасаба кушта шудани мардуми осоиштаи тоҷик, аз ҷумла ба таъқиби ачнабиён тоб оварда натавониста аз ватан ба хориҷи он, аз шаҳр ба деҳот, аз водӣ ба кӯҳу дара гурехта паноҳи ҷустани аҷдоди мо сабт шудаанд. Искандари Мақдунӣ, ки ӯро классикони

[1] *С. Айнӣ.* Ахгари инқилоб, Д., 1974, с. 86.

адабиёти мо одилу доно пиндошта, ҳам дар насру ҳам дар назм васф кардаанд («Искандарнома»-ҳои Низомӣ ва Ҷомиро ба ёд овардан кофист), ҳангоми истилои Аҷам чандин шаҳру деҳоти ободро оташ зада, осори маънавии халқро маҳв сохта (охир, маҳз сарафшонони ӯ буданд, ки дастнависи «Авесто»-ро аз ганҷдони Доро берун оварда алав сар доданд!) ба ғорат ва қатли ом пардохтааст.

Дар бораи кушокушӣ ва яғмогариҳои калонмиқьёсу касофатовари лашкари Қутайбаву Чингиз, Темуру Шайбонӣ ҳоҷати гап ҳам не. Зеро ҳама медонад, ки онҳо «омадаанду кандаанду сӯхтаанду куштаанду бурдаанд»! Мурод аз хотирнишон сохтани ин далелҳои маълуму мафҳум як навъ зикри хайр аст: халқи тоҷик бо вуҷуди он ҳама бадбахтию беносибӣ, бо вуҷуди он ҳама зулму ситаме, ки аз таърих дидааст, дар қалби худ нисбат ба ягон тоифаи одамӣ кинаю адоват напарваридааст:

**Таърих гувоҳ аст, ки дар арсаи таърих**
**Тоҷик зи роҳи ҳасаду чаҳлу таассуб**
**Бар фарқи саре найзаю ханҷар накашидааст...**

*(Лоиқ)*

Оре, ҳамин тавр будааст! Таърих низ гувоҳ аст, ки ягон арбоби барҷастаи илму фарҳанги тоҷик дар боби забону маданияти дигар халқҳо бадгӯӣ накардааст, урфу одати ягон қавмро наҳ назадааст ва ё аз рӯи хусумати миллию мазҳабӣ ба иззати нафси мардуми марзу буми бегона нарасидааст.

Ин далели таърихӣ аз назари муаррихони тамаддуншинос берун намондааст. Яке аз мутахассисони маъруфи Ғарб оид ба таърихи маданияти асримиёнагини Аҷам Десмонд Стю-

арт аз «сифатҳои иек»-и саромадони фарҳанги классикии форс-тоҷик ёд карда, дар навбати худ ба як далели дигар дидаи эътибор дӯхтааст: ягон намояндаи ин фарҳанги ҷаҳоншумул аз буньёди миллии худ ҳарфе назадааст; ҷояш ояд (он ҳам бошад, дар мавридҳои хеле нодир) аз кадом маҳал баромаданаш ё ба кадом мазҳаб тааллуқ доштанашро гуфтаасту аз кадом қавму халқият буданашро не. Д. Стюарт зимни тааммули ин далели ҷолиби диққат чунин менигорад: «Табибон, кимиёгарон ва ҳайъатшиносони эронӣ, ки ба хурофоти ирқпарастӣ бегона буданду зимни ин дар қатори халқҳои дигар ҷои махсус доштани хештанро дарк мекарданд, худро ворисн пешаҳдони юнонӣ ва ҳиндӣ медонистанд. Эшон хиссаи худро ба инкишофи илм ҷузве аз иқдоми якҷояи ҷамеи мардуме ҳисоб мекарданд, ки барои беҳбудии инсоният хидмат карданро ҳадафи мақсуди хеш донистанд.»[1]

Пас, беҷиз нест, ки идеалҳои волои гуманистӣ маҳз дар муҳити таърихию фарҳангии Аҷам ташаккул ёфтаанд.

... Шароити ногувору носозгори таърихие, ки баъди инқирози нахустин давлати тоҷикон — Оли Сомон — дар сартосари Хуросони Бузург фаро расид, чандин арбоби барҷастаи илму адаби Аҷамро бидуни хосту иродаи эшон ба кӯи дарбадарӣ андохт. Онҳо мисоли Шайх Муслиҳиддин

Саъдиё, ҳубби ватан гарчи ҳадисест шариф
Натавон мурд ба сахтӣ, ки дар инҷо зодам

[1] *Д. Стюарт.* Научное наследие Ирана. «Курьер ЮНЕСКО», 1971, октябрь, с. 15.

гуён буму маъвои кадмандро тарк гуфта аз шаҳр ба шаҳре, аз вилоят ба вилояте, аз мулк ба мулке кӯчида пуштибоний меҷустанд ва ҳамин ки сарпаноҳи мусоиде ёфтанд, ба растохези маданн мепардохтанд. Дурратутточи илму фалсафаи точик Абуали Сипои Бухорои дар гурезогурези ҳамешагӣ буд, у дар мулку кишварҳои бегона басе рӯзро ба шаб ва шабро ба рӯз меовард ва охир дар наздикии Ҳамадон аз касалие фавтид, ки ҳаргиз дарди бедаво набуд, хусусан ки худи у дар ин боб рисолае иншо карда («Китоб-ул-кулинч») ва аз он борҳо дигаронро начот дода буд; Абурайҳони Берунии Хоразмӣ дар Гурганч пойбанди яке аз «асотини салотин» Султон Маҳмуд шуда, ҳамроҳи лашкарони яғмогари у ба Ғазна рафт.

Онлан Мавлоно Чалолиддини Балхӣ аз вартаи ҳавлноки муғулони истилогар халосӣ чуста ватанро тарк гуфт ва дар Куния паноҳ бурд, вале ин шаҳр низ аз тасарруфи ачнабиёни бодиянишини эмин намонд; сокинони Кунияро лозим омад бар ивази бахшоиши бузурге чони худро харида гиранд; Носири Хисрави Қабодиёни аз дасти Салчуқиён аввал ба Хуросону Мозандарон ва сони ба Бадахшон гурехта халос шуд; Камоли Хучандиро бошад, бар хилофи чашмдошти у, дар шаҳри Табрез осуда зиндагӣ кардан муяссар нашуд; Тухтамишхони ғоратгар онро забт карда, шоирро дар қатори дастбурдҳояш ба Сарой (пойтахти онвақтаи Олтинурда) гирифта рафт...

Лоиқ зимни андешаи бадеие аз тақдири таърихии «сарзамини камзамин»-е, ки писарони пурҳасраташ чумла дар кӯи ғарибӣ хок

ғашта, «номашро дар олам Тоҷикистон кардаанд», чунин нигоштааст:

...Фарзандони ту дар тӯли таърихи дароз
Ҳар куҷо рафтанд,
муште хок бо худ бурдаанд...
Ҳар куҷо рафтанд онон
Ё ба Макка ё Мадина,
Ё ба ғурбат,
ё тиҷорат,
Ё гуреза аз ҳама тазвиру кина,
Мушти хокатро ба киса ёдгорӣ бурдаанд.
То агар рӯзе бимиранд аз қазо,
Дар гарибӣ бекасу беошно
Хоки ту бошад нишони охирин...

Ин сатрҳои муназзамро хонанда чун иғроки бадей пазириш мекунад. Вале тахайюлоти шоир заминаи таърихӣ низ дорад. Як каф хоки домангири зодгоҳро ҳамроҳи худ бурдани мусофирон аз одатҳои қадимии мардуми Шарқ аст. Дар воқеъ, вақте ки кас байтҳои ҷонгудози Камоли Хуҷандиро мехонад, чунин мепиндорад, ки онҳоро шоири ғурбатзада дар диёри бегона хоки ватанашро қибла гирифта сурудааст:

Орзуманди диёри хешаму ёрони хеш,
Дар ҷаҳон то чанд гардам бесару бепо ғариб?!
Чун дар ин даврон намеафтад касе бар ҳоли мо,
Дар чунин шаҳре, ки мебинӣ, ки афтад во ғариб?
Дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ медиҳад мискин Камол,
Во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғарибо, во ғариб!

Дарбадарию ғарибӣ насиби азалии мардони озодандеши бисьёр наслҳову асрҳо будааст. Аз ин рӯ, далелҳои таърихие, ки зикрашон дар боло гузашт, боиси таассуф бошанд ҳам, мӯҷиби тааҷҷуб нестанд. Вале ғояти ифтихори ҳар як порсигӯ аст, ки ғурбатзадагони Аҷам

аз соҳилҳои Сиру Ому, Зарафшону Панҷ дур афтода бошанд ҳам, аз як дарьёи маънавӣ об хӯрда, дар пиромуни як анъанаи фарҳангӣ эҷод карда, ба як забони муштарак сухани дурфишон ангехтаанд.

Аз ин маънӣ байти зерини Анвариро арзадошти ҳамаи онҳое донистан бояд, ки бар тибқи тақозои замонаашон ҷалои ватан карда дар ғарибистон умр ба сар бурдаанд:

**Мавлиду маншаъ мабин дар хоки Ҳиндустон маро**
**Назму насрам бин, ки дар оби Хуросон омадаст.**

... Қиссаҳои дар натиҷаи тохтутозҳои хунхоронаи ғоратгарони хориҷӣ ва нифоқу низои касофатовари тоҷҳоҳони маҳаллӣ харобу биёб шудан ва ба туфайли заҳмати пурмашаққат ва пурсӯзу гудози халқи муқиму қоим аз нав озоду обод гаштани Самарқанду Бухоро, Хуҷанду Фарғона, Балху Ҳирот, Марву Нишопур ва соири шаҳру деҳоти Аҷам аз он дарак медиҳанд, ки машъали тамаддуни тоҷику форс дар воқеъ ҳам як ҷо хомӯш шавад, ҷои дигар ё аҳди дигар аз сари нав афрӯхта мешуд ва чархи прогресси он ҳамоно пеш мерафт (ҳарчанд ки вобаста ба авзои замона суръати гардишаш гоҳ сусту гоҳ тез мешуд).

Хулласи калом, падидаеро, ки ин ҷо ҳамчун «Эҳьёи Тоҷик» тавсиф мешавад, метавон ба мурғи самандаре ташбеҳ дод, ки як ҷо ҷисмашро дар оташ сӯзонанд, дар макону замони дигар аз қаъри хокистараш аз нав пайдо мешуду бо илҳому алҳони пешина нағмасарой мекард.

Гузашт аз ин, ба қадри дар мавзеву ноҳияҳои дигари ҷуғрофӣ густариш ёфтани забону

фарҳанги тоҷикон ба доираи ҷунбиши маданийи онвақта тадриҷан қавму қабилаҳои бегона низ кашида шуданд. Ин қавму қабилаҳо бошанд, забону маданияти тоҷиконро пазируфта дар навбати худ баҳри ривоҷу равнақ ва такомули он кӯшидаанд. (Ногуфта намонад, ки забони тоҷикӣ асрҳои сонӣ, махсусан қарнҳои XV — XVII, ба ҷунин як пояи баланди фарҳангӣ расида буд, ки ба андозае мушобеҳ ба мақому нуфузи таърихии забони арабист). Аз ин рӯ силсилаи падидаҳои иҷтимоию фарҳангиеро, ки пасе ҳам сурат гирифта, то худи ибтидои асри XVIII сар то сари Эрону Озарбойҷон, Осиёи Сағир ва бархе қисматҳои Ҳинду Покистон ғулғула дар гунбади афлок андохтаанд, бо истилоҳи умумитар — **Эҳьёи Аҷам** — ифода кардан салоҳ аст. Агар Эҳьёи Аҷамро ба сони як баҳори пуррангу пурнаиме ёд кунем, пас Эҳьёи Тоҷикро метавон **Наврӯзи Хуросон** донист.

... Дар эҷодиёти даҳанакии халқ ва назму насри классикии мо дар бораи оби ҳаёт ном давои мӯъҷизавори аҷал нақлу ривояти бисьёре омадааст, ки саршор аз орзуву умеди ширинест дар боби умри ҷовидонӣ. Чунончӣ, дар мисоли Хизр овардаанд, ки дар зулумот ном ҷои торики замин чашмаи афсонавие будааст, ки обаш ба кас умри ҷовид мебахшидааст. Бузургони Наврузи Хуросон ба ҷои ҷустуҷӯи оби Хизр ба меҳнати пурмашаққати эҷодӣ пардохта, дар сарои вуҷуд аз илму адаб чунон як аҳроми шукӯҳманд бино кардаанд, ки ба таъбири Фирдавсӣ гӯям, «на гашти замона бифарсоядаш» ва «на чун мо табоҳӣ пазирад ҳаме»...

## РУҶӮИ ЯКУМ

# ДАР ЧОРСӮИ ТАЪРИХ (I)

### Растохези анъанаҳои пешини фарҳангӣ

Халқҳо оинаи якдигаранд. Дар рӯзгори Доро ва аҳди Искандар маданияти Эрони Бостон оинае буд, ки дар қиёси он юнониёни қадим ба такомули оину фарҳанги хеш пардохтаанд. Пас аз асре чанд байни Ховару Бохтар муколамаи нави фарҳангию таърихӣ баргузор гардид; дар аҳди ислом ҳикмати Юнону Рум, ки тавассути забони арабӣ дар хулафои аъроб густариш ёфт, барои эрониён ва дигар халқҳои мусулмон оинаи ибрат буд.

Ниёгони мо бо осори маданияти классикии юнонӣ шинос шуда, дар зимни ин амр унсурҳои фарҳанги тоисломии худро эҳьё карданд ва пайваста корбаст намуданд. Аз ин ҷиҳат илму фалсафаи Юнони Қадим барои аҷамиён як навъ такони таърихи буд, ки руҳи азалии эшонро бедор кард ва барои нашъунамои қувваҳои эҷодии мардуми таҳҷоӣ роҳ кушод. Сирату сурати ин амри таърихӣ маҳз муколамаро мемонд: аз файзи он ҳарду тараф баҳравар шуданд. Сабаб ин буд, ки мардуми эронӣ дар ҷаҳони мутамаддини онвақта аз ҷиҳати дараҷаи инкишофи маънавӣ дар мақоми баланд меистод.

Дар адабиёти илмии Ғарб ҳангоми аз нашъунамои илму фалсафаи халқҳои эронинажод андеша рондан аввал онро ҳамчун «афрӯзиши ногаҳонии камолоти ақлии муслимин» қаламдод мекунанд ва сонӣ танҳо як худи омилҳои беруна (баст ёфтани фарҳанги Юнон ва ҳатто дини ислом)-ро заминаи асосии падидаи мазкура ҳисоб мекунанд. Вале дар тамоми дуньён ҳастӣ оё заминеро метавон дарьёфт, ки бидуни тухми амал, бо таъсири як худи обу ҳавои мусоид, ҳосил дода бошад? Ба қавли Абӯалии Сино гӯям, «ҳарчанд Офтоб сабаби пазондани мева аст, ҳам он ҷо қуввати табиӣ бояд, ки бо вай ёр бувад». Заминаи маънавии мардуми эронинажод бошад, ба он андозае, ки мусташриқони аврупоию амрикоӣ тақвим кардаанд, суст набуд, вагарна, таъкид мекунам, аз шӯраи муғелон райҳон бурун наёяд!

Мусташриқони мазбур, ҷудо ҳиммат кунанд, оғози ташаккули илму фанни Аҷамро ба аҳди сосонӣ (вале аксаран ба замони хилофати араб) мансуб медонанд. Дар асли ҳол бошад, чунон ки муаррихи маъруфи форс Забеҳуллоҳи Сафо зимни факту далелҳои боварибахш нигоштааст, «миллати Эрон то ин ҳангом, яъне давраи сосонӣ, аз тараққиёте дар улум бархурдор шуда буд ва дар мусиқӣ ва тиббу риёзиёт бар осори иртибот, ки аз Машриқ ва Мағриб бо милали бузурге монанди ҳиндувон ва бобулиён ва милали Осиёи Сағир ёфта ва иттилооте, ки худ аз қадимулайём гирд оварда буданд, пешрафтҳое доштанд».[1]

[1] *З. Сафо.* Таърихи улуми ақлӣ дар тамаддуни исломӣ, Теҳрон, 1331 ш., ч. I, с. 17.

Дар даврони сосониён бошад, зимни идомати анъанаҳои маданий пешина афкори илмӣ хеле ривоҷу равнақ ёфт. Ба ин вусъати тадқиқоти илмӣ (махсусан дар соҳаи тиб) дар Гунди Шопур далел шуда метавонад, ки онвақт шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо карда буд. Ин шаҳри бостонии Аҷам академияи улум дошт (тақрибан соли 271 таъсис ёфта, дар арзи 300 соли оянда пайваста амал кардааст). Дар ҳузури академия омӯзишгоҳи тиббӣ, бемористон ва китобхонаи махсуси илмӣ ташкил дода буданд. (Охирӣ китобҳои сершумори паҳлавӣ, ҳиндӣ, сурьёнӣ ва юнониро дарбар мегирифт). Барои аёнӣ тасаввур кардани миқьёсу нуфузи илмии ин маркази байналмилалии тадқиқот гуфтан кофист, ки ба қалами кормандони онҷой қомуси сиҷилдаи тиб тааллуқ дошт; дар қомуси мазкур ҷамеи заҳрҳои маълум ва хосиятҳои фармокологии онҳо як ба як таснифу тавсиф ёфта, воситаҳои ташхиси заҳролудшавӣ ва роҳҳои муолиҷаи одамони заҳролудшуда таъин шуда буданд.[1]

Маҳз анъанаҳои деринн фарҳангии қавмҳои эронӣ буданд, ки дар аҳди ислом ба инкишофи минбаъди илму фан дар хилофати араб замина шудаанд. Дар вокеъ, риёзидонон ва ҳайъатшиносони ҳавзаи илмие, ки дар охири қарни VIII ва аввали қарни IX дар Бағдод ташаккул ёфта, бо номи «Байтулҳикмат» маъруф шудааст, ҳамагӣ зодагони Хуросон, Мовароуннаҳр, Бохтария ва Фарғона буданд.

---

[1] Қомьёбиҳои илмию амалии мактаби тиббии Гунди Шопур дар китоби *Юсуф Нуралиев* «Тибби давраи Абуалии Сино» (Душанбе, 1981, ба забони русӣ) ҷамъбаст карда шудаанд.

Дар боран ҳавзаи илмии Марога (қарни XIII) ва Самарқанд (қарни XV) ҳоҷати гап ҳам нест; аз он ки аъзои ҳавзаҳои номбурда осори илмиашонро ба тоҷикӣ менавиштанд, худаш пайдост, ки забони модарии аксари онон тоҷикӣ буд.

Аҷамиён дар дигар соҳаҳои илму фарҳанг низ анъанаҳои дерин ва ғание доштанд, ки ҳазор сол пеш аз аҳди ислом оғоз шуда буд. Аз ҷумла афкори фалсафии онон дар даврони қадим, дар замоне, ки ҳикмати юнонии тавассути тарҷумаи арабӣ ҳанӯз дастрас нашуда буд, ба сифати як ҷараёни мураккаби ғоявӣ вуҷуд дошт ва худ ба тафаккури мардуми юнонзамин таъсири судманде расонидааст.

Аз ин маънӣ беҳуда нест, ки баъзе мутафаккирони барҷастаи Аҷам (Форобӣ, Суҳравардӣ ва дигарон) маҳз ватани худро зодгоҳи фалсафа донистаанд. Чунончи, бино ба хабари Ибни Абӯсайбия (асри XIII), ки мазмуни як асари гумшудаи Абӯнасрро дар «Уюн-ул-анбо фӣ табақот-ил-атиббо» ном таърихномааш овардааст, фалсафа аввал «дар байни бобулиёне сурат гирифтааст, ки дар Эрон мезистанд» ва баъд аз он ҷо ба Миср, Юнон ва Сурия нуфуз кардааст.

Дар воқеъ, Аҷам фақат майдони муҳорибаи системаҳои «бегонанажод»-и фалсафи (аз қабили афлотуния, машшоъ ва қисман материализми атомистӣ) ва динию асотирӣ (буддоия, насттурия) набуд; маҳз дар муҳити маънавии Аҷам зардуштия, монавия ва маздакия барин ҷараёнҳои бонуфузи ғоявӣ ташаккул ёфтаанд, ки дар таърихи маънавиёти на фақат тоҷикону форсиён, балки инчунин араб-

ҳо, туркон ва дигар халқу кишварҳо, алалхусус юнониён (маздопарастӣ) ва румиён (монавия), нақши равшан гузоштанд.

Зардуштия анъанаи дерини хаттӣ дошт, ки аз худи Авесто[1] оғоз меёбад. Авесто яке аз қадимтарин осори маданин Шарқ буда, тақрибан дар аҳди ташаккули ёдгорин хаттии ҳиндувони бостонӣ Упанишадҳо мураттаб сохта шудааст. Анъанаи маздоию зардуштӣ дар адабиёт низ инъикос ёфтааст, ки ба форсии миёна ё зуфони паҳлавӣ (забони адабию расмии даврап Ашкониён ва Сосониён) иншо гардидааст. Дар ёдгориҳои маъруфи ин адабиёти пешазисломии Аҷам, махсусан «Бундаҳишн», «Меноги храд» ва «Шканд гумоник вичар», метафизикаи дуалистӣ, космологияи малоикавӣ, этикаи ҷавонмардии зардуштия мавриди тадқиқу такомул қарор гирифтанд.

Дар қатори осори хаттие, ки дар ибтидои аҳди ислом ба арабӣ ва дарӣ-форсӣ-тоҷикӣ тарҷума шудааст, китобҳои паҳлавӣ низ буданд. Аңа ҳамин тавр, бо хости таърих бори дигар муколамаи фарҳангии Юнону Эрон баргузор гардид, ки таи он ҷараёни баҳравархшавии дутарафаи Шарқу Ғарб боз ҳам қувват гирифт.

Маҳз илму ҳикмати юнонӣ буд, ки тавассути забони арабӣ дар Шарқи мусулмонӣ гус-

---

[1] Қадимтарин қисми Авесто ба ном Готҳо, ки таълимоти худи Зардуштро ба бар кардааст, дар қарни VII-и пеш аз милод сурат гирифтааст. Готҳо бори нахуст дар Бохтария дар охири қарни VI пеш аз милод тавассути алифбои оромӣ сабт шуда буданд. (Ниг. *Дандамаев М. А., Луконин В. Г.*, Культура и экономика Древнего Ирана, М., 1980).

тариш ёфта бо такони судмандаш дар Аҷам растохези маданияти моддию маънавии пешин ба вуқуъ пайваст. Дар адабиёти бадеӣ, фалсафа, санъати меъморию мусиқӣ ва расму ониии хоҷагидорию зиндагӣ анъанаҳое эҳьё шуданд, ки пеш аз аҳди ислом маъмул буданду асрҳои сонӣ рӯ ба нобудӣ овардаанд. Дар асарҳои як қатор муаррихон, адабиётшиносон ва забоншиносони советию хориҷӣ (Е. Э. Бертельс, А. Е. Бертельс, А. М. Беленицкий, А. Н. Болдырев, И. С. Брагинский, Н. Н. Неъматов, В. Б. Никитина, Б. Ғ. Ғафуров, Анри Корбен, Муҳаммад Муин, Эҳсони Табарӣ ва дигарон) ҷиҳатҳои тавааҷуҳманди ин падидаи фарҳангӣ мавриди таҳлилу таамулли илмӣ қарор гирифтаанд. Дар навиштаҳои зер бошад, сухан аз як ҷиҳати ҳанӯз тадқиқнашудаи растохези мазбур меравад, ки ба инкишофи афкори фалсафӣ оид аст.

Бо факту далелҳои нав ман собит карданиам, ки дар даврап Эҳьёи Аҷам чи файласуфони ҷудогона ва чи ҷараёнҳои томи динию фалсафӣ аз анъанаҳои фарҳангии зардуштию монавӣ илҳоми ғоявӣ гирифтаанд. Нақши равшани ин идомати маданиро дар эҷодиёти фалсафии Абӯалии Сино, хосса дар онтология ва космологияи ӯ, дидан мумкин аст. Аз худи он ки дар тарҳи космологии Абӯалӣ малоика чи нуфузе доранд, худи олам ба ақидаи ӯ чӣ гуна сурат пазируфтааст (тавассути судури зина ба зина), ҳаюлоро дар таквини ҷаҳони моддӣ чӣ мақомест ва ё нурро дар маънидоди аёнии назариёти муҷарради эшон (махсусан дар маънидоди судури ашьё) чӣ нисбатест, метавон хулоса баровард, ки Шайхуррапс аз анъ-

анаи пешини фарҳангии халқи худ пайваста баҳра бардоштааст.

Муаррихони хориҷӣ ҳангоми тавсифи сарчашмаи фалсафаи Буалӣ асосан ба таълимоти Арасту ва навафлотуния истинод мекунанд. Аз ҷумла мегӯянд, ки ӯ яке аз рукнҳои асосии космологияаш — ғояи қадим будани оламро аз натурфалсафаи Арасту гирифтааст. Баъзе мусташриқони Ғарб айнан ҳамин сароби таърихиро сурати ҳол донистаанд. Ва ҳол он ки ғояи мазбур дар замини улуми ақлии худи Аҷам решаи чуқуре дошт. Сарчашмаи аслии он космологияи дуалистии Авесто буд. Бино ба ақидаи анъанавии зардуштӣ, нахустмояи Коинот замони бекарон (дар истилоҳи Авесто зрвана акарена) ҳисоб мешавад, ки аз он ду худои мутазод — Ҳурмузд (холиқи хайр) ва Аҳриман (холиқи шар) пайдо шудаанд. Ворисии фирқаи зурвония даҳриён буданд, ки ба қавли Муҳаммади Ғазолӣ «Олам худ аз худ ҳамеша вуҷуд дошт ва холиқ надошт» гуфта талқин мекарданд. Даҳриён дар навбати худ нуқтаи асосии зурванияро зимни таълимоти Арасту онд ба модда ва сурат такмил дода ақидаи зерини космологиро баён намуданд. Нахустмояи Коинот макону замони беинтиҳост; охирӣ худи ҳамон ҳаюлоест, ки аз он бе иштироки офаридгор тамоми ҳастии моддӣ арзи вуҷуд кардааст. Агар ба ҳамин тариқ фалсафаи Абуалии Синоро аз ҷиҳати робитаи ирсии вай бо анъанаи фарҳангии тоисломии Аҷам амиқ тадқиқ кунем, мо ба як саволи мароқангези илмию таърихӣ ҷавоб ёфта метавонем; чаро Шайхурраис маҳз ба фалсафаи навафлотуния (таълимоти Плотину Прокл) рӯ

оварда? Муаррихони фалсафа бо як овоз мегӯянд: аслан ин ҷо иштибоҳ рафтааст—асаре, ки дар олами арабизабон бо унвони «Илоҳиёти Арасту» маъруф шудааст, аслан ба қалами як муаллифи гумноми сурьёни тааллуқ дошт; охирӣ онро аз осори Плотин ва Порфирий ҷамъ оварда ҳамчун таълифоти хоси машшоӣ интишор дода буд.

Вале худи ин даъво иштибоҳи илмист. Гап дар сари он аст, ки маҳз ба осори фалсафии Плотину Прокл рӯ овардани Абуалӣ бесабаб набуд; Шайхурраис дар осори атиқаи юнонӣ ақидаҳоеро дарьёфт, ки ба ақидаҳои аҷдоди ӯ ҳамоҳангӣ ва ҳамбастагӣ доштанд. Чунин таворуди афкор низ бесабаб набуд; таълимоти фалсафии навафлотуния худаш зимни илҳоми ғояви аз маздопарастӣ ва монигарӣ ба камоли маънавӣ расидааст.

Дар воқеъ, таълимоти навафлотуниро дар боби мабдаъ ва маод гирем. Унсурҳои ақидаи навафлотунӣ дар бораи аз иллати аввалӣ зина ба зина судур ёфтани ашьё дар Авесто зикр шудаанд: он ҷо марҳилаҳои гуногуни офариниш тавсиф ёфтаанд. Масалан, дар Готҳо овардаанд, ки хилқати олам аз офариниши тимсоли ашьё, барзагови ибтидоӣ) абулбашар ва ғайра оғоз шудааст. Дар зурвония бошад, ақоиди авестоӣ дар бораи офариниш дар чунин як шаклу мазмуне меояд, ки ба ғояи асосии космогонияи навафлотуния басе наздик аст. Зурвон (Замони Бекарон) тавассути як амали фикрӣ мавҷудоти гуногунро аз худ судур кардааст.

Ё гирем таълимоти навафлотунияро дар бораи суд (бозгаштан)-и ашьё ба мабдаъ. Ақи-

дан ба ҳамин монандро дар асари мазбури паҳлавии «Шканд гумоник вичар» пайдо кардан мумкин аст. Дар ин манбаи бостонӣ (охирӣ ба қавли мутахассисони таърихи тамаддуни эронии саршор аз афкори фалсафист) чунин омадааст: зиндагонии заминӣ, ки зотан як ҳалқаи чудогонаи силсилаи ҳаёти кайҳонист, баъди ба иҷро расидани вазифаи ба ӯҳдааш гузошташуда (несту нобуд сохтани тухми бадӣ дар оламн хок) дар маод ба ҳоли аввалаи осмонӣ (малакутӣ) боз мегардад.

Чун сухан аз эҳьёи унсурҳои фарҳанги пешинаи Аҷам меравад, як ҷиҳати масъаларо набояд фаромӯш кард: домани таърихии ин фарҳанг аз он, ки зимнан пиндоштанист, фарохтар аст. Ҳамоне ки ишора рафт, маданияти эронӣ қабл аз аҳди ислом, замонхое, ки Эрону Тӯрон ва Юнон дар арсагоҳи ҷангу ҷидол дучор наомада буданд, аз махзани тамаддуни классикии Аврупо баҳра бардошта буд. Вале фарҳанги бостонии Юнон ягона манбаи илҳоми эрониёни қадим набуд; барои барӯманд шудани замини маънавии Аҷам сарчашмахои ҳиндувон низ басе мусоидат кардаанд. Гузашт аз ин, «таъсири андешаи хиндӣ дар зиндагии маънавии Эрон аз таъсири юнонӣ на танхо камтар нест, балки ба маротиб бештар аст. Шеваи андарзнома ва корномаву оинноманависӣ дар даврони пас аз ислом маҳфуз монд ва эрониёну аъроб ба ин шева осори фаровоне тартиб додаанд».[1]

Ба тасдиқи хулосаи Эҳсони Табарӣ далел-

[1] *Эҳсони Табарӣ.* Бархе баррасиҳо дар бораи ҷаҳонбиниҳо ва ҷунбишҳои иҷтимоӣ дар Эрон. Теҳрон, 1348, с. 52.

ҳои бисьёре овардан мумкин буд. Дур нарафта бо як далели машҳур иктифо меварзем. Сухан аз сайри таърихии «Қалила ва Димна» ном ёдгории безаволе меравад, ки дар ганҷдонии адабиёти бадеии ҷаҳони мутамаддин мақоми хосе пайдо кардааст.

Чунон ки маълум аст, «Қалила ва Димна» аслан моли Ҳинд буда, унсурҳои муҳимми ахлоқу фалсафаи ҳиндувонро ба бар кардааст; таърихи таълифаш бошад, ба қарнҳои III—IV-и милодӣ рост меояд. Шояд аввалин забоне, ки ба он «Қалила ва Димна»-и ҳиндӣ нақл ёфтааст, забони форсии миёна буд (ин амр қарни шашум ҷомаи амал пӯшидааст). Сонӣ (қарни VIII) онро аз паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума карданд. Ниҳоят, навбати забони порсии дарӣ расид: нусхаи арабии «Қалила ва Димна» ба сайъу эҳтимоми Балъамӣ ба қолиби забони тоҷикӣ даромад ва худи ҳамон замон аз тарафи Рӯдакӣ ба риштаи назм кашида шуд. Дигар ҷузвиёти сайри таърихии «Қалила ва Димна»-ро баён накарда,[1] ҳамин қадарашро мегӯям, ки то охири қарни XV, яъне то худи интиҳои аҳде, ки ин ҷо «давраи Эҳьёи Аҷам» ном гирифт, «Қалила ва Димна» нуфузи худро дар муҳити фарҳангии Эрону Тӯрон нигоҳ доштааст.

Дар Аҷами бостонӣ баробари адабиёти бадеӣ ( ва баъзан тавассути он) фалсафаи ҳиндувон низ густариш ёфта буд.

---

[1] Дар ин бораниг.: *Абдулғанӣ Мирзоев*. Сездаҳ мақола. Д., 1977, с. 171—190; *Расул Ҳодизода*. Ҳикояти «Қалила ва Димна». Дар кит.: Қалила ва Димна (аз рӯи «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ). Д., 1979, с. 5—19.

Аз ин маънист, ки Қ. Маркс аз решаҳои таърихии фалсафаи асримиёнагии Арабу Аҷам гап кушода барҳақ маҳз таълимоти ширкии эронӣ (ба истилоҳи Маркс «дуализми форсӣ») ва афкори пантеистии ҳиндиро сарманшаи он ҳисоб карда буд.

Дар навбати худ як фикри дигарро изофа карданиям, ки буньёди мустаҳками таърихию фарҳангӣ дорад. Сухан аз ақидаи атомистӣ меравад, ки онро одатан зодаи муҳити фалсафии Юнон медонанд. Ба ақидаи ман, ин таълимот ба Аҷам аз Ҳиндустон ҳам омада метавонист, он ҷо як мактаби бонуфузи фалсафӣ (Қаннада) ташаккул ёфта буд, ки санаи таъсисаш ба замонҳои хеле қадим рост меояд. Шояд бесабаб нест, ки дар байни ҳомилону ҳомиёни атомизми геометрӣ (ақидае дар боби вуҷуд доштани ҳиссаи хурдтарин ва тақсимнопазири макон) Абӯрайҳони Берунӣ низ буд; барои шарҳ додани ин далел хотиррасон кардан кофист, ки Берунӣ аз фузалои қомусдоне буда, дар таърихи фарҳанги Аҷам ҳамчун донанда ва тарғибкунандаи илму ҳикмати ҳиндӣ шӯҳрат дорад.

Хулоса мекунам: даъвои тамаддуншиносони хориҷӣ дар бораи он ки гӯё дар Аҷам пеш аз аҳди ислом анъанаи фалсафие набуд ва гӯё дар муҳити маънавии Арабу Аҷам ҳикмати юнонӣ мисли унсури бегона пазируфта мешуд, пояи устувори таърихӣ надорад.

Худи фалсафа ҳамчун як соҳаи фаъолияти фикрию амалӣ ба аслу усули афкору аъмоли аҷамиён ҳаргиз бегона набуд. Бинои мӯҳташами илму ҳикмати асримиёнагини Аҷам бошад, дар болои чунин як таҳкурсии мустаҳками таъ-

рихию фарҳангӣ қомат афрохтааст, ки дар натиҷаи инкишофи ҳазорсолаи афкору афҳоми динӣ, асотирӣ, ахлоқӣ ва фалсафии мардуми таҳҷоии он буньёд ёфта буд. Маҳз ҳамин заминаи пурқуввати таърихию фарҳангӣ буд, ки ба эрониён имкон дод аввалин шуда ҳикмати юнониро пазирой намоянд ва пайваста инкишоф диҳанд. Гузашт аз ин, қобили ба қайди сабт кашидан аст, ки фалсафаи классикии арабуфорсизабон худ бештар бо саъю кӯшиши аҷамиён ташаккул ёфт ва маҳз онон қариҳои сонӣ ҳомилону ҳомиёни асосии илму ҳикмати шарқӣ буданд. Ва, чунон ки тамаддуншиноси муосири эронӣ Саидҳусейни Наср барҳақ мегӯяд, «метавон бидуни ҳеҷ шакку шубҳа аксар файласуфони исломиро эронӣ донист ва он чи ки дар билоди шарқии ислом дар риштаи фалсафӣ анҷом пазируфтааст, дар зумраи фалсафаи эронӣ шумурд, махсусан ки дар даврони баъдӣ Эрон сарзамини аслии фалсафаи исломӣ шуд ва дар ин билод буд, ки бузургтарини мутафаккирони давраи охир дар фалсафа зуҳур кардаанд»[1]

Саидҳусейни Наср муболиға накардааст.

Шашсад сол пеш аз ин мутафаккири барҷастаи араб Ибни Халдун дар «Муқаддима» ном асари таърихиаш овардааст, ки «ҷамеи мутахассисони сарфу наҳви (арабӣ) форсиён буданд», Ҷамеи олимони арабизабон ё худ эронӣ буданд, ё ба форсӣ ҳарф мезаданд ва ё форсидон буданд. «Агар илм дар арши аъло ҳам мебуд,— нигоштааст ӯ,— ба аҳли Форс дастрас мебуд».

---

[1] *Саидҳусейни Наср.* Маорифи исломӣ дар ҷаҳони муосир. Теҳрон, 1347, с. 19.

Аз ин рӯ, агар мақому нуфузи фарҳанги аҷамиро дар ташаккул ва тараққии «тамаддуни мусулмонӣ» ба мақому нуфузи маданияти юнонӣ дар инкишофи «тамаддуни насронӣ» мушобеҳ донем, ин қиёси таърихӣ амри воқеъ хоҳад буд.

... Чунон ки таърихномаҳои куҳан гувоҳӣ медиҳанд, аксар истилогарони саҳронишин бо мурури замон урфу одат ва анъанаи фарҳангии мардуми шаҳрнишини кишзарҳои мутамаддинро пазируфта, охиран ба муҳити кишварҳои зердастапон мутобиқ шуда рафтаанд. (Аҳолии таҳҷоии истилошуда бошад, дар баъзе мавридҳои таърихӣ забони аҷнабиёнро қабул кардаанд). Аз ҷумла, халқҳои аксар кишварҳое, ки арабҳои бодиянишин забт карда буданд, аз рӯи дараҷаи инкишофи иқтисодию иҷтимоӣ ва маданӣ аз истилогарон бартарӣ доштанд. Дере нагузашта инро худи халифаҳои аъроб дарк намуданд ва ин буд, ки ғолибомадагон ба тарҷума ва нақли осори маънавии мағлубшудагон пардохтанд.

Чунончи, дар аҳди хулафои аббосӣ, дар баробари манобеи суръёнӣ, юнонӣ ва ҳиндӣ, чандин асари паҳлавӣ ба арабӣ гардонида шуд. Аз нуфузи ин осор дар муҳити арабизабон факти зерин далолат мекунад: аз худи асри VIII сар карда андарзномаҳои паҳлавӣ дар таркиби «улуми адабия»[1] ҷой гирифтаанд, ки дар олами аъроб васоити таълиму тарбия ба шумор мерафт.

---

[1] «Улуми адабия» (фунуни адабия) гуфта маҷмӯи донишҳои ғайримазҳабиеро меномиданд, ки донистани онҳо барои ҳар як фарди соҳибмаълумот (ба истилоҳ адиб) шарт буд.

Аз гуфтаҳои болой набояд хулоса баровард, ки гӯё қавмҳои эронӣ як мардуми нодиру истиснописанде буданд, ки сар то сари рубъи маскун тухми тамаддунро кошта, худ аз касе чизе наомӯхтаанд. Асли ҳол, албатта, ин тавр нест ва буда ҳам наметавонист.

Дар осмони беҳадду ҳудуди ситоразор сайёрае кашф нашудааст, ки худаш ба сари худаш, берун аз робитаи гравитационӣ бе чирми мунир ва сайёраҳои ҳамҷавор вуҷуд дошта бошад. Дар таърихи инсоният низ тамаддунеро наметавон дарьёфт, ки фақат аз як манбаъ ғизои рӯҳӣ гирифта ва бо тамаддунҳои ҳамсоя муомилаи фарҳангӣ накарда худ аз худ инкишоф ёфта бошад.

Аз ин рӯ, чун сухан аз нашъунамои маданияти давраи Эҳьёи Аҷам меравад, бояд омилҳои дарунӣ ва беруниро дар ҷараёни пайвастагӣ ва таъсири мутақобили онҳо ба ҳисоб гирифт; дидаю дониста паст задан ва ё баръакс, аз будаш зиёд карда нишон додани мақому нуфузи яке аз ин омилҳо ҳам бар зарари илм асту ҳам бар хилофи ҳақиқати таърих.

Дар воқеъ, чунон ки аз ин пеш ишора рафт ва низ дар сафҳаҳои оянда зикр хоҳад шуд, решаи таърихии фарҳанги аҷамиён, бо вуҷуди барӯманд будани замини маънавиашон, аз чандин сарчашмаҳо об хӯрда, бозьёфтҳои маданин чандин халқҳои дуру наздикро таркиб кардааст.

Шеъри форсӣ-тоҷикиро гирем. Вай аз тақлид ба ашьори шоирони араб оғоз шуд. Маҳз арӯзи арабӣ буд, ки онро саромадони каломи бадеии Аҷам ба сифати қолиби шеъри навбуньёди дарӣ пазируфтаанд. (Гумон меравад,

ки арабҳо дар навбати худ қонунҳои арӯзро тақлидан ба вазни шеъри паҳлавӣ сохтаанд. Лекин ин далел чараёни суханро дигар намекунад.)

Сужети назму насри классикии моро намегӯед! Қиссаи «Лайлӣ ва Мачнун» айнан аз чумлаи чунин сужетҳои арабист, ки дар муҳити адабии Хуросони Бузург маъмул шудаст. Чандин шоири форсу тоҷик — аз Низомию Хусрави Деҳлавӣ то Шоҳину Тӯғрал дар ин мавзӯъ достон навишта дар арсагоҳи адаби Ховарзамин қувваозмоӣ кардаанд. (Дар таъйиди ин сухан боз ба «Вомиқу Азро» барин сужетҳои бадеӣ ишора кардан мумкин буд, ки аз адабиёти халқҳои дигар, аз чумла юнониён, тавассути арабҳо ба Ачам расида, миёни удабои онвақтаи мо баст ёфтаанд.)

Аз назари масъалае, ки мавриди андешаи мост, махсусан таърихи таълиф ва интишори афсонаҳои «Ҳазору як шаб» таваччӯҳангез аст.

Бино ба хабари муаррихони араб Масъудӣ ва Ибни Надим (қарни X), «Ҳазору як шаб» аслан моли эрониёни бостонӣ буда, дар аҳди ислом (қарни IX) ба арабӣ гардонида шудааст. (Нусхаи асли форсии он «Ҳазорафсона» ном доштаст). Вале гап дар сари он аст, ки варианти арабии афсонаҳои мазкура тарчумаи як бар яки матни форсӣ-тоҷикӣ набуд. Ташаккули «Ҳазору як шаб» то худи қарни XVI тӯл кашида, дар ин байн бо унсурҳои ҳамчинси арабӣ, ҳиндӣ ва мисрӣ омехта шуд. Ва ҳарчанд ки риштаи асосии сужет ва сохти бадеии афсонаҳо тағйир наёфтааст (дар ҳамаи вариантҳои баъдина гӯянда ва гирдоварандаи қиссаҳои ачоибу ғароиб ҳамон духтари эронӣ

Шаҳрзод аст), ин шоҳасари классикиро ба як халқу кишвар мансуб донистан ғалат аст. Барои мо ҳаминаш муҳим аст, ки «Ҳазору як шаб» як қисмати ҷудонашавандаи мероси фольклории ҷаҳони мутамаддин ба ҳисоб меравад. (Аз рӯи маълумоти андухтаи ЮНЕСКО фақат дар арзи 25 соли охир афсонаҳои мазкур дар 40 мамлакат нашр шуда навиандагон, рассомон, бастакорон ва хореографҳои гуногунзабону гуногунмазҳабро илҳоми эҷодӣ бахшидаанд.)

Таърихи тамаддуни башарро ба шаҳрӯди сершохобе ташбеҳ додан мумкин аст. Шохобаҳои ҷудогонаи ин шаҳрӯд аз сарчашмаҳои гуногуни маънавӣ ибтидо гиранд ҳам, охиран ба як ҷараёни бузург табдил меёбанд. Вобаста ба шароити конкретии таърихии давра ё ҷамъияти муайян ин ё он шохобаи тамаддун сероб тар гардидааст ва ё, баръакс, хушк шуда рафтааст, вале худи шаҳруд маҷрояшро дигар накардааст — оби пурғанҷаш ҳамоно ҷорист ва бешак ҷорӣ хоҳад буд.

Ҳар халқу кишвар аз рӯи имкону ҳимматаш ба махзани илму маданияти куллии башар ҳам ҳисса гузоштаасту ҳам ҳисса бардоштааст. Ва маҳз равобиту таъсири мутақобили таърихию фарҳангӣ мояи инкишофи маънавии авлоди башар будаст ва мебошад.

РУҶӮИ ДУЮМ

# ДАР ЧОРСӮИ ТАЪРИХ(II)

## Муколаман фарҳангии Ховару Бохтар

Аҷамро аҷаб як сарнавишти таърихӣ насиб шудааст!

Овардаид, ки дуним ҳазор сол пеш аҷдоди мо дар гулӯгоҳи Босфор пули шиноваре сохта, бори нахуст дар таърихи ҷаҳон соҳилҳои ду қитъа — Аврупою Осиёро ба ҳам пайвастаанд...

Ин як амри рамзӣ буд, ки аз мақоми хоси аҷамиён дар таърихи тамаддуни башарӣ дарак медиҳад. Дар воқеъ, маҳз Эрони Бостон буд, ки бо гаҳворан маданияти классикии Ғарб — Юнони Қадим бори аввал робитаи маънавӣ барқарор намуда, ба муколамаи фарҳангии Бохтару Ховар такон дод.

Ҳоло бисьёр тамаддуншиносони советию хориҷӣ мӯътақиданд, ки риштаҳои зиндагии фикрӣ ва маънавии Эрони Бостон, ба хосса кеши маздопарастӣ маъруф ба фалсафаи муғон, ба ҷараёни ташаккули афкори фалсафию бадеии юнониёни қадим таъсири судманде расонидааст. Маълумоти таърихию фарҳангис, ки дар тӯли даҳсолаи охир андӯхта шудаанд, ин ақидаро боз ҳам қувват медиҳанд. Нақши

банури фалсафаи муғонро на фақат дар эҷодиёти Афлотун ва Евдокси Книдӣ, балки инчунин Анаксимандру Ҳераклит, Анаксагору Демокрит, Суқроту Арасту ва дигар бузургони илму фалсафаи атиқа низ дидан мумкин аст. (Дар омади гап гӯям, асре чанд пас маздоия дар навбати худ аҳкомашро тавассути фалсафаи юнонӣ инкишоф дод.)

Назариёти ғайримазҳабии эронӣ оид ба сиёсат ва ахлоқ дар нашъунамои фарҳанги юнонӣ мақоми хосе дошт. Сухан аз андарзномаву оинномаҳои Эрони Бостон меравад, ки ба муҳити маънавии Юнон роҳ ёфтаанд ва тавассути тарҷума (аввал аз забонҳои суғдӣ ва паҳлавӣ, сонӣ аз порсии дарӣ) дар байни ашрофи ақлия мунташир шуданд. Ин далели таърихӣ ба дараҷае маъмул будааст, ки ҳатто дар адабиёти бадеӣ низ сабт гардидааст. Чунончи, дар осори Низомии Ганҷавӣ омадааст, ки:

Хирадномаҳоро зи лафзи дарӣ
Ба юнонзабон кард кисватгарӣ.

Гузашт аз ин, юнониёни бостонӣ на фақат таълимоти фалсафӣ, динӣ ва ахлоқии эрониён, балки инчунин унсурҳои ҷолиби диққати маданияти моддӣ ва урфу одатҳои анъанавии онҳоро низ пазируфтаанд. Кор ба дараҷае расида буд, ки аҳли дарбори Искандари Мақдунӣ ӯро барои тақлиду тарғиби анъанаҳои фарҳангӣ ва коргузории эронӣ айбдор кард. Оварданд, ки яке аз сабаб (дурусттараш: баҳона)-ҳои ҳуҷуми Искандари Зулқарнайн ба Эрону Тӯрон маҳз ҳамин буд: гӯё ба ин васила ӯ

мехост эътиқоду эҳтироми дарбориёнро ба худаш аз нав барқарор созад...

Умуман таъсири мутақобили тамаддунҳои Шарқу Ғарб анъанаи дерин ва ғании таърихӣ доштааст. Вале дар таълифоти илмии таърихӣ басе шудаст, ки тафсири ин ё он воқеоти сиёсӣ ба мадди назар баромада, ҷараёни баҳраваршавии маданияи халқҳои гуногунзабону гуногунмазҳабро панаҳ кардааст. Аз ҷумла, сухан аз тақдиру тақвими таърихии истилои юнонию мақдунӣ меравад. Бобоҷон Ғафуров аз ҷумлаи аввалин муаррихони советӣ буданд, ки оқибатҳои ба империяи Искандари Мақдунӣ ҳамроҳ карда шудани Аҷамро мавриди баздиди назар қарор додаанд. Б. Ғ. Ғафуров ба доираи тадқиқоти худ маълумоти навини илмиро онд ба робитаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Ховару Бохтар ҷалб намуда тавонистаанд, ки маънидоди яктарафа ва баъзан илман хатои ҷараёни эллинизониши Эрону Нейронро рафъ созанд ва панорамаи рангини таъсиру тақоруби тарафайнро ба қалам оранд. Муаллиф зимни таъину таъкиди аслӣ будани анъанаҳои маданияи суғдиён, бохтариён, хоразмиён ва дигар ниёгони халқи тоҷик ба хулосаи зерин омадаанд: «Мубодилаи байналхалқии мол, ҷойивазкунии анбӯҳи мардум дар ҷараёни савдо, ҷангҳо ва муҳоҷират боиси дар кишварҳои Ғарб ба ҳадди калон густариш ёфтани маданияти моддию маънавии халқҳои Осиёи Миёна гардид». Ва аз ин ҷиҳат тамаддуни эллинӣ ба маънии васеи ин мафҳум зотан «маҳсули ақлу заковати бисьёр халқҳо: юнониён, аҳолии маҳаллии мамлакатҳои Шарқи Наздик ва Миёна инчунин халқҳои Мовароуннаҳру Ху-

росон ва Ҳиндустон мебошад»[1]. Аз ҷумла санъати эллинизм, маъруф ба «санъати Қандаҳор аслан дар натиҷаи таркиби дастовардҳои бадеии мардуми Юнону Эрон ва Ҳиндустон (махсусан дар ҷанбаи ҳайкалтарошӣ аз санг) сурат гирифтааст. Дар оғози асрҳои миёна бошад, санъати Қандаҳор дар навбати худ ба ҷараёни ташаккули ҳунари муҷассамасозӣ дар Хуросони Бузург ва Осиёи Шарқӣ таъсири судманд расонидааст.

Равобити фарҳангии Эрону Юнон махсусан дар давраи Сосониён қувват гирифтааст. Ба ин алалхусус як воқеаи нохуши таърихӣ мусоидат кардааст. Аввал дар Юнон, сонӣ дар Рум бо фармони ҳокимони ҷоҳилатпешаи онҷои марказҳои онвақтаи илму фарҳанги ҷаҳонӣ — мактаби Эдес, академияҳои Искандарӣ ва Афина баста шуданд. Аъзо ва кормандони ин муассисаҳои тадқиқотии аврупоӣ бо даъвати Хусрави Анӯшервон ба Эрон кӯчида омада, бидуни ягон душворӣ фаъолияти эҷодии худро идома доданд. Ин факти таърихӣ ба сари худаш бояд мавриди андешаи махсус қарор гирад: вай гувоҳ аст, ки он вақт ду кишвари мутақаддиму мутамаддин, бо вуҷуди дар китъаҳои гуногуни рубъи маскун воқеъ будашон ва аз сарчашмаҳои гуногуни таърихию маданӣ об хӯрданашон, аз рӯи дараҷаи инкишофи фарҳангу маърифат чандон фарқ намекардаанд, вагарна мутафаккирони муҳоҷири юнонӣ дар ҳоли ниҳоле мебуданд, ки аз замини барӯманд ба хоки мурда кӯчат шудааст...

Дар аҳди Эҳёи Аҷам навбат боз ба юно-

[1] *Б. Ғафуров.* Таджики. М., 1972, с. 127.

ниён расид. Маҳз ҳикмати юнонӣ буд, ки ба ташаккули афкори фалсафию бадеии тоҷику форс такони зӯр дод. Маҳз осори хаттии Юнону Рум буданд, ки дар баробари маънавиёти ҳиндувон барои рушду камоли тафаккури илмию фалсафии Закариёи Розию Абӯнасри Форобӣ, Абӯалии Синою Абӯрайҳони Берунӣ заминаи таърихӣ шудаанд. Таълифоти ин намояндагони барҷастаи илму фарҳанги Аҷам бошанд, аз асри XII сар карда тавассути тарҷумаи лотинӣ ба аҳли илму фалсафаи Аврупо дастрас шуда, то худи оғози давраи Ренессанс боиси ривоҷу равнақи фарҳанги Ғарб гардиданд. Бино ба маълумоти андӯхтаи Забеуллоҳи Сафо, дар арзи қарнҳои XI—XII дар Аврупо бештар аз 300 китоби илмии муаллифони Аҷаму Араб ба лотинӣ тарҷума шудаст, ки аз онҳо ҳеҷ набошад 100-тояш ба қалами муаллифони тоҷику форс тааллуқ доштаанд.

Дар Аврупои онвақта махсусан доираи нуфузи асарҳои илмӣ, фалсафӣ ва тиббии Ибни Сино васеъ буд. Дар байни аввалин китобҳое, ки дар Аврупо чоп шудаанд (соли 1473), «Ал-Қонун»-и ӯ низ буд; минбаъд тарҷумаи лотинии ин қомуси илмҳои тиб боре чанд аз нав нашр гардид. Дар бораи то чи андоза баланд будани дараҷаи нуфузи илмии «Ал-Қонун»-и Ибни Сино ҳукм кардан як ба роҳнамои тиббие рӯй овардан кофист, ки дар қарни XV дар Италия интишор ёфтааст: дар он китоб номи Бӯалӣ бештар аз 3000 маротиба зикр шудааст ва ҳол он ки ба Буқрот барин табиби маъруфи юнонӣ ҳамагӣ 140 маротиба истинод рафтааст. Таваҷҷӯҳи илмӣ ва амалӣ ба «Ал-Қонун» дар тӯли 300 соли оянда низ накоҳи-

дааст. Чунончи, дар университети немис воқеъ дар Йена то худи қарни XVIII илми тибро аз рӯи китоби Ибни Сино дарс медоданд. Аз обрӯю эътибори Бӯалӣ дар Аврупои онвақта ҳукми зерини Буонарроти Микеланҷело баръалоина гувоҳӣ медиҳад: «Тарафи Ҷолинус ва Ибни Синоро гирифта хато кардан беҳ аст аз зимни дастгирӣ намудани дигарон ҳақ будан».

Нуфузи маънавии таълимоти фалсафии Бӯалӣ аз ин ҳам бештар ва амиқтар буд. Дар истилоҳоти фалсафии Ғарб ҷой гирифтани *«Аристотелизми авиценистӣ»* ва *«августинизми авиценнонидашуда»* барин мафҳумҳои таърихӣ худаш ба худаш далели ҷолиби диққат аст. Таълимоти онтологӣ, гносеологӣ ва этикию эстетикии Ибни Сино аз тарафи муҳити ақлияи як қатор кишварҳои Аврупо — Франция, Германия, Италия ва Англия пазируфта шуд ва аксуламали хосе ба миён овард. Ақидаи Бӯалиро дар бораи қадимӣ будани Олам Боэцийи Дакийӣ, назарияи маърифати ӯро Алберти Кабир, метафизикаашро Дунс Скотт, фалсафаи сиёсиашро Роҷер Бэкон инкишоф доданд, дар ҳоле, ки Фомаи Аквинӣ ба омӯзиши Шайхурраис дар боби мазмунан аз ҳам фарқ доштани категорияҳои моҳият ва вуҷуд мароқ зоҳир карда, онро бар буньёди ақидаи хоссаи теологию фалсафиаш гузоштааст.

Аҷаб нест, ки Декарт низ ҳангоми ба риштаи таҳрири фалсафӣ кашидани қазия (тезис)-и машҳури худ «дар андешаам, пас вуҷуд дорам» аз таълимоти Бӯалӣ илҳом гирифтааст. Инчунин тахмин кардан ҷоиз аст, ки Спиноза маҳз майлу маслаки материалистии афкори Ибни Синоро, ки аз аввал равиши пан-

тенстӣ дошт, қавитар карда, онро то дараҷаи як системаи томи фалсафӣ расонидааст. Нақши равшани ғояҳои мутафаккири моро инчунин дар эҷодиёти шоири маъруфи итолиёвӣ Данте Алигьерӣ ва таълифоти илмии яке аз саромадони илмии фалакшиносии Аврупо астрономи немис Иоганн Кеплер дидан мумкин аст.

Миқьёси таърихӣ ва дараҷаи нуфузи ғоявии Абӯалии Синоро дар муҳити фарҳангии Аврупои Ғарбӣ аз рӯи маълумоти андӯхтаи муҳаққиқи фаронсавӣ хонум Амалӣ-Мария Гуашон ба худ тасаввур кардан мумкин аст. Доираи таъсири мутақобили фалсафаи Шарқу Ғарбро зимни маълумоти ғании таърихие, ки А. М. Гуашон дар қалам овардааст, муайян кардан мумкин аст. Ӯ дар асари маъруфаш «Фалсафаи Ибни Сино ва нуфузи он дар Аврупои қуруни вусто» чунин навиштааст: «Дар асрҳои миёна ягон асари мутафаккирони мо (Аврупои Ғарбӣ — А. Т.)-ро наметавон ном гирифт, ки муаллифаш муносибати худро ба фалсафаи Ибни Сино муайян накарда бошад. Таълифоти фалсафии ононро ҳар қадар амиқтар омӯзем, ҳамон қадар боварӣ ҳосил мекунем, ки Ибни Сино на фақат манбаи илҳом, балки инчунин яке аз муаллимони тафаккури эшон будаст. Бӯалӣ аз ҷумлаи он ашхоси нодиру мӯътабаре буд, ки ба ӯ Мағрибзамин баъд аз сари Августини Саид, Арасту, Бонавентура ва Иоанни Дамаскин истинод мекард. Албатта назарияҳои ӯ мавриди муҳокима ва раддия қарор мегирифтанд, вале миқьёси таъсири ғоявии онҳо чунон калон буд, ки гуфтан душвор аст, агар Ибни Сино намебуд, афкори

илмию фалсафии ғарбиён дар асрҳои миёна чи гуна чараён мегирифт»[1].

Ф. Энгельс аз мақоми чаҳонии фалсафаи классикии арабу тоҷикзабон гап кушода ҷанбаи «озодандешии зиндадилона»-и онро махсус қайд кардааст, ки сонитар ба Аврупои Ғарбӣ нуфуз карда, ба ташаккули материализми қарни XVIII заминаи маънавӣ шудааст. Дар адои ин хизмати бузурги таърихию фарҳангӣ махсусан ҳиссаи Абӯалии Сино калон аст.

Факту далелҳое, ки зикрашон дар боло гузашт, аз *ягонагии буньёди тафаккури одамӣ,* аз *ваҳдати қонуниятҳои ташаккул ва тараққии он* далолат мекунанд.

... «Чун Шарқ Шарқ асту Ғарб — Ғарб, онҳо ҳеҷ гоҳ ҳамбару ҳамназар нахоҳанд шуд!» — ин хитобномаи зоҳиран муассиру ботинан ғалате, ки як вақтҳо нависандаи англис Ҷозеф Киплинг пеш ниҳода буду сонитар вирди забони ҳомилону ҳомиёни ақидаи аврупопарастӣ шуда монд, аз худи аввал нақши равшани идеологӣ ба худ дошт.

Аз таърихи инсонияти мутараққӣ бо камоли аёнӣ бармеояд, ки дар асли ҳол пешрафти маънавии ҷамъият маҳз дар шоҳроҳи *муколамаи фарҳангии Ховару Бохтар* амри воқеъ мегардид. Чунин муколамаи эҷодӣ, ки ҳанӯз дар аҳди қадим оғоз шуда буд, пеш аз ҳама дар соҳаи илму фалсафа сурат гирифта, замону маконҳои мухталифро ба ҳам мепайваст. Ҳамин нуктаро бояд махсус таъкид кард, ки ин

---

[1] *А. М. Гуашон.* Фалсафаи Ибни Сино ва нуфузи он дар Аврупои қурунӣ вусто. Нью Деҳлӣ, 1969, с. 104 (ба забони англисӣ).

алоқаи маънавӣ маҳз дар шакли *муколама* (диалог) ба амал омадааст, яъне бар пояи *равобити дутарафа* қарор гирифта буд; зимни ин қобили қайд аст, ки ташаббускори аввалаи ин мулоқоти таърихӣ машриқиён будаанд.

Мутаассифона, барои бо маҷрои калон ва суръати тез ҷараён гирифтани ин амри муфид бисьёр омилҳои таърихӣ мусоидат накардаанд; онҳо мисли хурофоти динӣ чашми миллатҳои ҷудогонаро хира, ҳиссиёташонро заиф, зеҳнашонро кунд ва дилашонро сард кардаанд. Дар натиҷа анъанаи муқобилгузории фарҳангии Ховару Бохтар ба расмият даромад, ки аз Ҳеродот ва Арасту барин бузургони замони атика сар шудааст. Дар назари муҳаққиқоне, ки Ғарб (дар мавриди мазкур Аврупои Ғарбӣ) ҳамеша сароғоз ва маркази асосии тамаддуни башарӣ буд, Шарқ фақат ба сифати як мафҳуми ҷуғрофӣ вонамуд мегашт. Чунончи, Гегел — яке аз фозилтарин ва бонуфузтарин арбоби илму фарҳанги Аврупои асри XIX — анъанаҳои давлатдорӣ ва маданияи мардуми машриқзаминро наҳ зада, худи Ховарро аз ҷараёни таърихи умумиҷаҳонӣ бароварда партофта буд. Ба қавли ӯ, Шарқ зотан ба «таърихи ғайритаърихие» тааллуқ дорад, ки он аслан ба худи рӯҳи прогресс тамоман бегона аст. Аз ин рӯ, байни таърихи «Шарқи барбарӣ» ва «Ғарби мутамаддин» фақат робитаи беруна барқарор кардан мумкин аст; онҳо аз ҷиҳати тафаккуру тамаддун ба ҳам комилан муқобил буда, ягон робитаи ирсӣ надоранд. Зимнан, маҳз ҳамин ақидаи зотан ғалат, ки онро метавон «аврупоцентризми идеологӣ» номид, шиори ҳангоматалабонаи он мустамликаҳоҳони аврупоию

америкой қарор гирифта буд, ки як вақтҳо кишварҳои ситамкаши Осиёю Африқоро ваҳшиёна истило намуда, худро муддаиёни маданияти ҳақиқӣ метарошиданд. Ин хурофот ҳанӯз ҳам аз муҳити маънавии Ғарб комилан рафъ нагардидааст ва мисли пештара решаи назарияҳои нав ба нави идеологиро ғизои рӯҳӣ мебахшад.

Ҳатто дар адабиёти навини ховаршиносӣ ҳанӯз нақши банури «аврупоцентризми идеологӣ»-ро дидан мумкин аст. Чунончи, шарқшиноси маъруфи америкой М. Уилер, муаллифи «Шӯъла дар Тахти Ҷамшед — нуқтаи гардиши таърих» ном як рисолаи ҷиддии тадқиқотӣ, «Шарқи фартут» ва «Ғарби мутараққӣ»-ро ба ҳам муқобил гузошта, дар зимни таҳлили қиёсии услубҳои бадеии Юнону Эрон осори меъмории Тахти Ҷамшедро ба ин тариқ шарҳ медиҳад: «Муҷассамаҳои Тахти Ҷамшед (ҳатто дар сурати ба услубҳои як андоза аз даҳон мондаашон гузашт кардан ҳам) тавре менамоянд, ки гӯё онҳоро зиндониҳое тахти назари посбонон сохтаанд. Дар ин муҷассамаҳо одамони зинда не, балки фақат як навъ зотҳои «берангу бӯй» тасвир шудаанд; офаридаҳои мазкур орӣ аз эҳсос буда, ба ҳадди дилгиркунанда бесимоанд»[1]

Сатре чанд поёнтар Уилер даъвою эроди худро хулоса карда навиштааст: «Дар шӯълаи Тахти Ҷамшед тамоми тамаддуни Шарқи Миёна несту нобуд шуда, бароящ замонҳои ҷӯшу хурӯши эҷодӣ, агар ба вай умуман ягон вақт чунин фаъолиятмандии маънавӣ хос бошад,

---

[1] *М. Уилер.* Пламя над Персеполем. М., 1972, с. 41.

ба куллӣ гузашта рафтанд... Бечиз нест, ки силсилаи беохири маҳзуну дилгиркунандаи аскарон ва хабаркашони касбии бо диққати тамом дар санг тарошидашуда ва суфтаву ҷилододашуда дар ҳар ду тарафи зинапояҳои дарбор маросими дафнро ба хотир меоранд»[1]. Комилан табиист, ки муаллифи чунин тафсиру тақдири бетаваҷҷӯҳ бештар ва асосан таъсири тамаддуни ғарбиро ба тамаддуни шарқӣ зикр карда, ҳиссаи охириро ба инкишофи аввалӣ ба ҳадди кеҳин (минимум) мерасонад. Ва ҳол он ки аз мавқеи назари таърихи умумиҷаҳонӣ худи мафҳумҳои Шарқ ва Ғарб холӣ аз маънии илмианд ва кайҳост, ки ба *стереотипҳои методологӣ* мубаддал шуда мондаанд.

Охир, мафҳумҳои мазкур дар мавриди беҳтарин ба баъзе гурӯҳҳои халқҳо мутааллиқанд. Гузашт аз ин, халқҳои гуногун ба онҳо маъноҳои гуногун медоданд ва ҳам маъноҳои мазкур бо мурури замон тағйир ёфтаанд. Пас, тафовути Шарқу Ғарб маънои хоси *таърихию фарҳангӣ* надорад.

Идеологҳои муқобалаи Шарқу Ғарб (махсусан онҳое, ки Аврупоро нофи тамаддуни ҷаҳонӣ пиндошта, гузаштаи соири халқу кишварҳои Осиёю Африқоро наҳ мезананд) гӯё намедонанд, ки ҷамеи маълумоти андӯхтаи илми муосир аз ягонагии ҷисмонию антропологии инсоният далолат мекунанд.

Аз он миён алалхусус як факти таърихиро хотиррасон кардан салоҳ ва айни муддаост.

Қавму қабилаҳое, ки буньёди миллатҳои мутамаддини Аврупои ҳозираро ташкил до-

---

[1] *М. Уилер.* Пламя над Персеполем. М., 1972, с. 41.

даанд, бо тоифаҳое, ки аз онҳо халқҳои «барбари»-и Осиё (Осиёи Пеш) ташаккул ёфтаанд, як вақтҳо *ҳамнажоду ҳамзабону ҳамфарҳанг* будаанд. Ман таърихи ба истилоҳ ҳиндуаврупоиёнро дар назар дорам. Солҳои охир ҷузъиёти нави ташаккул ва тафриқаи баъдинаи онҳо кашф шуд. Ниёгони халқҳое, ки ҳоло аз нимҷазираи Пиреней кашида то Ҳиндустон, аз ҳозира Британияи Кабир сар карда то доманаи кӯҳсори Эрон маскунанд, дар ҳазораи чоруми пеш аз солшумории милодӣ ва ё аз ин ҳам барвақттар як тоифаи бузурги одамиро ташкил медоданд, ки дар як ноҳия зиста ба як забони муштарак ҳарф мезаданд.

Пеш муаррихон гумон доштанд, ки ин тоифа аввал дар Аврупои Марказӣ ва ё ноҳияҳои шимолии Баҳри Сиёҳ мезистанду сонӣ ба тарафҳои дигар нуфуз намуда, охиран ба қавму қабилаҳои ҷудогона тақсим шуда, дар ҳозира территорияи Аврупои Ғарбӣ, Аврупои Шарқӣ, ва Осиёи Марказӣ қарор гирифтаанд. Вале бино ба тадқиқоти навин[1], ватани аслии ҳиндуаврупоиён *Аврупо* не, балки хоки қадимаи *Шарқи Наздик* будааст. (Олимон ба ин хулоса дар натиҷаи тадқиқу тафтиши дуру дарози забону фарҳанг, урфу одат ва афкору аъмоли аҷдоди бостонии мо омадаанд; маълум шуд, ки маданияти моддию маънавии ҳиндуаврупоиён типологан ба доираи тамаддунҳои қадимии шарқӣ мансуб аст. Гузашт аз ин, асотири ҳиндуавропоӣ на фақат аз ҷиҳати типологӣ, балки аз лиҳози шаклу мазмун — сужет ва

---

[1] Ниг.: *Т. В. Гамкрелидзе, Вяч. В. Иванов.* Индоевропейский язык и индоевропейцы. Тбилиси, 1982.

образҳои бадеӣ — низ ба анъанаи устуворагӯии шарқӣ ба куллӣ шабоҳат доштааст).

Далелҳои мавҷудаи илмӣ инчунин гувоҳӣ медиҳанд, ки як қисми тоифаҳои ҳиндуаврупоӣ тавассути Осиёи Марказӣ ба заминҳои тарафи Ғарб кӯчидаанд. Аз ин ҷост, ки дар забонҳои турку муғулӣ, онасоӣ ва ғайра нақши равшани калимоту истилоҳоти ҳиндуаврупоӣ боқӣ мондааст. Чунон ки аз таҳлили қиёсии воҳидҳои иқтибосшуда бармеоянд, онҳо зотан калимаҳоеанд, ки мутааллиқ ба лаҳҷаҳои забонҳои қадимаи эронӣ буда, зимни таъсири мутақобил бо қавмҳои бодиянишин аз як забон ба забони дигар гузаштаанд. Аз ин пеш бошад, забони ҳиндуаврупоиён дар навбати худ аз ҳисоби лексикаи забонҳои маҳаллии сомӣ, оромӣ ва қибтӣ (мисрӣ) ғанӣ шуда будааст. (Ин далели таърихии лингвистӣ худ гувоҳии он аст, ки маскани аввалан ҳиндуаврупоиён ноҳияҳои ҷанубу шарқии баҳри Миёназамин буд).

Ба ҳамин тариқ, ҳар қадар ба қаъри таърих фурӯ равем, ҳамон қадар боварӣ ҳосил мекунем, ки ҳама авлоди одаманду обу дони ҳама аз азал якест. Бо забони фасеҳу ҳикматомези Саъдии бузургвор гӯям.

> Банӣ—одам аъзои як пайкаранд,
> Ки дар офариниш зи як гавҳаранд...

Дар назари аввал таърихи башарият — таърихи тафриқаи забонӣ, синфӣ, миллӣ ва мазҳабисту бас. Ва ҳол он ки тафриқаи мазкура амри диалектикист: зимни вай тамоюли акс низ қувват мегирад, ки иборат аз майли азалист ба таркибу ваҳдат. Ин тамоюли таърихӣ бошад, аз қадимулайём ин ҷониб ба воситаи равобити мутақобили фарҳангӣ амал мепази-

рад. Маҳз маданияти гуманистӣ буд, ки дар қатори киштиҳои тиҷоратӣ бандарҳои мухталифи тамаддуни инсониро ба ҳам мепайваст ва ҳамоно мепайвандад.

Умуман гӯем, дар таърихи одамизод тамаддунеро наметавон дарьёфт, ки худ ба сари худ, бидуни робитаи мутақобила бо тамаддунҳои дигар ташаккул ва тараққӣ карда бошад. Асли ҳолро аз мавқеи назари материализми таърихӣ тақвим намуда метавон хулоса баровард, ки таъсири мутақобил аз омилҳои асосии инкишофи тамаддунҳои башарӣ будаст. Бо забони шоиронаи Абдулқодири Бедил гӯям:

Иртиботи маонии аҷдод
Маркази ихтилофу истеъдод

Ин ҷо як нуктаи муҳимро бояд махсус таъкид карда гузашт, ки дар худи сархатти ин фасл зикр шудааст: иртиботи фарҳангии халқу миллатҳои мухталиф аксаран дар шакли муколама сурат гирифтааст ва барои ҳар ду тараф судманд будааст. Ба махзани тамаддуни ҷаҳонӣ ҷамеи халқҳои дуньё — хоҳ кабиру хоҳ сағир, хоҳ «куҳанпир»-у хоҳ «ҷавонрой» — мувофиқи имкону ҳиммати хеш саҳм гузоштаанд. Аз ин рӯ, дар илми таърих, махсусан дар тамаддуншиносии таърихӣ, маҳз *методологияи интернационалистӣ* бояд аз пояҳои асосии тадқиқот бошад. Ба муаррихи марксист худситоии миллӣ, сафедкунии саҳифаҳои ҷудогонаи таърихи халқ, идеализацияву болобардориҳои хилофи ҳақиқат бояд тамоман бегона бошад. Дар воқеъ, ҳодисоти аҳди пешинро аз назари маҳдуди як миллат таърифу таъбир карда, аз мавқеу мақоми аслии миллатҳои дигар чашм пӯшидан чунон як кори ғарибу ғалатест, ки ба

худи мақсаду мароми илми таърих, мазмуну моҳияти гуманистии он ҳеҷ мувофиқат намекунад. Ин нуқта дар сарҳати таълифоти машҳури марҳум Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон», ки сар то охир аз мавқеи интернационалистӣ навишта шудааст, возеҳу равшан сабт гардидааст. Таърихи миллати тоҷик, ҳиссаи хоссаи ӯро ба ганҷдони тамаддуни башарӣ танҳо дар ҷараёни робитаи ботинию зоҳирии вай бо таърихи дигар халқҳои Шарқи Наздик ва Миёна тадқиқу тақдир кардан ҳам шарт ва ҳам зарур аст. Инро ҳам ҳақиқати таърих ва ҳам роҳномаи марксистии илми ҷамъиятшиносӣ талаб мекунад.

Методологияи марксистии таърихшиносӣ бошад, махсусиятҳои инкишофи халқу кишварҳои гуногунро рад накарда дар айни замон ваҳдати диалектикии заминаи таърихии онҳоро таъкиду таъйид менамояд. Ҳақиқатан ҳам ҷамъияти инсонӣ бо вуҷуди он ҳама парокандагию зиддиятҳое, ки дар тӯли таърих ӯро хос буданд ва ҳоло ҳам хосанд, бар пояи қонунҳои муштараки ташаккулу тараққӣ қарор гирифтааст.

Хулосаи калом

Мо, ки дар боғи ҳаётем чу нахли наврас,
Эътиқоде дорем,
Ки на Шарқ асту на Ғарб аст,
Само бепоён,
Ки на Шарқ асту на Ғарб аст,
Ба даври гузарон,
Ду писар ҳаст падаррову на Шарқ аст на Ғарб,
Субҳу шом аст.
Замин ҳаст,
Ки бо ҳарфи калон,
Номи некаш ҳама гиранд ба ҳурмат ба забон.

*(Олҷас Сулаймонов)*

## РУҶӮИ СЕЮМ

# ОДАМ ВА ОДАМИЯТ (I)

### Баҳси методологӣ

Инак, дар арзи қарнҳои IX — XVII Аҷам ба пояи баланди тараққиёти иҷтимоию фарҳангӣ расида, ба сони миное сар то сари Ховарзамин роҳнамои тамаддун буд. Зубдаи ин комьёбии маънавӣ — гуманизми олишон аст, ки онро айнан иборати рӯҳи эҳьёии Аҷам донистан шояд.

Гузашт аз ин, чунон ки дар адабиёти ховаршиносии советӣ зикр шудааст, мафҳуми гуманизм маҳз дар муҳити фарҳангии Аҷам бори нахуст ифодаи истилоҳӣ ёфтааст; аз замони Саъдӣ ин ҷониб чи эрониёни шарқӣ (тоҷикон) ва чи ғарбӣ (форсиён) гуманизмро «одамият» мегӯянд. Ман дар навбати худ собит карданиам, ки рукнҳои асосии консепсияи гуманизмро низ мутафаккирони аҷамӣ гузоштаанд. Бо вуҷуди ин дар байни мусташриқон ва муҳаққиқони тамаддуншиноси муосир ҳанӯз ақидае боқӣ мондааст, ки зодаи илмҳои иҷтимоӣ ва гуманитарии қарни XIX мебошад. Ҳомилону ҳомиёни ин ақида на фақат решаҳои шарқии консепсияи гуманизмро ба назар намегиранд, балки бо камоли ҷиддият даъво доранд, ки худи гуманизм ба маънии томи истилоҳ ба рӯҳи азалии Ховар бегона аст. Уму-

ман гирем, дар боби он ки дар шарқзамин низ мафҳуми гуманизм ба маънии дар Ғарб маъмули ин истилоҳ шакл ва сурат пайдо кардааст, ё не, дар адабиёти илмии ҷаҳон ду ақидаи ба ҳам мухолиф интишор ёфтааст.

Бино ба ақидаи аввал гуманизм — маҳсули нодиру хоссаи муҳити иҷтимоию фарҳангии Ғарб (Аврупо) буда аз ҷиҳати мазмуну маслаки таърихиаш ба рӯҳи азалии машриқзамин бегона аст; вай айнан як қисми мероси маданин Юнони бостонист, ки халқҳои Ховари Наздик ва Миёна, аз ҷумла Аҷам, напазируфтанд ва аз интиқоли он худдорӣ кардаанд. Чунончи, Рейнолд Николсон — яке аз мусташриқони маъруфи аврупоӣ чунин нигошта буд: «Дар ислом (тамаддуни исломӣ — А. Т.) инсон не, балки худо меъёри ашьёст. Дар ислом чизе, ки мо гуманизм ном ниҳода, бо он қадру баҳо ва соҳибихтиёрии фардро ифода мекунем, ҷой надорад»[1].

Ба қавли ҳомилони ақидаи сонӣ, ки худ шарқзоданду аз илму маданияти Ғарб низ баҳра бардоштаанд, гуманизм — маҳсули маънавии ҳамагуна тамаддуни инсонист ва аз ин рӯ дар машриқзамин ҳам реша гирифтааст. Вале ин мафҳум ҷиҳатҳои хоси шарқӣ дорад, ки зотан ба гуманизми аврупоӣ бегона аст.

Аз рӯи он ки дар навиштаҳои муаллифони ҷудогона «ҷиҳатҳои хос»-и гуманизми шарқӣ чи гуна таъбиру таъвил меёбанд, тарафдорони ақидаи мазкураро дар навбати худ ба ду гурӯҳ — «аҳли мӯътадила» ва «аҳли муфрита»

[1] *Р. Николсон.* Мафҳуми шахсият дар сӯфия.— Лондон, Кембриҷ, 1923, с. 73 (ба англисӣ).

— чудо кардан мумкин аст. Агар аввалӣ дар баробари ба махсусиятҳои таърихӣ ва ирсии гуманизми шарқӣ эътимод доштан, ҷиҳатҳои муштараки онро бо наҳзати гуманистии Ғарб (ба хусус аз як сарчашма — тамаддуни юнонӣ — баҳра бардоштани Ховару Бохтарро) низ қоил бошад»[1], охирӣ, баръакс, онҳоро чи аз ҷиҳати шаклу мазмун ва чи аз лиҳози маслаку маънии таърихию фарҳангӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Гузашт аз ин, «аҳли муфрита» истилохи «Гуманизми шарқӣ»-ро худкомона маънидод карда, онро умуман дараҷаи олии гуманизм эълом доштанист. Аз ҷумла Саидҳусейни Наср дар таъйиди ин иддао менависад: «Ренессонс саъе кард башари масеҳиро, ки ним малоика ва ним ҳайвон буд ва пояе дар осмон ва пояе дар замин дошт, комилан заминӣ кунад, яъне то кунун инсон заминро сарзамини аслии худ намедонист ва ҳамеша ҳолати ғарибат нисбат ба ин илм дошт ва вазни инсон ҳамеша ҷои ғайр аз ин замин буд. Башар саъе кард ватани инсонро ҳамин олами хокӣ кунад, яъне эҳсосро ҳатто дар зеҳни инсон ба унвони як башари сирфан табиӣ ва на башаре, ки сояи худованд буд, ба вуҷуд оварад»[2]. Чанд сатр поёнтар аз «ақидаи хоси шарқӣ» дар боби сиришту таъиноти азалии инсон гап кушода Наср чунин нигоштааст: «Масеҳият инсонро ба сурати иродае медид, ки ақл бар ӯ афзуда шудааст ва ақл ба маънии мазҳабӣ ва фалсафӣ барои инсон тариқи наҷот набуд. Дар

---

[1]Ниг., мас.: *Абдураҳмон Бадовӣ.* Гуманизм дар афкори аъроб.— «Студиа исламика», 1956, с. 67—100 (ба фаронсавӣ).

[2] *Саидҳусейни Наср.* Маорифи исломӣ, с. 199.

ислом ҷараёни дуруст баръакс аст, яъне ислом ақлест, ки ирода бар ӯ афзуда шудааст, агар битавон ин муқобаларо ба масеҳият кард, ба ин маънӣ, ки ақл як навъ вадиати илоҳӣ ва як навъ олати илоҳӣ аст дар инсон ва ба ҳамин ҷиҳат ҳамин чи поя ва асоси дин аст дар ислом, яъне тавҳид (ло илоҳа илаллоҳ), аз роҳи ақли солим ба даст меояд»[1].

Ба моҳияти баҳсу мунозираи мазкура зеҳн монда пай бурдан мумкин аст, ки дар ин мавриди ихтилофи ақида на фақат сирату сурати илмию таърихӣ, балки ҷиҳатҳоеро низ дорост, ки аз ҷаҳонбинӣ ва назари фалсафии муҳаққиқони тамаддуншинос бармеояд. Ба донисти ман, барои илман дурусту саҳеҳ ҳал кардани масъалаи «гуманизми шарқӣ» баъзе рукнҳои методологии тамаддуншиносии муосир халал мерасонанд.

Дар байни ин рукнҳо алалхусус муқобилгузории Шарқи «кӯҳанпир» ва Ғарби «ҷавонрой» ё, ба истилоҳи маъмули мусташриқони аврупоӣ гӯям, Бохтари «мутараққӣ» («прогрессивӣ») ва Ховари «фартут» («архаистӣ») ҳамчун ду қутби тамаддуни ҷаҳонӣ ҳанӯз ҳам нуфузи калони идеологӣ дорад. Хулосаҳое, ки аз ин аҳкоми методологӣ бароварда мешаванд, ва ё нуктаҳое, ки дар заминаи он ба умум шомил карда мешаванд, мисли қазияи муқаддимавӣ бебуньёданд.

Яке аз ҳамин гуна нуктаҳои бебуньёд ба масъалаи инсон оид аст. Мазмуни мухтасари онро ба ин минвол ба қалам овардан мумкин: дар Шарқ умуман ва шарқи исломӣ махсусан

[1] Дар ҳамон асар, с. 210.

чунон як шароити хоси иҷтимоию маданӣ ҳукумфармо буд, ки барои ташаккули ашхоси озоду хештаншинос замина шуда наметавонист. Далелу ҳуҷҷатҳое, ки бар тасдиқу таъйиди ин иддао — дар адабиёти ховаршиносию фарҳангшиносии муосири Бохтар оварда мешаванд, мисли нақши рӯи об бебақоянд.

Дар воқеъ, як ба далели космологӣ рӯ оварем, ки зимнан аз руҳу ройи ҷаҳонбинӣ доштани ин қабил иддаоҳо мустақиман дарак медиҳад. Бино ба ақидаи Трёлс-Лунд, ҷаҳоншиносии ғарбӣ (дар ин маврид — юнонӣ) бар буньёди тасаввуроте қарор гирифтааст, ки куллиёти вуҷудро ба шакли курае ба қалам медиҳад. Андаруни ин нақши космологӣ инсон ва муҳити он дар *як ҳамворӣ* қарор намегиранд; охир дар кураи вуҷуд давраҳои бисьёре кашидан мумкин аст, ки сарфи назар аз ному насабашон («инсоният», «худо ё «табиат») аз ҷиҳати бузургӣ ва қадру қимат ба ҳам баробаранд. Ба ин маънӣ дар Ғарб шахсияти одамӣ маркази тамоми мавҷудот буда, дар зимни хизматаш барои дигарон ба худованд низ хизмат мекунад. Дар буньёди ҷаҳоншиносии шарқӣ бошад, тасаввуроте қарор гирифтааст, ки замини ҳамвор бо гумбази фалак пӯшида шудааст. Андаруни ин нақшаи космологӣ одамон *паҳлу ба паҳлӯ, сар ба сар* меистанд; издиҳоми мардум чу мӯру малахи яксону якранг сар охта ба мисли баҳри нопайдоканоре вонамуд мегардад. Дар Шарқ, мегӯяд Трёлс-Лунд, тимсоли олами ҳастӣ кураи сеченака не, балки доираи дученака мебошад. Дар ин олам ҳатто касе, ки ҷони худро баҳри зиндагии дигарон нисор кардааст, ҷудо шуда намеистад; та-

биат, қишри замин, ки дар болои он одами шарқзод чунбу ҷӯш мекунад, аз ин ҳам дида нопайдост; фақат худои таоло, ки бо хости ӯ Одам ба дуньё омадаасту фардои қиёмат ба ӯ аз кору кирдори индуньёияаш ҳисоб хоҳад дод, аз ҳама воло ва қоим ба зот аст; осмон аз замин чи қадар баланд бошад, худованд низ ҳамон қадар аз дигарон боло меистад...»[1]

Бинои ин ақидаи космологӣ дар болои таҳкурсие қарор гирифтааст, ки худ аз хоки мурда сохта шуда, аз аввал бақое надорад. Дар воқеъ, магар амсилаи космологии «доираи мусаттаҳ» фақат зодаи муҳити иҷтимоию фарҳангии Шарқ аст? Охир, вай маҳсули як навъи муайяни ҷаҳонфаҳмист, ки дар навбати худ ба як марҳилаи муайяни худшиносии кайҳонии одамизод хос мебошад! Сухан аз қонунияте меравад, ки дар тараққиёти ҳама гуна ноҳияҳои таърихию маданӣ зоҳир шуда метавонист! Чунончи, инкишофи интеллектуалии юнониёни бостонӣ низ маҳз аз ҳамин амсилаи соддаи космологӣ оғоз ёфтааст. Қоиноти Фалес-саромади илму фалсафаи Юнони Бостон айнан аз замини ҳамвору доирашакле иборат аст, ки дар болои оби Уқьёнуси ҷаҳонӣ шино мекунад; Уқьёнус низ доирашакл буда, бо гумбази фалак пӯшида шудааст.

Тасаввуроти космологие, ки курашаклии Коинотро ба қалам меорад, аслан ба тафаккури хоси шарқӣ бегона набуд. Гуфтан кофист, ки вай дар худи Авесто сабт шудааст. Носири Хисрав, ки яке аз поядони кеши зардуштию

[1] *Трелс-Лунд.* Небо и мировоззрение в круговороте времен. Пер. с немецкого. Одесса, 1912, с. 108—109.

онни зурвонӣ буд, ақидаи космологии аҷдоди бостонии худро ба қалам оварда, дар «Зод-ул-мусофирин» ном асараш чунин нигоштааст: «Олам ба куллияти хеш ин ҷисми мудаввар аст, ки ҳаме гардад»[1].

Бо вуҷуди равшан будани моҳияти масъала дар муҳити ҳозираи илмӣ низ акси садои даъвоҳои номбурда аҳьён-аҳьён шунида мешавад. Ба ҳамин муносибат баҳсе, ки ба қарибӣ дар саҳифаҳои журнали «Иностранная литература» дар атрофи мақолаҳои Татьяна Григорьева «Зимни мутоилаи Кавата Ясунари» ва «Бори дигар дар бораи Шарқ ва Ғарб» баргузор гардид, диққатангез аст. Бино ба ақидаи мутахассиси советӣ оид ба маданияти асримиёнагии Ғарб А. Г. Гуревич, «муқоисаи «Шарқ» ва «Ғарб» барин аслҳои ин қадар аз ҳам фарққунанда ҳаргиз бо муқобил гузоштан ё қирон гирифтан, бо таъсири мутақобили ду ноҳияи маданӣ интиҳо намеёбад». Бо ин фикр ба андозае розӣ шудан мумкин аст. Вале поёнтар муаллиф аз ин ақида хулосае мебарорад, ки ҳаргиз тақвия кардан мумкин нест. А. Г. Гуревич менависад: «Дар ноҳияҳои мазкур муносибат ба ҷараёни вақт якхел нест: дар Ғарб маданият дар селаи вақте пеш меравад, дар Шарқ бошад, маданият бо як ҳисоб дар сукут буда, дар адвори вақти ҳамеша бозгарданда, давра ба давра ҷараёнгиранда худро такроран ба ҳосил меорад»[2].

Ин ақида аз чанд ҷиҳат баҳспазир аст. Дар

---

[1] *Ҳаким Носири Хисрав.* Китоби Зод-ул-мусофирин. Чопи Берлин, 1382-и ҳиҷрии қамарӣ, с. 147.

[2] *А. Гуревич.* Мировая культура и современность. «Иностранная литература», № 1, 1976.

вокеъ, мафҳуми вақти даврӣ чараёнгиранда, ки онро А. Г. Гуревич хоси чаҳоншиносии шарқӣ медонад, ҳаргиз маҳсули нодири тафаккури Ховариён нест. Гуфтан кофист, ки чунин тасаввурот на фақат дар анъанаи фалсафии ҳиндуэронӣ (Ригведа, Авесто), балки инчунин дар ақоиди фалсафии юнониёни бостонӣ нақши равшан дорад. Фалсафаи Афлотун, ки барҳақ яке аз қуллаҳои афкори аҳди атика ҳисоб мешавад, гуфтаи моро ба хубӣ тасдиқ мекунад. Дар муколамаи ӯ «Сиёсат» айнан ғояи вақти даврӣ такроршаванда таъкиду таъйид шудааст. Ин бесабаб набуд. Инкишофи ақлии юнониёни онвақта, мисли тараққии мардуми дигар кишварҳо, ба дарачае, ки ба фаҳму идроки пешрафти нобаргашти олами моддию маънавӣ қодир бошад, ҳанӯз нарасида буд. Беҳуда нест, ки атиқаи юнонӣ махз космологияи Арастуро қабул кард, ки он азалӣ бетағйир будан ва аз чунбиш мондани Коинотро талқин менамуд. Асрҳои сонӣ низ аврупоиён дар ҳалқаи вақти даврӣ буданд. Яҳудият ва системаи аз он ҳосила — насроният тасаввуроти фалсафиеро, ки дар Шарқи исломӣ нуфуз дошту абадияти олами моддиро дар баробари худо эътироф мекард (Абӯалии Сино, Закариёи Розӣ ва дигарон), қабул накард. Рост аст, ки дар зимни ақидаи насронӣ дар боби чормех шудани Исои Масеҳ, ки ҳамчун воқеаи умумикайҳонӣ тавсиф мешуд, барнагардандагии замон ба як ҳисоб дар системаи ақоиди асримиёнагии аврупоиён низ нуфуз пайдо кард. Лекин дар асли ҳол, дар сурати ба ақидаи маъмули насронӣ аз теппаи баландтар, яъне аз мақоми космологӣ нигоҳ

кардан, маълум мегардад, ки мафҳуми насронии замон мафҳумест дар бораи вақти даврӣ. Вақти таърихӣ самту равиши муайян дошта бошад ҳам, дар ҳақиқати ҳол аз ду тараф (лаҳзаи хилқати олам ва лаҳзаи қиёмат) маҳдуд мебошад, яъне фақат дар муддате, ки худои насронӣ аз рӯи хости худ муқаррар намудааст, чараён дорад.

Чунон ки мебинем, пояи истидлолии ақидаи А. Г. Гуревич хеле суст аст; аниқтар гӯям, он ақидаест бебуньёд.

Аз ин рӯ аз муҳокимаи минбаъдаи он даст кашида ба таҳлили интиқодии рукнҳои асосии ақидае мепардозем, ки ба ҳукми як консепсияи фалсафӣ даромадааст ва низ пероҳани аҳкоми идеологӣ ба бар кардааст. Барои ин аз материалҳои конференсияи 4-уми байналхалқӣ оид ба фалсафаи қиёсӣ истифода мебарем. Мавзӯи Конференсияи мазкур тадқиқи муқоисавии мақоми шахсият дар Шарқ ва дар Ғарб буд. Дар маърӯзаи муқаддимавиаш яке аз муассисон ва шефтагони ин тадбири муҳимми илмӣ Чарлз Мур якчанд чиҳати фарқкунандаи масъаларо чудо карда, алоҳида-алоҳида тавсиф намуд ва дар зимни ин тафовути фарҳангию, ичтимоии Шарқу Ғарбро шарҳу эзоҳ дод. Аз назари мо махсусан се чиҳати проблемаи шахсият мароқангезанд; маҳз ҳангоми таҳлилу таркиби назарии онҳо қолабҳои методологӣ ва консептуалии ховаршиносии муосир шакл гирифтанд.

Чиҳати якум мазмуну маслаки этикӣ дошта, аз иддаои зерин иборат аст: дар машриқзамин ягон фард ҳаққу ҳуқуқи маънавие надорад, ки ба анъана ё ахлоқи чамоа шубҳа

кунад ва ҳол он ки дар муҳити иҷтимоию фарҳангии мағрибзамин шароит ба куллӣ дигар аст: шахсият барои шуури мустақили маънавӣ ҳақ дорад ва ба ин маънӣ фарди зодсарв аст.

Ҷиҳати дуюм мазмуну маслаки иҷтимоию фалсафӣ дошта аз даъвои зерин таркиб ёфтааст: дар Шарқи чи дар назария ва чи дар амалия фард ба ҷамое, ки шомили ӯст, пеш аз ҳама ба оила, инчунин ба сохти ҷамъиятӣ, аз ҷумла давлат, комилан мутеъ аст. Дар Ғарб бошад чи дар фалсафаи иҷтимоӣ ва чи дар ҷамъият шахсият қадру қимати аввалиндараҷа дорад; ин ҷо эътироф шудааст, ки ҷамъият маҳз барои фард ташкил ёфтааст ва аз ин рӯ охирӣ ихтиёр дорад ба шароити мавҷудаи иҷтимоӣ ё амалияи ҷамъиятӣ тобеъ нашавад.

Ниҳоят, ҷиҳати сеюм мазмуну маслаки динӣ дошта мусовӣ ба тасдиқоти зерин аст: дар Бохтар худои «қиматгар»-е ҳукмфармост, ки ба қадри ҳастии фардии инсон мерасад ва бар изофаи ин шахсият низ ҳангоми ҳамагуна алоқаи ботинӣ бо ӯ мухтору мустақил мемонад. Дар Ховар бошад, баръакс, мутлақияти рӯҳонӣ ё ирфон инсонро тахти нуфузи худ медорад, ки он ба худи мафҳуми шахсияти озодандеш бегона аст.

Қолабҳои мазкур, ки сирату сурати методологӣ дошта, дар бунъёди ховаршиносии Ғарб қарор гирифтаанд (худи Ч. Мур фаро расидани зарурати боздиди интиқодӣ қарор доданӣ онҳоро таъкид мекунад), чи аз ҷиҳати мазмуни ғоявӣ ва чи аз ҷихати мантиқи истидлол мароқангезанд.

Аввалан, мафхумҳои асосие, ки барои ху-

лосаҳои болой замина шудаанд, чун қоида, бидуни тадқиқи мазмуну мундариҷаи аслӣ истифода мешаванд. Вале ҳангоми ин мафҳумҳоро бо камоли диққат тафтишу таҳқиқ кардан ошкор мегардад, ки онҳо маънии таърихию фарҳангии пешинаашро кайҳо гум карда ба як муҷарради бемазмун табдил ёфтаанд: Истилоҳи «Шарқ (умуман») ва муштақоти он «маданияти шарқӣ (умуман)» «тафаккури шарқӣ (умуман)» «инсони шарқӣ (умуман)» ва ҳоказо айнан аз ҷумлаи ҳамин гуна мафҳумҳои муҷарраданд, ки холӣ аз мазмуни конкретии таърихию фарҳангӣ буда, кайҳост, ки аҳамияти илмии худро гум кардаанд.

Дар воқеъ, вақте ки сухан умуман аз маданияти Ғарб меравад, анъанаи таърихию фарҳангие дар назар дошта мешавад, ки аз муҳити маънавии юнонию римӣ оғоз меёбад. Ба изофа, мо нағз медонем, ки дар ташаккули ин анъанаи маданӣ махсусан ягонагии динии халқҳои гуногунзабону гуногуннасаби Аврупо мақоми баланд дошт. Дар Осиё, баръакс чунин анъанаи ягонаи мадание набуд, ки мисоли анъанаи фарҳангии аврупой ин қадар яклухту якмағз бошад (хусусан анъанаи бар буньёди як системаи динӣ қароргирифта). Албатта, «зарур бошад — раво бошад» гӯён тамаддунҳои бобулӣ, эронӣ ва ҳиндиро, ки дар аҳди ислом бо анъанаи фарҳангии аъроб омехтанд, ба як гиреҳи таърихию маданӣ бастан мумкин аст. Вале Миср ва Хитой барин ноҳияҳои классикии Шарқ берун аз ин гиреҳ мемонанд, зеро анъанаҳои эшон аз муҳити маданию динии комилан дигар оғоз меёбанд. Тамаддунҳои мазкур албатта байни ҳамдигар

робитаҳои муайяни синхронӣ ва диахронӣ доштанд, вале ин робитаҳо на ба он дараҷае ва на ба он миқьёсе буданд, ки барои як чизи бутуни таърихӣ («маданияти шарқӣ умуман» ва ҳоказо) қаламдод кардани ноҳияҳои номбурда имкон диҳад. Дар мавриди мазбур чунин истилоҳ, фақат маънии ҷуғрофӣ медошту бас.

Сониян, дар заминаи он чизе, ки дар ҳаққи анъанаи ягонаи фарҳангӣ дар Ховар гуфта шуд, метавон хулоса кард, ки дар боби «инсони шарқӣ умуман» сухан рондан камоли кӯтоҳии илмист; дар зимни ин дар ҳар як анъанаи таърихию маданӣ дар бораи инсон ва умуман идеалҳои гуманистӣ ақидаи ҳоссае ташаккул ёфтааст. Албатта ин ақидаро бо дигар ақидаи мушобеҳ муқоиса кардан ҳам мумкин ва ҳам салоҳ аст, вале онҳоро баробар кардан ҳаргиз ҷоиз нест. Ғайр аз ин, ақидаҳои номбурда бо вуҷуди ифодаи «қайди анъана» буданашон дар тӯли асрҳо яксон намондаанд; онҳо ҳамеша дар таҳаввул буданд, шаклан тағйир ёфтаанд — баъзан ба андозае, ки боиси пайваста дигар шудани мазмун ва ҳатто рукнҳои методологӣ гардидааст. Аз ин ҷиҳат «моделҳои културологӣ»-е, ки тавассути онон ховаршиносони Ғарб «одами шарқӣ»-ро тавсиф додаанд, мисоли ҳайкали беҷон берун аз ҷараёни инкишофанд ва аз ин маънӣ худ назариётанд, ки ба ҳақиқати таърих рост намеоянд.

Ниҳоят, илми шарқшиносии Ғарб боз як рукни методологӣ дорад, ки аз назари марксистӣ нақд кардани он низ воҷиб аст. Сухан аз баробар кардани маданияти анъанавии мардуми шарқзамин бо ин ё он системаи динӣ

меравад. Бо иборати дигар, дар адабиёти Ховаршиносии муосири хориҷӣ ва баъзан ватанӣ фарҳанги ин ё он халқу кишвар аз рӯи кешу оини мазҳабӣ таърифу тавсиф дода мешавад. Зоҳиран, андаруни чунин тариқи тафсиру таъбири «илмӣ» ҳар як падидаи иҷтимоию фарҳангӣ рангу бӯи хоси динӣ пайдо намуда, мазмуну маслаки аслии худро гум мекунад. Ин тариқи сустасоси тадқиқ махсусан дар байни исломшиносон маъмул шудааст.

Мақом ва нуфузи идеологии ислом дар кишварҳои мусулмонӣ, ба хосса дар аҳди хулафои араб, аз касе пинҳон нест. Аммо ба як худи ҳамин далел такья намуда дар байни онҳо аломати мусовӣ гузоштан амри хатост. (Зимнан, дар адабиёти шарқшиносии советӣ дар худи солҳои сӣ ин нуктаи муҳим таъйиду таъкид шуда буд).

Ба мақсади аслии ин фасл бозгашта, бояд таъкид кард, ки аксари мусташриқони Ғарб ба истидлоли тафовути фарҳангии Ховару Бохтар саргарм шуда, аз ҷиҳатҳо ва ҷанбаҳои муштараки онон сарфи назар мекунанд; онҳо фаромӯш мекунанд, ки Шарқи Наздик ва Мутавассит дар асрҳои миёна «на фақат бисьёр комьёбиҳои моддӣ ва кашфиётҳои техникиашро бо Аврупои Ғарбӣ дар миён гузошт, вай на фақат инкишофи илму фалсафаро дар Аврупо такон дод, балки Аврупоро омода сохт, ки дар бораи худаш тасаввуроти нав пайдо кунад» [1].

---

[1] *Монтгомери Уотт.* Влияние ислама на средневековую Европу. М., 1976, с. 110. Дар охири нашри англисии китоб рӯйхати бештар аз 250 калимаву истилоҳи форсӣ ва арабӣ илова шудааст, ки ҳамагонӣ аз тарафи забонҳои аврупоӣ иқтибос гардидаанд.

Дар воқеъ, решаи наҳзати гуманистие, ки дар Аврупои қарни XVI чараён гирифтаасту дар назари баъзе тамаддуншиносон ба сони як воқеаи нодираи маданию таърихӣ вонамуд мегардад, аслан аз сарчашмаи маънавиёти Шарқ об мехӯрад. Аврупоиёни онвақтаро алалхусус ақидаи Бӯалӣ андар Ақли Фаъол мутаассир карда буд. Охирӣ дар фалсафаи ӯ ҳамчун чавҳари нафсие қаламдод мешуд, ки барои тамоми авлоди одамӣ муштарак буда, дар ақли чузвии ҳар як фард акс меёбад.

Ғояи ақли мухтор, ки дар буньёди рационализми аврупоӣ қарор гирифта буд, айнан аз ҳамин таълимоти пури Сино оғоз шудааст. Сонитар маҳз дар ҳамин бурришгоҳи чараёнҳои фарҳангии Аврупою Осиё идеали ренессансии шахсияти соҳибихтиёр ва хештаншинос ташаккул ёфтааст.

РУҶӮИ ЧАҲОРУМ

# ОДАМ ВА ОДАМИЯТ (II)·

## «Шарқиёнро ишқ — рози Коинот»

Ситоишу сарзаниши замона аз мавзуъҳои асосӣ ва анъанавии адабиёти классикии тоҷику форс будааст. Аз як сӯ, коҳишу шикоят аз гардиши айём, ки ба қавли Абдураҳмони Ҷомӣ «на бар қоидаи дилхоҳ аст». Аз сӯи дигар, васфу парастиши даври гардун, ки аз он набояд ғам хурд, зеро, ба қавли Ҳофизи Шерозӣ, бо вуҷуди он ки вай «ду рӯзе бар муроди мо нагашт», ҳолаш «доимо яксон намонад»...

Ҷиҳати умдаи афкору андешаи рангине, ки аз ин боб дар ашъори ҳазорсолаи мо ифода ёфтааст, эътиқодест ба бозгаштани давру даҳр; замона мисли осиёест такрор ба такрор чархзананда; олам[1] ҳалқапечи даври тасалсул аст, ки дар як аҳду як мисоқ сармадона ҷараён дорад-чунин аст баргузидаи ин афкору андешаи бадеӣ.

Аз ҷумла Абӯабдуллои Рӯдакӣ дар қасидаи «Шикоят аз пирӣ» Одаму Оламро бо як риштаи тақдир ба ҳам пайваста, диалектикаи давру даҳрро бо камоли нозукбинӣ дар қалам овардааст. Шоир ҳамаи он тағйироти ногуво-

[1] Ин мафҳум зотан калимаи сомӣ буда «даҳри гардон» гуфтан аст.

реро, ки дар охири ҳаёташ рӯй дода буд, дар қиёси дигаргуниҳои ҳамешагии дуньёи ҳодис дарк карда гӯё худро тасаллӣ доданӣ мешавад: ба қавли Рӯдакӣ, инқилоби зиндагии ӯ зуҳуроти ҷузъии як навъ қонуни куллии табиат мебошад, ки ҷамеи ашьёву ашхосро таҳти нуфузи худ қарор додааст.

Аз ин рӯ шоир бенавоии овони пирии худро «на аз нахси Кайвон» ё «рӯзгори дароз», балки «аз қазои яздон» медонад. (Қазову қадар, тақдиру сарнавишт барин мафҳумҳо, ки аз онҳо баъзе муосирони «донистакор»-и мо мераманд, дар асл тимсоли қадимии мафҳумҳои қонун ва қонуният буданд).

Ба ақидаи Рӯдакӣ (ва дигар мутафаккирони бостонӣ) маҳз дар натиҷаи амали ҳамин қонуни муштарак:

Басо шикаста биёбон, ки боғи хуррам буд,
Ва боғи хуррам гашт он кучо биёбон буд.

Зоҳиран, сухан аз даври тасалсул ном қонуни кайҳонӣ меравад, ки тимсоли он дар Авесто ва осори баъдинаи паҳлавӣ марбут ба анъанаи маздаясна сабт шудааст.

Агар Рӯдакӣ гардиши айёмро берун аз ҳудуди таалуқоти шахсӣ тавсиф карда, айну арази онро бидуни қайди одаму олам ба килки адаб меовард, ӯ, ба андозае ки мо медонем, шоири бузург намебуд. Дар ғояти зуҳур аст, ки асли ҳол ин тавр нест.

Рӯдакӣ, чунон ки устоди каломи бадеъро бояд, ҷараёни замонро аз тамоми рагу пайи худаш гузаронида, онро бо хунобаи дилу ҷигараш рангин кардааст. Аз ин ҷиҳат даври тасалсулро метавон як навъ олати афкори ба-

дей донист, ки тавассути он шоир ба қиёси нафс пардохтааст.

Баёни воқеъ ин аст, ки Рӯдакӣ хостааст дар муқобили даврияти замони муттасили кайҳонӣ нотакрории рӯзгори мунфасили одамиро таъину таъкид кунад. Таҳлилу таammули дигар намунаҳои ашъори Рӯдакӣ ин ақидаро қавитар мекунад. Аз ҷумла дар марсияи Абулҳасан Муродӣ шоир гуфтааст:

Мурд Муродӣ на ҳамоно, ки мурд.
Марги чунон хоҷа на корест хурд...
Об набӯд, ки ба сармо фусурд.
Шона набуд, ӯ, ки ба мӯе шикаст,
Қоҳ набуд ӯ, ки ба боде парид,
Дона набуд ӯ, ки заминаш фушурд.

Мурод аз ин сатрҳои ашколуд айнан васфу таранnуми рӯзгори нодиру нотакрори инсон аст, ки ӯро Рӯдакӣ аз байтушшарафи ҳастӣ ҷой доданист. Замони истиқбол маҳз ҳамин равияи гуманистӣ дар назми тоҷику форс ба ҳукми анъана даромад ва адабиёти классикии мо ба баландтарин мақому мартаба расид. Фирдавсӣ, Низомӣ, Хайём, Мавлавӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ — ҳар яке бо тарзу тариқ ва сабку услуби гуногун дар роҳи ба вуқӯъ пайвастан ва боз ҳам қувват додани ин рою руҳи инсонпарварона дар адабиёти навбуньёди тоҷику форс кӯшидаанд ва ба ганҷдони каломи бадеии Аҷам ҳиссаи гаронбаҳо гузоштаанд.

Ин анъанаи адабӣ дар асри X оғоз шуда, то анҷоми асри XVII нуфуз дошт; меъроҷи тараққии афкори бадеию фалсафии ин давр эҷодиёти Абдулқодири Бедил буд, ки дар зимни навиштаҳои манзуму мансури ӯ қадру қима-

ти инсон ба пояи ниҳоят баланде бардошта шуд. Барои то чӣ андоза гуманизми олишонро тарғибу ташвиқ кардани Бедил бовар ҳосил намудан рубоии зеринро мутолиа кардан кофист:

Олам вараҷе зи дафтари инсон аст,
Гардун дуде зи маҷмари инсон аст,
Он дона, ки хаст шоху баргаш ба ҷаҳон,
Гул карда зи ҷайбу самари инсон аст...

* * *

Яке аз муҳофизони маъруфу босуботи ақидаи Эҳьёи Шарқ А. Ф. Лосев эстетикаи даврони Эҳьёи Аврупоро ҳамаҷиҳата тадқиқ карда чунин хулоса баровардааст: «Акнун дар назари мо Ренессанс ҳамчун қитъаи яклухту шикастнопазире наметобад; вайро аз ҷустуҷӯи ҳамешагӣ ва бефосилаи ончунон истидлоли антропоцентризм иборат донистан шояд, ки аз истидлоли ба қалам овардаи фарҳанги атиқаю асрҳои миёна дида қавитар аст» [1].

Дар воқеъ ҳам аз худи Абӯнасри Форобӣ сар карда ақли аҷамӣ бо камоли саъю сабот паи ҷустуҷӯи ғояе буд, ки дар муқобили ақидаи пурнуфузи динӣ рӯй ба ҷанг наоварда дар айни ҳол ақидаи аксро ифода намояд. Маҳз антропоцентризм буд, ки онро фалсафаи онвақта дар муборизаи ғоявии худ бо теоцентризми кеши исломӣ нуқтаи истинод қарор дод ва ба субут пайваст. Ақидаи антропоцентрӣ бошад, аз аввал руҳу рои олии инсонпарварона дошт, зеро ки бар хилофи ақидаи теоцент-

[1] *А. Ф. Лосев.* Эстетика Возрождения. М., 1978, с. 613.

рӣ на худои афсонавӣ, балки инсони воқеиро мавриди парастишу эътиқод қарор медод.

Дар аҳди Эҳьёи Аҷам ин ақидаи зотан гуманистӣ дар шакле маъмулу маъруф шуд, ки тавъам ба анъанаи фарҳангии ҳазорсолаи мардуми эронинажод буд. Сухан аз васфи кайҳонии инсон меравад, ки махсусан дар афкори ахлоқию фалсафии аҷдоди мо ба ҳукми анъана даромада буд. Чунон ки дар асари маъруфи Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» омадааст, таълимоти этикию космологии зардуштию монавӣ монотеизмро дар интихоби мабдаи хайр узван бо дуализми босубот пайваст ва тамоми тасаввуроти пешинаи шарқиро дар як задухӯрди муштараки кайҳонӣ муҷассам сохта, инсонро сарманшаи ин набарди умумичаҳонӣ эълом дошт. Мақоми баланд ва соҳибихтиёрии инсон дар он зоҳир мешавад, ки вай мувофиқи хости худ роҳи хайр ё шарро интихоб карда метавонад ва бар замми ин фаъолияти ӯ дар рафти мубориза кайҳонии неку бад аҳамияти ҳалкунанда дорад.

Қобили ба қайди сабт кашидан аст, ки бино ба таълимоти зардуштӣ инсон вазифаи индуньёии худро (ёрӣ расонидан ба мабдаи хайр дар муборизаи он ба мабдаи шар) на тавассути риоя кардани расму оини динӣ, балки ба воситаи худи зисту зиндагии одилона адо менамояд: одам бояд маҳз тавассути «пиндори нек», «гуфтори нек» ва «кирдори нек» бо бадӣ мубориза барад.

Чунон ки пайдост, зардуштияву монавия ягонагии Одаму Оламро ба тарзу тариқи хос ба вуқӯъ пайвастааст: Коинот пеш аз ҳама майдони фаъолияти эҷодии инсон аст; амали-

ёти кайҳонии инсон бошад, майлу мазмуни амиқи ахлоқӣ дошта, маҳз дар натиҷаи он ҷамеи ашьёву ҳаводиси олами моддӣ яклухту яктан мегардад ва дар ҳамбастагӣ арзишу қимати ботинӣ пайдо мекунад. Бо ибораи дигар, шиори баъдинаи этикӣ: «кӯш, то ба хулқат ҷаҳон биороӣ» дар Авесто аз аввал сирату сурати кайҳонӣ дошт.

Дар ҷараёни растохези анъанаҳои мутараққии пешина, ки дар аҳди Эҳёи Аҷам пайваста ба амал омад, табиист, ки даставвал ба мероси гуманистии аҷдод эътибор дода шуд. Абӯнасри Форобӣ, Абӯалии Сино, Закариёи Розӣ, Шиҳобиддини Сӯҳравардӣ, Умари Хайём, Носири Хисрав ва дигар мутафаккирони давр аз ганҷдони ғоявии зардуштияву монавия пайваста баҳра бардошта, аз ҷумла ақидаи бостониро дар боби мақоми инсон дар силсилаи маротиби ҳастӣ аз мавқеи назари бозьёфтҳои маънавии даврони ҷадид мавриди андешаву тааммули фалсафӣ қарор додаанд.

Қабл аз он ки мазмуну маслаки хоси гуманизми шарқиро дар мисоли ҷустуҷӯҳои эҷодии мутафаккирони аҳди Эҳёи Аҷам баён намоем, аввал як ба заминаи таърихию фарҳангии онон назар меафканем.

Дар таълимоти этикии ягон дин дар бораи мақоми аслии инсон дар Коинот фикру зикри басаботе ба қалам наомадааст. Аз ҷумла дар Қуръон ақидаҳои ба ҳам мухолиф акс ёфтаанд. Дар «каломи маҷид» ҳам дар боби ба кирдору рафтори худ ҷавобгар будани Одам ва ҳам дар бораи қазову қадар ва аз рӯи сарнавишти азалӣ таъину муайян шудани амру амали ӯ талқиноте чанд хаст. Аз ин рӯ ҳам

фақеҳони аҳли аввали ислом (охири асри VII) мансуб ба равияи ақлия (рационалистӣ) ҳангоми муҳокимаву мулоҳизаи масъалаи таносуби инсон ва худо ба ду мазҳаби мутазодқадария (ақидае, ки мухтор ва соҳибихтиёр будани инсонро талқин мекунад) ва ҷабария (ақидае, ки ба тақдиру сарнавишт тобеъ будани ӯро тарғиб менамояд) ҷудо шудаанд. Баъдтар (дар ибтидои қарни IX) ба ҷараёни ин муборизаи ғоявӣ аҳли мӯътазила ва аҳли ашъария ҳамроҳ шудаанд. Дар «Ал-милал ва-н ниҳал» ном асари таърихию фалсафии Муҳаммади Шаҳристонӣ омадааст, ки мӯътазилиён, бар хилофи ашъариён, эълом доштанд, ки «инсон худи худаш ҳомили хайру шар, куфру имон, итоату беитоатист ба худованд».

Муборизa байни аҳли мӯътазила ва аҳли ашъария дар ниҳояти кор бо ғалабаи сиёсии охирӣ анҷом ёфта бошад ҳам, задухӯрди ғоявӣ дар атрофи масъалаи мазкур тамоман қатъ нашуд ва дере нагузашта дар адабиёти бадеии давраи Эҳьёи Аҷам аз нав сар зад. Намояндагони маъруфи ин адабиёти ҷаҳоншумул (Умари Хайём, Ҷалолиддини Балхӣ, Абдулқодири Бедил) дар муҳокимаи дилеммаи фалсафию ахлоқии «қисмати азалӣ ё озодии ирода» ширкат варзида, зимни ин басе пардапӯшона бошад ҳам, ақидаҳои бидъатомез ва зиддидинии худро баён кардаанд. Дар воқеъ, Умари Хайёмро гирем. Ҳангоми боздиди назар кардани рубоиёти ӯ чунин вонамуд мегардад, ки шоири файласуф таълимоти мазҳабиро дар хусуси ба сарнавишти азалӣ вобаста будани рафтору кирдори инсон мӯътақид аст. Вале ба мантиқи афкору аъмоли Хайём як

зеҳн монед. Дар яке аз рубоиҳояш шоир бо камоли маъюсӣ мегӯяд:

Мо лӯъбатаконему фалак лӯъбатбоз,
Аз рӯи ҳақиқат, на ки аз рӯи маҷоз:
Бозича ҳамекунем дар натъи вуҷуд,
Афтем ба сандуқи адам як-як боз!

Аммо ҳангоми ин рубоиро бо дигар рубоиҳои Хайём муқоиса карда, онҳоро аз ҷиҳати мазмуни муштарак андеша кардан маълум мегардад, ки вай маслаки хосеро дорост; эътирофи аз рӯи қазову қадар муайян шудани рафтору кирдори инсон фақат як ҳалқаи афкори Хайём аст, ки тавассути он муаллиф хулосаи матлуб мебарорад, маҳз: шоир хостааст ба ин василаи бадеию мантиқӣ ҳамагуна рафтору кирдори одамон, аз ҷумла амру амали аз назари дину диёнат нодурустро (ҳатто куфру илҳодро) ҳақ барорад. Ана, бинед, Хайём худро ба нодонӣ зада чиҳо мегӯяд:

Ё раб! Ту гилам сиріштаӣ ман чӣ кунам?
Пашму қасабам ту риштаӣ, ман чӣ кунам?
Ҳар неку баде, ки ояд аз ман ба вуҷуд,
Ту бар сари ман навиштаӣ, ман чӣ кунам?!

Аз сӯи дигар, Хайём дар таълимоти динӣ дар боби қазову қадар ва ҳисоби ҳашр ихтилофро ошкор сохта, бо оҳанги накӯҳишу мазаммат аз Аллоҳи акбар мепурсад:

Чун рӯзи азал маро чунин сохтаӣ,
Аз баҳри чӣ дар дӯзахам андохтаӣ?

Зимни далеле, ки зикраш дар боло гузашт, муаллифи ин сатрҳо бо муҳаққиқи эронӣ Эҳсони Табарӣ баҳс карданист. Охирӣ Хайёмро дар қатори Саъдӣ ва Ҳофиз «пайрави анде-

шаи ҷабр» эълон карда, истинодан ба ду рубоии ӯ чунин нигоштааст: «Хайём, монанди зурвониён ва даҳриён, одамиро бозичаи беиродаи тақдир медонад». Ва ҳол он ки андаруни мазмуни навиштаҳои Хайём мафҳуми «Қазову қадар» маъниву маслаки дигар ҳам дошта метавонист. Фаромӯш намекунем, ки Хайём дар баробари шоири фалсафимашраб буданаш, инчунин ҳамчун мунаҷҷим ва риёзидон шӯҳрат дошт. Олими табиатшинос бошад, сириштан ба ҷаҳонбинии материалистӣ таваҷҷӯҳ дорад. Аз ин ҷиҳат бо камоли эътимод метавон иддао кард, ки дар рубоиёти Хайём «қазову қадар» маънии маҷозӣ дошт ва аслан мусовӣ ба мафҳуми фалсафии «сабабият» (детерминизм) буд.

Умари Хайём аз ҷумлаи он файласуфони озодандеше буд, ки мекӯшиданд аз таълимоти расмии ҷабария ба ҳадди имкон хулосаҳои матлуб бароранд. Онҳо ин таълимоти нимдинию нимфалсафиро «суиистеъмол» намуда, дар зимни вай қонунпазир будани ҷараёни ҳодисот ва ниҳоди детерминистӣ доштани табиату ҷамъиятро таъйиду собит мекарданд. Вале низоми детерминистии оламе, ки дар таълимоти фалсафии ҳукамои ондавра барсохта шудааст, на ба дараҷае мазбут аст, ки барои тасодуф ё эҳтимол ҷое надошта бошад. Аз ҷумла Қонуни Бӯалӣ, бино ба таъбири рангини ховаршиноси маъруф Э. Ренан, чархеро мемонад, ки марказаш худосту канораҳои он бо хости худашон мегеланд.

Магар ин ақидаи фалсафӣ як навъ ифодаи космологии соҳибихтиёрии азалии инсоне нест, ки дар олами воқибот зиндагӣ мекунад?

Барои бар пояи мустаҳками далелу исбот қарор гирифтани ин иддаои илмӣ афкори гуманистии Абӯалии Синоро, андаке бошад ҳам, тафсиру тавзеҳ додан лозим аст.

Дар ақоиди фалсафии Бӯалӣ, ки асрҳои сонӣ мавриди ҳам ҳамлу ҳимоят ва ҳам танқиду мазаммат қарор гирифта буд, инсон мақоми баланд дошт. Аз ҷумла дар «Тадбири манзил» ном рисолаи ӯ омадааст, ки «мақоми одамӣ дар миёни Коинот аз бисьёре аз махлуқот бартару болотар» бувад. Дар идомаи сухан Шайхурраис фармудааст, ки «дар асари ин имтиёзу бартарӣ вуҷуди башар зеботарин махлуқ шуда ва табиаташ комилтарин табоеъ гашта ва таркибаш мӯътадилтарин таркиб шудааст. Зиндагии одамӣ ба сабаби ин мазоё беҳтарин ва пурнеъматтарин зиндагонӣ шуда ва кӯшишу саъяш дар саҳнаи зиндагӣ ба тибқи ақлу басират, ки мояи нерӯмандӣ ва тавоноист, сурат гирифта ва бо одоби ҳасана ва ахлоқи карима ва малакоти фозила, ки мӯҷиби ҷамолу зебоӣ ва асбоби зебу зинати одамист, мувофиқу мунтабиқ гардидааст»[1].

Ақоиди гуманистии Абӯалии Сино шомили як рисолаи ҷудогонаи ӯ нест; афкори томи эшон дар боби мақому нуфузи инсон дар силсилаи маротиби мавҷудот дар таълифоти мухталифи ӯ сабт шудаанд, ки ҳамагӣ бо ҳам робитаи ботинии ғоявию услубӣ доранд. Дар сурати ба ҳисоб нагирифтани ин омил, яъне дар ҳамбастагӣ таҳлилу таркиб накардани асарҳои фалсафию ахлоқӣ ва мантиқии Бӯалӣ ва

[1] *Абӯалӣ ибни Сино.* Осори мунтахаб, ҷилди дуюм, Д., 1980, с. 13.

ё алоҳида-алоҳида тадқиқ кардани ҳар яке аз онон афкору аъмоли муаллиф яктарафа ва низ муҷаррадона таъбир хоҳанд шуд. Дар воқеъ, ақидаи Ибни Синоро дар бораи модда ва сурат гирем. Дар назари аввал чунин вонамуд мегардад, ки Шайхурраис фақат паи ба ҳам «муросо» додани ақоиди Арасту ва Плотин кӯшида дар ин боб чизе аз худ наафзудааст. Вале агар афкори Абӯалӣ дар ҳамбастагӣ ва пайвастагии ирсӣ бо фарҳанги маҳаллии Аҷам муоина ва мулоҳиза карда шавад, маълум мегардад, ки асли гап дар дигар ҷост: Ибни Сино таълимоти Плотинро дар бораи ҳосилаи таҳаввули «поёнрав»-и космогонӣ будани материя напируфта, онро бар бунёди ақидаи онтологии худ гузошта бошад ҳам, худи системаи фалсафии ӯ ботинан ва ҳам объективан тамоюлеро дорост, ки ба майлу мазмуни азалияю асосии фалсафаи навафлотуния рост намеояд. Сухан аз таҳқири идеалистонаи материя меравад, ки ба тариқи тафаккури аъзои ин мактаби фалсафӣ хос буд; охирӣ материяро як навъ сояи «олами улвӣ» дониста, ба ҳар воситаи фалсафию мантиқӣ нах мезад. Вале чунин саъю кӯшиш ба ақидае, ки оид ба ҳаюло дар афкори пешинаи эронӣ ташаккул ёфта буд, мувофиқ намеомад. Дар анъанаи зардуштию монавӣ ба истилоҳ олами сифлӣ пасттарин мартабаи ҳастӣ ҳисоб намешуд, ҳаюло бошад, нақши хоси этикию космологиро ба ӯҳда дошт: вай як навъ такьягоҳе буд барои мабдаи хайр дар набарди кайҳонии ӯ бо мабдаи шар.

Дар тасаввуроти Абӯалии Сино, чун дар системаи фалсафии Плотин, модда фақат бил-

қувва вуҷуд дорад, аммо мақоми космогонии он аз мавқеи космогонии сурат пасттар нест; чӣ модда ва чӣ сурат аз як сарчашма сар мезананд. (Дар «Ишорот ва танбеҳот» чунин омадааст: «Воҷиб аст, ки ҳаюлои унсури лозим аз ақли охир бошад... Ва сувари ҳаюло ҳам файзи ин ақл аст»[1]); яъне байни онон як навъ таъсири мутақобил амал мекунад.

Шайхурраис низ мисли Плотин суратро мабдаи фаъол медонад; охирӣ моддаро аз қувва ба феъл расонида, ӯро ҳастӣ мебахшад, вале дар айни замон маҳз тавассути модда аст, ки сурат сифатан мушаххас мегардад. Ба забони худи Абӯалии Сино гӯем, «ҳақиқати ин он бувад, ки ба сабаби моддат сурат ба чизе расад ва ба чизе нарасад. Ва чун чунин бувад, феъли вай андар чизе бувад, ҳосил то ӯро аз ҳоле ба ҳоле гардонад ва аз сурат ба сурат»[2].

Тафовут миёни ақоиди фалсафии Плотин ва Бӯалӣ махсусан дар тарзи ҳалли масъалаи инсон равшан зоҳир мешавад.

Ба қавли мутафаккири юнонӣ, дараҷаи камолоти мавҷудот аз рӯи дараҷаи қаробати эшон бо ҳастии мутлақ (худо) муайян мешавад. Ин ғоя ба Ибни Сино низ чандон бегона нест. Вале андаруни ақидаи космологии ӯ инсон на фақат табиати ҷамодот, наботот ва ҳайвонот, балки инчунин табиати ҷавҳарҳои ақлиеро низ дар бар мегирад, ки дар таъбири аёни худи Бӯалӣ ба сурати малоика қаламдод шудаанд.

[1] *Абӯалӣ ибни Сино.* Осори мунтахаб, ч. I. Душанбе, 1980, с. 234—235.

[2] *Абӯалӣ ибни Сино.* Осори мунтахаб, ч. I, с. 104.

Бо ибораи дигар, ба қавли Ибни Сино, инсон як навъ олами сағиреро мемонад, ки амсоли тамоми мавҷудот ва дараҷоти вуҷудро дар ботину зоҳири хеш муҷассам сохтааст. Ин ақидаи аслан ва воқеан гуманистӣ ба таълимоти зардуштию монавӣ пайванди ногусастание дорад. Чунончи, дар Авесто омадааст, ки «тани одам мушобеҳи олам бувад» Гузашт аз ин, эътиқоди қавмҳои бостонии эронӣ ба монандии Инсону Кайҳон ба дараҷае буд, ки эшон чунин ақида доштанд; одам худро ҳамаҷиҳата тадқиқу таҳқиқ карда метавонад дар боби сохту сиришти Олам шабеҳан хулосаи мантиқӣ барорад. Ё, чунон ки дар «Маҷмаъул-ансоб» омадааст, «ҳар кас, ки вуҷуди худро ба ҳақиқат бишносад, ӯро мақоми маърифат беш равшан шавад».

Дар аҳди Эҳьёи Аҷам ақидаи мазкура дар заминаи нави маънавӣ падид омад ва аз ду ҷиҳат мавриди баррасӣ қарор гирифт. Ҷиҳати аввал ба шахсияти олам оид буд. Дар ин боб як қатор намояндагони барҷастаи маданияти классикии тоҷику форс андешаву тааммули амиқи фалсафӣ баст кардааст. Аз ҷумла Абӯалии Сино оламро шахси воҳид ё инсони кабир дониста, ба ин маънӣ чунин нигоштааст:

Ҳақ ҷони ҷаҳон асту ҷаҳон ҷумла бадан,
Аҷносу малоика қувои ин тан.
Афлоку аносиру маволид аъзо,
Тавҳид ҳамин асту дигарҳо ҳам фан.

Ҷиҳати сонӣ ба **шахсияти одам** оид буд. Дар даврони Эҳьёи Аҷам ақидаи кӯҳан дар боби мушобеҳи Олам будани Одам аз нав ба

миён омад ва мавриди баррасии фалсафию космологӣ қарор гирифт. Мазмуну маънии ин ақида дар як тамсили Маҳмуди Шабистарӣ, ки дар маснавии «Гулшани Роз«-и ӯ дарҷ шудааст, ба хубӣ баён гардидааст.

Зи ҳар чӣ дар ҷаҳон аз шебу болост,
Мисолаш дар тану ҷони ту пайдост...
Тани ту чун замин, сар осмон аст
Ҳавосат анҷуму хуршед ҷон аст.

Як тафовути назаррасе, ки миёни ақоиди қадимиён ва муосирони аҳди Эҳьёи Аҷам сурат гирифтааст, иборат аз ин буд: фалсафаи замоне, ки мавриди муоина ва мулоҳизаи мост, на фақат доираи маслаку мундариҷаи ғояи баробарии оламу одамро васеъ кард, балки инчунин ҷанбаи ба ҷаҳонбинӣ мутааллиқи онро қувват ва густариш дод. Чунончи, мактаби машшоъ ақидаи бостониро дар бораи ваҳдати сохту сиришти Одаму Олам ба самте инкишоф дод, ки собиқа надошт. Агар пеш бар буньёди ин ақида фақат ҳикмати табиат (натурфалсафа) қарор гирифта бошад, пас дар аҳди Эҳьёи Аҷам илмҳои ахлоқ, ҷамъиятшиносӣ ва ҳусншиносӣ низ аз сарчашмаи ғоявии он об хӯрдаанд. Барои ба ин нукта боварӣ ҳосил намудан ба осори иҷтимоию ахлоқии Абӯнасри Форобӣ, махсусан «Аро аҳл-ал-мадинат-ул-фозила» ва «Китоб-ус сиёса ал-мадания», рӯ овардан кофист. Асарҳои мазкур айнан аз тавсифи батафсили сохту таркиби Коинот оғоз меёбанд, яъне дар онҳо этика, социология ва илми сиёсат дар заминаи космология буньёд афкандаанд. Бо

ибораи дигар, афкори иҷтимоию ахлоқии Абӯнасри Форобӣ ва умуман аъзои мактаби машшоъ мутобиқан ба ақоиди натурфалсафӣ ва метафизикии эшон ба риштаи таҳрири илмӣ кашида шудаанд.

Ақидаи бостонӣ дар бораи ботинан ва зоҳиран алоқаманд будан ва ба ҳам монанд будани олами сағир (Инсон) ва олами кабир (Кайҳон) алалхусус андаруни ду ҷараёни бонуфузи ғоявӣ — **исмоилия** ва **сӯфия**, ки дар ҷунбишҳои идеологӣ ва иҷтимоии Шарқи исломӣ мавқеи хос доштанд, инкишоф ёфта ба пояи як концепцияи томи фалсафӣ расид. Исмоилия ва сӯфияро аслан ва зотан равияи сирф фалсафӣ донистан нашояд; онҳо дар доираи ислом, аниқтараш дар муҳити маънавии исломи рошидӣ не, балки аҳли бидъат ташаккул ва тараққӣ ёфтааст. Вале ҳангоми коркарди назарии ғояи ваҳдати Одаму Олам маҳз ҷанбаи фалсафии исмоилия ва сӯфия боло гирифт. Аз ин рӯ, ақоиди космологӣ ва ирфоние, ки дар заминаи ҷараёнҳои мазкур сурат гирифтаанд, аз худи аввал рангу накҳат ва рою равиши гуманистӣ доштанд.

Таълимоти исмоилия ва тасаввуф дар боби инсон таърихан ба самту равишҳои ба ҳам мувозӣ инкишоф ёфтаанд, аммо эҳтимол меравад, ки миёни онон робита ва таъсири мутақобили ғоявӣ низ ҷой доштанд. Албатта аз рӯи манбаъҳои куҳан дараҷаи ин таъсирро муайян кардан душвор аст (зеро дар онҳо, ҷун қоида, аз куҷо ва аз кадом муаллифи аҳди пешин гирифта шудани ин ё он ғоя ва ё ақида зикр нашудааст). Вале ба таҷдиди мантиқии таърихи ташаккули исмоилия ва сӯфия

пардохта, дар замини ин амр онҳоро ба як пайдарпайи ғоявӣ рост кардан имкон дорад; дар он сурат дарьёфтан мумкин аст, ки **таълимоти тасаввуф як шакли хоси ба умум шомилшудаи таълимоти исмоилист.**

Дар воқеъ, як ба мантиқи инкишофи афкори мазҳабию фалсафӣ дар даврони мазкур эътибор диҳем.

Ислом чун ҳамагуна дини ваҳдонӣ (монотеистӣ) дар байни худо (холиқ) ва олами моддӣ (махлуқ) садди мусаддадеро бармесозад. Фалсафа бошад, ҳангоми ба таҳлилу таркиби масоили динӣ пардохтанаш даставвал ба ана ҳамин нуктаи таарузпазир (аз рӯи рукнҳои худи ӯ) -и ҷаҳонбинии динӣ эътибор медиҳад ва паи он мекӯшад, ки миёни мабдаъҳои мазкура (худо ва олам) ба қадри имкон ҷиҳатҳои муштаракро дарьёбад.

Аз ин мавқеи назар мавзӯи фалсафии хоси исмоилия ва тасаввуфро бо як ҳисоб муайян ва муқаррар кардан мумкин аст: дар таълимоти метафизикии аввалӣ дар мадди назар **робитаи мутақобилаи инсон ва табиат зимни муносиботи онон ба худо** меистад ва ҳол он ки охирӣ **алоқаи дутарафаи инсон ва худоро зимни муносибати эшон ба табиат** мавриди андешаву тааммул қарор медиҳад. Агар дар космологияи исмоилия инсон ҳамчун микродугоники Коинот, ҳамчун муҷассамаи тамоми мавҷудот қаламдод шавад, дар космологияи сӯфия, ӯ (инсон) «кавни ҷомеъ» хонда мешавад, ки тамоми силсилаи маротиби ҳастӣ, аз ҷумла сифатҳои худовандро низ, ба бар кардааст.

Дар исмоилия одам бо вуҷуди муҷасса-

маи Олам буданаш, аз худованд ба куллӣ фарқ мекунад; аъзои мазҳаби исмоилӣ (ба истилоҳи хоси исмоилӣ-аҳли ботин) як ҷаҳони наверо ташкил медиҳанд, ки истинодан ба таъбири Анри Корбен метавон **«мезоолам»** ном ниҳод. Охирӣ, ҳарчанд ки аз ҷиҳати таркибу тартиб ба микроолам ва макроолам монандие дорад, аз олами улвӣ (ба истилоҳи Корбен **«плерому»**) фарқ мекунад. Воқеан, онҳое, ки ҷавобан ба даъвати исмоилӣ роҳи ҳақро пеш мегиранду ба малоика шабоҳат пайдо мекунанд, аслан ба олами улвӣ расида метавонанд. Вале ҳатто имом барин шахс, ки дар силсилаи маротиби маънавии исмоилия баландтарин поя аст, ба ҷамоли илоҳӣ ба ҳадди меҳин расида наметавонад, ҳарчанд ки ӯ миёни олами боло ва олами поин ҳалқаи пайвандист. (Дар ин ҷо ман аз таҳаввули баъдинаи исмоилия ба сӯи сӯфия сарфи назар мекунам).

Дар тасаввуф инсон фақат раббулнавъи олами моддӣ (табиат), нест, ӯро «нусхаи ҳақ» (худо) низ хонанд. Чунон ки дар осори Абдулкарими Ҷелонӣ зикр шудааст, сӯфия аъзои бадани инсонро ба «ашьёи» зерини самовӣ муқобала мекунад: қалби мӯъминро ба арши худо, майна (мағзи сар)-ашро ба қалами аъло, ҷон (нафс)-ашро ба лавҳи маҳфуз, ниҳоди дарунӣ (ботин)-ашро ба курсӣ, табъашро ба аносир ва ниҳоди берунӣ (зоҳир)-ашро ба аносири арбаа (4 унсур).

Тасаввуф инсонро аз мақоми баланди кайҳонӣ ҷой дода, ӯро ба қутбе ташбеҳ медиҳад, ки дар гирди он ҳамаи фалакҳои ҳастӣ давр мезанад (аз ин ҷиҳат аст, ки ҳукамои мута-

саввифа инсонро «мухтасар-уш-шариф» ном ниҳодаанд).

Мусташриқи маъруфи рус В. А. Жуковский зимни ошноӣ бо як қатор манобеи куҳани форсӣ-тоҷикӣ таълимоти мазкури сӯфияро чунин шарҳу таъбир додааст; «Инсон охирин қатраи як баҳри зуҳур аст (бино ба ақидаи анъанавии тасаввуф, офариниши ҷаҳон аз ҳақиқат-ул-ҳақоиқ ба туғьён ва ба тадриҷ чакра фишондани об ташбеҳ дода мешавад — А. Т.), охирин зарраи воҳид бувад, ки ба касрат гузаштааст.., ӯ марзаест байни нури зуҳур ва зулмоти фано, ҳадди ҳастии воҷиб ва вуҷуди имкон аст. Ва ин инсон, ки зуҳуроти комилу шомил ва таҷассуми ҷамеи исму сифати зоти олӣ хонда мешавад, аз худи оғози маҳди шашрӯзааш пайваста мекӯшад, ки ба ҷамоли ӯ бирасад; одами хокӣ ба роҳи андеша даромада, яъне ҳаракати тасаввурӣ карда, аз зоҳир ба ботин гузашта, метавонад касратро бартараф созад ва ба воҳид — то худи ҳамон нуқтае расад, ки аз он қавси судур оғоз шудааст... Холиқ инсонро ҷилвагоҳи тамоми 1001-сифаташ қарор дода, ба мисоли худаш офарида, дар вай ду оламро пайванд намуда ва аз ҷумлаи ҷамеи махлуқот фақат онро ҳастии маънавӣ бахшида, ӯро ба олати поктарин муҳаббат ва ганҷинаи маърифат — бори гаронмоя, вале душвор табдил додааст»[1].

Ақидаи ирфоние, ки зикраш дар боло гузашт, дар фалсафаи классикии форс-тоҷик ва араб бо унвони «Инсони комил» машҳур шудааст. Инсони комил як навъ инсони идеалист,

[1] *В. А. Жуковский.* Человек и познание у персидских мистиков. С.-Петербург, 1895, с. 31.

ки маъруф ба ашрафи махлуқот буда, дар тасаввуф ҳосилаи уручи модда (эволюция) ва нузули рӯҳ (инволюция) дониста мешавад. Рукнҳои асосии ақидаи «Инсони комил» дар таълифоти фалсафии Ибни Арабӣ «Фусус ул-ҳикам», Абдукарими Ҷелонӣ «ал-инсон-ул-комил фи маърифат-ул-авохир ва-л-авоил», Абдураҳмони Ҷомӣ «Нақл-ун-нусус» (дар шарҳи «Нақл-ул-фусус»-и Ибни Арабӣ) ва Азизи Насафӣ «Китоб ул-инсон-ил-комил фи маърифат-ил-вофир» баён шудаанд. Дар осори манзуми Фариддини Аттор «Мантиқ-ут-тайр», Ҷалолиддини Балхӣ «Маснавии маънавӣ» ва Маҳмуди Шабустарӣ «Гулшани роз» бошад, «Инсони комил» ба сифати як навъ идеали этикӣ шарҳу таъбир ёфтааст.

Ин ақидаи ахлоқию ирфонӣ чӣ аз ҷиҳати заминаи ташаккул ва чӣ аз ваҷҳи мазмуну мундарича таълимоти хоссаи исломӣ нест, ҳарчанд ки баъзе аз муаллифони он Қуръонро сарчашмаи илҳоми худ донистаанд. Аз ҷумла Ибни Арабӣ нуқтаи мазбурaро махсус таъкид карда гузаштааст. Бархе аз муҳаққиқони ҳозира низ исбот кардаанӣ мешаванд, ки ақидаи «Инсони комил» зодаи аҳди ислом аст. Саидҳусейни Наср онро дар баробари таълимоти тавҳиди вуҷуд яке аз ду рукни асосии ирфони исломӣ дониста, охириро ба шаҳодати «ло илоҳа иллоллоҳ» ва аввалиро ба шаҳодати «муҳаммадун расул оллоҳ» мутобиқ ҳисоб мекунад. Ва ҳол он ки решаи ин ақида аз сарчашмаҳои ахлоқии аҳди тоисломии Аҷам ғизо мегирад. Намуна ва тарҳи ибтидоии таълимоти мазбур устураи маздоия дар бораи Одами Аввалин Каюмарс мебошад, ки дар ҳамосаи

Фирдавсӣ «Шоҳнома» бо унвони «Нахустин кадхудои ҷаҳон» васф шудааст. Дар шакли мутараққитар ин ғоя дар таълимоти монавия бо номи «Инсони қадим» омадааст. Чунон ки зикраш гузашт, анъанаи зардуштию монигарӣ инсонро аз ҷумлаи ширкаткунандагони набарди умумикайҳонии этикӣ донисга, ӯро ба такомули маънавӣ водор мекард. Мутобиқи таълимоти Зардушт, ҳар марду зан, чӣ ғаниву чӣ фақир, мебоист аз шаш сифоти эзидӣ (ростӣ ва дурустӣ, ниҳоди пок, иқтидори муқаддас, ишқу муҳаббат, камоли маънавию ҷисмонӣ, ҷовидонӣ ва бемаргӣ) баҳраманд гардад ва онҳоро дар замири худ парвариш диҳад, то ба ин васила саодати худ ва дигаронро таъмин намояд. «Фақат шахс дар ин ҷаҳон ба авҷи камол расида ва дар олами дигар растагор хоҳад гашт»[1].

Чунон ки пайдост, расму оине, ки Авесто ба пайравони худ талқин мекард, мазмуну моҳияти хосе дошт. Маҳз ҳамин махсусияти зардуштияро нуктасанҷона ба эътибор гирифта, Гегел барҳақ навишта буд: «Ҳамаи он амале, ки вазифаи динии эрониён дониста мешавад, зотан бахри чӣ дар ҳаёти худи инсон ва чӣ дар табиати хориҷ ба таври ҳақиқӣ ҷорӣ намудани покист ва аслан таҷассуми бомароми нияти муштарак, таъмини хукми Ҳурмузд аз болои тамоми ашхосу ашёи табиат мебошад; пас, амалҳои фавқ фақат ишорае ба ин нияти муштарак набуда, балки воситаи татбиқи пурраи худи нияти мазкуранд»[2].

---

[1] *Диншоҳӣ Эронӣ.* Ахлоқи Эрони Бостон, чопи дуввум. Теҳрон, 1312, с. 12.
[2] *Гегель.* Эстетика, т. 2, М., 1969, с. 41.

Аз ин ҷиҳат дар этикаи космологии динҳои дуалистӣ умуман ва анъанаи зардуштию монавӣ махсусан яке аз ҷанбаҳои қобили таваҷҷӯҳ — **некбинии азалист.** Ахлоқи авестоӣ аз аввал талқин мекунад, ки дар ниҳояти кор қувваи маънавӣ аз болои қувваи табиӣ зафар ёфта ба ҳамин тариқ банӣ-одам ва муҳити ӯро ба қуллаи камолоти ҳақиқӣ мерасонад. Зардушт ва Монӣ ин амрро аз «ислоҳоти умумиҷаҳонӣ» иборат медонистанд. Дар тасаввури онон дахолати худованд бо як ҳисоб анҷоми фаъолияти амалиест, ки ба он қабл аз ҳама худи одамон пардохтаанд ва мурод аз он такомули олами моддист.

Ислом, ки зотан дини ваҳдонист (яъне ба пояи тавҳид қарор гирифтааст), албатта ҳамагуна ҷаҳонфаҳмии ширкиро (аз ҷумла дуалистиро) комилан рад мекунад. Аммо бо вуҷуди ин ба тасаввуф муяссар гардид, ки мояи асосии таълимоти зардуштию монавиро (албатта, ба шаклу мазмуни хоса) маҳфуз дорад. Сухан аз ғояе меравад, ки ҳамдастии инсонро дар боби нигаҳбонӣ ва такмили олами поин талқин медиҳад.

Дар мавриди мазкур аҳамияти хоси гуманистии ақидаи «Инсони комил» иборат аз он аст, ки вай, бар хилофи ақидаи теоцентрии ислом, авлоди башарро мисоли зочаи мумсирате дар дасти нерӯманди «фалаки лӯъбатбоз» тасвир накарда, ҳамқатору ҳамкори худи худованд қаламдод месозад. Маҳз ҳамин маслаку оҳанги гуманистии ақидаи «Инсони комил» буд, ки сарфи назар аз зоҳиру ботини ирфониаш дар даврони Эҳъёи Аҷам мавриди таваҷҷӯҳи аҳли илму адаб қарор гирифт.

Дар хотима ба чанд андешаву таамули куллӣ мепардозем ва зимни онон баъзе ҷиҳатҳои баҳсноки масъалаи фавқро равшан месозем. Аввал ба ду саволи «дандоншикан» ҷавоб меҷӯем.

1) Оё мо идеалҳои динии тасаввуфро аз ҷумлаи гуманизми эҳёӣ дониста ба идеализацияи беҷои сӯфия роҳ намедиҳем? Охир, дар таъбири исломи рошидӣ пеш аз ҳама худи Муҳаммад ва авлиё Инсони Комил хонда мешаванд?

2) Магар идеали тасаввуфии инсон ба мафҳуми шахсияти мухтор ва соҳибихтиёр аслан бегона нест? Охир, солики тариқ (ориф) на фақат инони ихтиёрро аз даст додааст, балки низ бо уммеди он аст, ки дар интиҳои сайру сулуки рӯҳониаш фардияти хешро дар вуҷуди «ҳақиқат-ул-ҳақоиқ» фано созад!

Аз суоли аввал сар кунем. Рост аст, ки дар таъбири исломи рошидӣ пеш аз ҳама худи Муҳаммади Мустафо ва авлиё Инсони Комил қаламдод мешаванд. Вале сӯфия, ки аз аввал мӯҳри куфру илҳод ба худ дошт, дар ин масъала низ ақидаи хосаеро барсохта буд; вай талқин мекард, ки дар қатори амбиёву авлиё ба мартабаи мазкур дигарон ҳам расида метавонанд. Аз як худи он ки Муҳаммад на «комил», балки «акмал» (комилтар) хонда мешавад, дар ин бора мустақилона хулоса баровардан мумкин аст. Дар асли ҳол бошад, ҳар як мусулмон билқувва инсони комил шуморида мешавад; билфеъл инсони комил шуда тавонистани муслим фақат ба имону ихлос ва саъю кушиши ӯ дар роҳи такомули ҷисмонию

маънавӣ, алалхусус такомули ахлоқӣ (танзеҳ) вобаста асту бас.

(Чунон ки аз «Донишнома», «Ишорот ва танбеҳот» ва дигар рисолаҳои фалсафии Абӯалии Сино бармеояд, ӯ барои аз байн бардоштани тафовути рӯҳонии обид ва паёмбар хеле кӯшидааст; ин амр асосан тавассути аз сифатҳои фавқулинсонӣ холӣ кардани «расули худо» воқеъ шудааст. Чунончи, Бӯалӣ аз аҳли мутасаввифа қадаме ба пеш рафта собит мекард, ки ақли қудсӣ як қисми таркибии нафси ҳар як фард (обид) буда, ҳаргиз хоси фақат Муҳаммади пайғамбар нест).

Дар зимни ин бояд афзуд, ки модели «Инсони Комил» на аз худи аввали ташаккули сӯфия сар карда бо Муҳаммади пайғамбар баробар дониста мешуд. Ин амр баъдтар, дар қарнҳои XIII — XIV, вақте ки аввал Ибни Арабӣ ва сони Абдулкарими Ҷелонӣ рукнҳои ибтидоии тасаввуфро дар руҳи фалсафаи навафлотуния боздиди назар карданд, ба вуқуъ пайваста шуд. Дар таълимоти пешинаи Мансури Халлоҷ (асри IX) бошад, сухан аз инсоне мерафт, ки мувофиқи шаклу шеваи худованд сохта шуда, ҳар ду ҷиҳати воқеият-ҳам ҳакку ҳам халқ (ба дигар маънӣ-лоҳуту носут)-ро дар худ таҷассум кардааст. Гузашт аз ин, камоли матлуби Мансури Халлоҷ инсони комиле буд, ки мақоми рӯҳонияш аз валӣ ҳам баландтар аст.

Ба саволи дуюм рӯ оварда, бояд ду ҷиҳати муҳимми масъаларо мавриди эътибор қарор дод. Аввалан, ҳаракати ирфониро аз тариқат тавассути маърифат ба ҳақиқат аз ҳулули «Ман»-и фард дар «Ман»-и Кул иборат донис-

тан нашояд, зеро ба воситаи муроқиба ба фано рӯ овардани соликони тариқ амали яктарафа нест; вай самту равиши муқобиле низ дорад, ки зимни он солик «гумкарда»-ашро бозмегардонад ё аз ҷиҳати маънавӣ ғанитар мекунад. Ин дуҷанбагии ваҷди суфӣ дар мафҳумҳои мутазоди ирфонӣ (фанову бақо, сукру саҳв, ваҳдату касрат ва ҳоказо) ифода ёфтааст.

Сониян, худи ҳаракати рӯҳонии солики тариқро ба сӯи фано таҳтулафзи маънидод кардан нашояд; ҳулулу иттиҳоди интиҳоӣ (ба ташбеҳи адибони сӯфимашраб: фано шудани парвона дар нури шамъ) баробари ба нестӣ расидани шахсияти фард нест. Баръакс, ин амри ирфониро ба дигар тарз низ таъбир кардан мумкин аст, ки айни рӯҳи эҳьёи давраи мазкура мебошад: онро метавон як навъ воситаи худшиносӣ донист, ки дар зимни он инсон шахсияти хешро барқарор мекунад. Чунин таъбири маънии «Фано фи-л-ҳақ» ба ботини таълимоти сӯфия бегона нест; вай аз худи семантикаи фалсафии тасаввуф, аниқтараш аз ақидаи ирфонии инсон мустақиман бармеояд.

Дар ин бора махсусан осори Абдулқодири Бедил равшан гувоҳӣ медиҳад. Эҷодиёти бадеию фалсафии ӯро баландтарин қуллаи афкори гуманистии давраи Эҳьёи Аҷам донистан муболиға намешавад. Бедил на фақат аз таълифоти аҳли мутасаввифа дар боби инсон то тавонист хулосаҳои матлуб баровард, балки инчунин аз чаҳорчӯбаи танги онон баромада, ақидаи наверо пеш ниҳод, ки дар таърихи сӯфия собиқа надошт. Мутафаккирони мутасаввифаи пешина инсонро чашму дидаи худованд (айнулҳақ) дониста, вайро олати ба ву-

кӯъ пайвастани чунин як нияту нақшаи мавҳум ба қалам медоданд, ки аз марому нияти аслии худи ӯ берун буд. Бедил бошад, аз ин ақида комилан даст кашидааст. У инсонро ба дурри гароне ташбеҳ медод, ки дар таги баҳр сайқал ёфта бо амвоҷи муҳит ба соҳил баромадааст. Ба қавли шоири мутафаккир, инсон бо вуҷуди он ки «фалакҳо сарафкандаи ӯст», дар таъйину таъдили сарнавишти хеш инони ихтиёр ба даст дорад. Аз ин маънӣ Бедил ҳулулнопазирӣ ва фанонопазирии шахсиятро бо камоли қатъият ва оҳанги ғазаб пайваста талқин мекунад:

Мебинӣ — нақши даҳр бар тоқи ҳавост,
Мегӯӣ — ҳар чӣ ҳаст асбоби фаност.
Бо ин ҳама ҳеҷат аз худ огоҳӣ нест,
Эй кӯри ҳазорчашм чашми ту куҷост?!

Бедил худшиносиро аз сифату суннати азалии одамӣ дониста «инсон гаштан ба худ расидан будаст» мегӯяд ва «таваккулфурӯшӣ»-ро пайваста маҳкум месозад. Вай ақидаи «инсони комил»-ро то интиҳои мантиқиаш инкишоф дода, дар анҷоми афкори рангини хеш фармудааст: занҷири ногусастании кавну фасод ба инсон расида канда мешавад; одамӣ ба ин дунёё бо як азму иродаи қавӣ омадааст, ки ҷовидон бимонад, ва ӯ чун мабдаи соҳибихтиёр ва соҳибтараддуд ҳатман ҷовидон хоҳад монд!

Чунон ки пайдост, «фано фил-л-ҳақ»-и тасаввуфро ба тариқе низ таъвил кардан мумкин аст, ки айни руҳу маслаки гуманистии аҳди Эҳёё хоҳад буд. Ва ин таъвил аз мазмуну маслаки фалсафии худи сӯфия бармеояд ва ба рукнҳои он зид нест.

Дар ҷанби маънидоде, ки навакак ба қалам оварда шуд, дилеммаи азалии фалсафӣ «озодӣ ё зарурат» ба як тарзи хос ҳал мешавад: муносибати солики тариқат ба ҳадафи сайри ирфониаш (маъшуқ), ки ҳамчун муҳаббати шаҳвонӣ (ишқ) таъбир мегардад, ба дараҷаест, ки майлу иродати худи ӯ айнӣ ба майлу иродати худост. Барои таъбири мазкурро ба ҳадди лозима тақдир кардан хотирнишон сохтан ҷоиз аст, ки дар аҳди Эҳёи Аҷам ба рамзи ишқу муҳаббат мутафаккирони дигар, аз ҷумла файласуфоне низ рӯй оварданд, ки хосса ба мактаби тасаввуф мансуб набуданд ва ҳам пайванди детерминистии ҳодисот (силсилаи «илол-маълул»)-ро эътироф мекарданд. Чунончи, Абӯалии Сино дар «Рисолаи ишқ»-ном таълифоташ айнан дар домани истилоҳҳои «ошиқ-маъшуқ» андешаи фалсафӣ рондааст. Дар тавсифи «ишқи илоҳӣ» ӯ чунин нигоштааст: «Мавҷуди муқаддас аз вуқӯъ дар тахти тадбир ғоят аст дар хайрият ва чун ғоят аст дар хайрият, ғоят бошад дар маъшуқият ва ғоят бошад дар ошиқият ва ошиқ ва маъшуқ яке бошад ба зот лекин иборат мухталиф аст, зеро ки аз он рӯй, ки мудрики ҷамоли ҳазрати худ аст, ошиқ аст ва аз он рӯй ки зоти ӯ мудрик аст, маъшуқ аст»[1].

Чун сухан аз ақидаи хоссаи Ибни Сино дар ин боб рафт, дар бораи муносибати ӯ ба тасаввуф низ сухане чанд гуфтан бамаврид аст. Абӯалии Сино, албатта, мусулмони муваҳҳид буд, вале эшонро аз аҳли сӯфия ва ё зумраи исмоилия донистан нашояд, хусусан

---

[1] *Абӯалӣ ибни Сино.* Осори мунтахаб, ҷилди дуюм. Душанбе, 1980, с. 31.

ки ӯ дар зиндагӣ ба риёзаткашӣ ва саҷҷоданишинӣ чандон майле надошт. Чунончи, аз худи оҳанг ва тарзи суханронии муаллифи «Ишорот ва танбеҳот» ва «Рисолаи ишқ» пайдост, ки ӯ ба маънии куллии истилоҳ мутафаккири сӯфимашраб набудааст; Буалӣ аз ин боб дар мавқеи мушоҳиди бегона истода сухан мегӯяд ва барои исботи ахбораш «сӯфиён фалонӣ гӯянд», «ба наздики ориф фалонӣ аст» ва ё «эшонро корҳоест пушида» навишта ба худи соликони тариқ истинод мекунад.

Пас, ирфони сӯфия маҳз аз кадом ҷиҳат мавриди эътибори Абӯалии Сино қарор гирифта буд? Ба ақидаи ман, Шайхурраис асосан ба ҷанбаҳои гносеологӣ (табиати дониши ҳиссию ҳадсӣ), психологӣ (падидаҳои сублиматсионӣ) ва тиббӣ (тарбияи иродаи қавӣ)-и тасаввуф мароқи муҳаккона зоҳир намудааст; ӯро махсусан роҳҳо ва воситаҳои ирфонии ба объекти эътиқод (худо) пайванд шудани субъекти эътиқод (ориф) ба худ ҷалб карда метавонистанд, зеро дар исломи рошидӣ худованд ҳамчун мабдаи сирф трансцендентие қаламдод мешавад, ки ба фарди эътиқодманд (обидон) комилан дастнорас аст.

Аз ин мавқеи назар фаслеро аз «Донишнома», ки он ҷо муаллиф дар руҳи ирфони сӯфия «хуштарин хушӣ ва бузургитарин саодате ва некбахтӣ пайванди воҷиб-ул-вуҷуд аст» мегӯяд, ман ба тарзи дигар таъбир карданиам. Ба фикри ман, ин талқиноти Шайхурраисро ҳамчун мисоли ба тасаввуф «гузашт кардан»-и ӯ тафсир додан нашояд, хусусан, ки дар зимни иддаои охири худи тасаввуф низ яктарафа шарҳу таъбир меёбад; онро метавон далели

иловагие — далели эстетикӣ — донист, ки Абӯалии Сино бар таъйиди ақидаи худӣ андар таносуби онтологии «холиқ — махлуқ» овардааст.

Чунон ки зикраш гузашт, ин масъала аз аввал — аз худи оғози андешаи фалсафӣ дар боби рукнҳои эътиқоди мусулмонӣ — мавриди диққати аҳли фаҳм қарор гирифта буд. Аз ин маънӣ шавқу ҳаваси Бӯалиро ба ирфони сӯфия метавон ҷузъе аз саъю кӯшиши ӯ дар роҳи бартараф сохтани тафовути онтологӣ дар байни худованд ва оламӣ ҳаюлонӣ донист, ки зимни таълимоти фалсафии эшон мабдаъҳои космологии мутародифан ҷовид таъбир мешаванд.

Ба мавзӯи асосии ин фасл бозгашта, дар хотимаи сухан бояд гуфт, ки ақидаи «Инсони Комил» дорои мазмуни ғании этикӣ ва аҳамияти хоси гуманистӣ буд. «Инсони Комил»-ро бо як ҳисоб метавон модели ҳаёти маънавӣ донист, зеро ӯ шахсест, ки тамоми нерӯҳои ҷисмонӣ ва рӯҳонии худ ва низ ҷамеи ҳолҳои ҳастӣ — он ҳолҳоеро, ки шомили ниҳоди азалии башаранд,— аз қувва ба феъл овардааст.

Рукнҳои фалсафию ахлоқии тасаввуфро дар зимни маънавиёти ҷаҳонӣ андеша намуда, метавон хулоса баровард, ки идеалҳои сӯфия ба идеалҳои гуманистии Аврупо аз дигар як ҷиҳати муҳим низ ҳамнакшанд. Сухан аз ҳамбастагии ботинии се мабдаъ — **хайрият, зебоӣ** ва **ҳақиқат** меравад, ки дар тамаддуни аврупоӣ аз замони Афлотун инҷониб нуфузи маънавӣ дорад.

Тасаввуф, аз бозе ки аз файзи ҳикмати шомилаи юнонӣ баҳравар гардид, ваҳдати фа-

зилат, нафосат ва адолатро камоли матлуби хеш медонист; ба хосса ягонагии хайрӣ ва ростиро аз рукнҳои асосии иттиҳоди машраб эълом дошт. Ба ин маънӣ сӯфия аз аввал баҳри ваҳдати ақлу ҳис, ростии ҳаққонӣ ва ростии одил, илм ва ахлоқ мекӯшид. «Инсони Комил» айнан мебоист муҷассамаи тамоми ин сифатҳо бошад.

Хулласи калом, то замони мо омада расидан ва аз тарафи бархе намояндагони барҷастаи илму фарҳанги Шарқи муосир мавриди баррасӣ ва инкишоф қарор гирифтани ақидаи «Инсони Комил» беҳуда нест. Дар қатори онон ҷои аввалро Муҳаммад Иқбол — муаллифи маъруфи маснавиҳои «Асрори худӣ» ва «Гулшани рози ҷадид» — меистад, ки ӯро Саид Нафисӣ бесабаб барҷастатарин сӯфии қарни XX ном надодааст.

## РУҶӮИ ПАНҶУМ

# ТАБИАТШИНОСӢ

### Аз саро то Сурайё

Маърифати илмӣ аз қадимтарин ҷанбаҳои фаъолияти эҷодии одамизод буда, дар, китоби таърихи маданияти ҷаҳонӣ як фасли алоҳидаро фаро мегирад.

Илму дониш зодаи табъу завқи қавму наҷоди ҷудогона набуда, дар зимни ҷустуҷӯҳои насл ба насли муҳаққиқони халқу миллатҳои мухталиф сурат гирифтааст ва ба ин маънӣ аз аввал тамоюли интернационалистӣ дошт. Ин нуктаро дар мисоли таърихи ташаккули афкори илмии форсу тоҷик шарҳу тафсир додан мумкин аст.

Толеи таърихии аҷамиён будаст, ки тамаддуни онон дар чорсуи Шарқу Ғарб, дар маркази равобити иқтисодию фарҳангии мардуми гуногунзабону гуногунмаслаки Аврупою Осиё қомат афрохтааст. Ба ин маънӣ таърихи афкори илмии тоҷику форсҳо — таърихи таркиби анъанаҳои рангоранги маданӣ, таърихи таъсири мутақобил ва бахрабаршавии дутарафаи тамаддунҳо, халқҳо ва замонҳои мухталиф аст.

Бино ба ахборе, ки дар «Осор-ул-боқия ан-ил-қурун-ил-холия»-и Абурайҳони Берунӣ зикр шудааст, ниёгони мо-бохтариҳо, портиҳо, суғ-

диён, хоразмиён-дар баробари қибтиён, бобулиён, ҳиндувон, юнониён ва дигар қавмҳои бостонӣ маълумоти гаронмояи илмӣ андухтаанд.

Ҳафриёти археологҳо дар Суғд, Хоразм ва Марв аз инкишофи маданияти моддӣ дар аҳди пеш аз аҳди ислом далолат мекунад. Дараҷаи инкишофи маданияти моддӣ бошад, дар навбати худ ба савияи тараққиёти иқтисодиёти кишвар вобаста аст. Маълумоте, ки илми бостоншиносӣ то кунун андӯхтааст, собит мекунад, ки дар Осиёи Миёнаи Қадим буньёду буньёни хоҷагиро қишоварзии обьёришаванда ташкил медод. Чунин тариқи зироаткорӣ, албатта, бе шабакаи муназзами каналҳо намешавад. Пас, аҷдоди моро лозим меомад, ки масъалаҳои мураккаби техникиро ҳал намоянд.

Илми ҳайъат низ аз эҳтиёҷот ва махсусияти кашоварзии обьёришаванда сар задааст. Назар ба ҳуҷҷатҳои кӯҳи Муғ суғдиён тақвими хосеро ихтироъ карда будаанд, ки нуфузи он то Ҳинду Чин рафта расидааст. Бостоншиносон боқимондаҳои чанд мушоҳидагоҳ ва олати расадро кофта ёфтанд, ки хосса аз савияи баланди тараққиёти астрономия дар қаламрави қавмҳои эронинасли Осиёи Миёна дарак медиҳанд.

Ба нуфуз ва аҳамияти чаҳони илми асримиёнагини Шарқи Наздик ва Миёна, аз ҷумла Аҷам, дахл карда, бояд се ҷиҳати хизмати таърихии онро алоҳида қайд кард: аввалан, тарҷума (ба арабӣ ва дарӣ-форсӣ-тоҷикӣ) ва тавассути ин ҳифзи осори илмии юнониёни аҳди қадим; сониян, тафсир, ва таҳрири он; ниҳоят,

кашф ва истидлоли ҳақоиқи нав, ки дар заминаи таркиби эҷодии анъанаҳои илмии маҳаллӣ ва хориҷӣ сурат гирифтааст. Дар зер моасосан тезиси охирро мавриди шарҳу тафсир қарор хоҳем дод.

Дар тамаддуни асримиёнагини тоҷику форс дар қатори илмҳое, ки барои инкишофи онон шароити мусоиди таърихӣ фаро расида буд, **математика** ва **астрономия** ба авҷи тараққиёт расида буданд. Дар воқеъ, сардафтари алгебра олими барҷастаи аҷамӣ Муҳаммади Хоразмӣ (а. IX) буд. Худи номи ин илми риёзӣ аз асарҳои ӯ «Китоб-ул-ҷабр ва-л-муқобала» баромада омадааст. Аз транскрипцияи лотинии номи олим (Алгоритмус) бошад истилоҳи ҳозираи илмӣ — **алгоритм** ба вуҷуд омадааст, ки аз мафҳумҳои асосии математикаи ҳисоббарории асри мо ба шумор меравад. Математикҳои машриқӣ низ асосгузорони **тригонометрия** буданд, ки он илми мусалласот ном дошт. Аз тарафи онҳо бештар аз 100 ҷадвали дақиқи тригонометрӣ мураттаб сохта шудааст. Ҷадвалҳои аз ҳама аниқ бошанд, дар расадхонаи Самарқанд тартиб дода шудаанд.

Аз силсилаи кашфиётҳои риёзиётдонони форс—тоҷик махсусан сетояш дар таърихи математика нақши равшан гузоштааст. **Яке** — кашфи ва истилоҳ биноми Ньютон (ин ном иштибоҳан расм шудааст) барои ҳар гуна нишондиҳандаи натуралӣ мебошад, ки аз тарафи Умари Хайём, Насириддини Тӯсӣ ва Ғиёсиддини Кошонӣ собит карда шудааст. **Дигаре**—кашфи касрҳои даҳист, ки низ ба Ғиёсиддини Кошонӣ муяссар гардидааст. **Сеюмӣ** — исботи постулати V-и Евклид (Уқлидус) мебошад, ки ба на-

зарияи хатҳои мувозӣ (параллелӣ) оид аст. Маҳз ҳамин исбот, ки дар асари писари Насириддини Тӯсӣ Садриддин «Таҳрири Уқлидус» баён шуда буду тавассути тарҷумаи лотинӣ дастраси аҳли илми Аврупои асри XVI гардид, ба кашфиётҳои инқилобии оянда (ихтирои геометрияҳои ғайриевклидӣ) замина шуд. Ин далели таърихӣ аз дигар ҷиҳат низ мароқангез аст. Одатан муаррихон чунин мешуморанд, ки робитаи илмии Шарқу Ғарб (Аврупои Ғарбӣ) асосан аз қарни X то қарнҳои XII — XIV идома дошт. Фактҳои нав далолат мекунанд, ки мутафаккирони аврупоӣ то худи асри XVI бо «Шарқи исломӣ» алоқа доштанд ва аз осори машриқиён пайваста илҳом мегирифтанд.

Ба тавсифи комьёбиҳои ҳайъатшиносон гузашта, даставвал бояд гуфт, ки аз як худи Мовароуннаҳр дар арзи ҳафт аср (IX — XV) бештар аз 100 нафар мунаҷҷимони заковатманд по ба арсаи илми ҷаҳонӣ ниҳодаанд. Бино ба маълумоти андӯхтаи муҳаққиқи эронӣ Саидҳусейни Наср, дар сарзамини Арабу Аҷам қариб 20 расадгоҳ ташкил карда шуда буд, ки ҳар яке асбобу афзори пуриқтидор ва дақиқкоре дошт ва барои анҷом додани тадқиқоти мухталиф мусоидат мекард. Чунончи, Абӯрайҳони Берунӣ дар Хоразм, Муҳаммади Хоразми дар Бағдод, Умари Хайём дар Исфаҳон, Насириддини Тӯсӣ дар Мароға ва ниҳоят як зумра ахтаршиносони маъруфи Самарқандӣ дар расадхонаи Улуғбек дар муддати чандин сол мушоҳидаҳои пурарзиши астрономиро ба амал бароварда ба инкишофи илми ҳайъат ҳиссаи калон гузоштаанд.

Донишманди бузурги тоҷик Абӯалии Сино

дар қатори илму фанҳои дигар ба ҳайъатшиносӣ низ машғул шуда, дар ин бобат асарҳои мухталиф таълиф кардааст. Дар феҳристи осори илмии Шайхурраис — ҳуҷҷатулҳақ, ки бо саъю эҳтимоми шогирди ӯ Абӯубайди Фақеҳи Ҷузҷонӣ мураттаб сохта шудааст, ҳафт рисолаи Аллома ба назар расид, ки дар онҳо масъалаҳои гуногуни назарӣ ва амалии илми ҳайъат мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд. Ба ғайр аз ин, масъалаҳои мухталифи астрономия дар асарҳои энциклопедии Абӯалии Сино, аз қабили «Донишнома» ва «Шифо», инчунин дар тафсирномаву тавзеҳоти навиштаҳои муҳаққиқони дигар (аз ҷумла «Ал-маҷастӣ»-и Батлимус ва «Усул»-и Уқлидус) зикр ёфтаанд.

Ҳангоми мутолиаи баъзе асарҳои астрономии Ибни Сино дар назари аввал чунин менамояд, ки муаллиф ақидаи маълуму маъмули риёзидонони юнонӣ, бобулӣ ё ҳиндиро ба қалам овардаасту бас. Ҳамин далели назаррас буд, ки бисьёр муҳаққиқони хориҷӣ фирефтаи он шуда, Синоро шореҳи осори Батлимусу Уқлидус эълом додаанд.

Вале ҳангоми бо камоли хайрхоҳӣ ва диққати тамом муроқаба кардани рисолаҳои астрономии Шайхурраис, аз ҷумла тафсирномаҳои ӯ, яқин ҳосил намудан мумкин аст, ки Абӯалии Сино ба осори гузаштагони худ аз ду ҷиҳат тағироту иловаҳо даровардааст. Аввалан, вай ақида ё нуктаҳои комилан навро дохил карда дар зимни онҳо чанд ҷузъёти муҳими таълифоти пешиниёнро интиқодан боздиди назар намудааст. Дар ин бора дар хотироти Абӯубайди Фақеҳ чунин гуфта шудааст:

«Дар «Мачастӣ» даҳ шакл аз ихтилофи манзар овард, дар охири «Мачастӣ» дар илми ҳайъат чизҳое овард, ки пеш аз ӯ набуд».

Сониян, Ибни Сино нуктаҳои норасо, бебурҳон ё нотамоми пешиниёнро мукаммал кардааст ва ё хатоҳои илмии ононро ислоҳ намудааст. Абӯалии Сино на фақат оид ба масъалаҳои умумии илми ҳайъат (хусусиятҳои ҳаракати чирмҳои фалак, ашколи Замину Осмон, чигунагии расад ва мутобиқати он бо табиатшиносӣ ва монанди инҳо) рисолаҳо иншо кардааст, балки, чояш ояду шароит мусоидат кунад, худ ба мушоҳида ва расадбандӣ пардохтааст.

Умуман чиҳати хоси астрономияи ба истилоҳ Шарқи исломӣ иборат аз он буд, ки вай **мушоҳида ва расадбандиро** вазифаи асосии худ қарор дода буд. Маҳз дар соҳаи астрономияи мушоҳидавӣ олимони машриқзамин ба комьёбиҳои намоён ноил гаштанд.

Аз силсилаи комьёбиҳои муначчимони асримиёнагини Ачам муваффақиятҳои ононро дар мураттабсозии зичҳо (чадвалҳои ситораҳои собита) бояд алоҳида қайд кард. Ин амал дар эронзамин анъанаи дерине дошт, ки аз асри VIII сар карда сурат гирифтааст. Бино ба маълумоти мӯътамади таърихӣ, ба қалами олимони ҳайъатшиноси машриқӣ бештар аз 100 зич тааллуқ дорад. Чунончи. «Зичи Маликшоҳӣ»-и Умари Хайём, «Зичи Элхонӣ»-и Насириддини Тӯсӣ, «Зичи Хоқонӣ»-и Ғиёсиддини Қошонӣ ва ниҳоят «Зичи чадиди Кӯрагонӣ»-и муначчимони Самарқанд, ки маъруф ба номи «Зичи Улуғбек» аст, аз чумлаи чадвалҳои машҳури астрономианд, ки дар расад-

хонаҳои аҷамӣ таҳия шуда бо мурури замон нуфузи байналмилалӣ пайдо кардаанд.

Қобили ба таҳрир кашидан аст, ки дар Аҷам расадбандӣ дар замони истилои турку муғул низ пайваста идома дошт; хонҳо ва бекҳои аҷнабӣ аз ҷумлаи улуму фунуни аҷамӣ ба илми ҳайъат ва тиб шавқу ҳаваси ҳосе зоҳир намуданд. Ба илми тиб ва умуман табибигарӣ мароқ зоҳир намудани саркардаҳои истилогарон, ки сонитар аз шаҳди давлатхудой мазахӯрак шуда, ба тадриҷ муқиминишиниро ихтиёр кардаанд, боиси тааҷҷуб нест. Вале илми ҳайъат (астрономия)-ро дастгирӣ кардани онон ниёзманди шарҳу тафсирест.

Сараввал бояд як ҷиҳати хоси инкишофи илми ҳайъатро дар аҳли Эҳьёи Аҷам ба ҳисоб гирифт. Сухан аз **омезишу ихтилоти астрономия ва астрология**, илми ҳайъат ва санъати танҷим меравад. Ба ин факти зерини таърихию лингвистӣ далел шуда метавонад: ин ду соҳаи фаъолияти одамиро аксаран бо як истилоҳи муштарак — **илми нуҷум** ифода мекарданд.

Аслан анъанаи мазкур (омезиши астрономия ва астрология) дар тамаддуни Бобул оғоз шуда, баъдтар дар Эрону Тӯрон ва Ҳиндустону Юнон нуфуз пайдо кардааст. Чунон ки муаррихи маъруфи илми бостонӣ Отто Нейгебауэр барҳақ мегӯяд, маҳз астрология (номи дар Аҷам маъмулаш санъати танҷим) — эътиқод ба таъсири ҷирмҳои осмонӣ ба сарнавишту ҳаёти одамон ва ҳатто халқу кишварҳо — аз омилҳои асосие буд, ки ба вусъати таърихии илми астрономия мусоидат кар-

дааст. Ба ин маънӣ муносибати онҳоро аз рӯи киноя метавон ба муносибати шоливу курмак ташбеҳ дод.

Бо вуҷуди ин, олимони ҳайъатшинос, онҳое, ки маърифати олами воқеиро пеша кардаанду ба амали сабабу омилҳои табиӣ эътиқод доштанд, аҳкому асҳоби нуҷумро борҳо танқиду мазаммат кардаанд. Дар байни мунаққидони уторидзамири астрология Абӯалии Сино ва Абӯрайҳони Берунӣ барин бузургони илму фалсафаи классикии тоҷику форс низ буданд, ки алахусус далелу ҳуҷҷати қотеъ оварда, даъвоҳои мунаҷҷимонро рад карданд. Чунончи, Ибни Сино ҳамчун табиатшинос илман ғалат будани пешгӯии офатҳои табииро дар Замин аз руи вазъи сайёраву ситораҳо дар осмон бо далелу бурҳони боварибахш собит мекард. Шайхуррaис сафсатаҳои мунаҷҷимонро дар боран он ки гӯё дар бурҷи Ақраб пайдо шудани Моҳ нишонаи боридани борон бошад, танқид карда навиштааст, ки ҳатто дар сурати ба вуқӯъ пайвастани чунин «пешбинӣ» ҳам вай фақат далели тасодуфан дар як вақт ба амал омадани ду ҳодисаи ба якдигар новобаста мебошаду бас. Абӯалии Сино дар айни замон барои қавитар шудани фикраш сабаби боридани боронро аз мавқеи назари илми табиатшиносӣ маънидод намудааст.

(Дар айни замон Буалӣ вуҷуд доштани робитаи ботинию табиии миёни арзу само, байни рӯйдодҳои заминӣ ва падидаҳои осмонӣ, аз ҷумла феъли Шамсу Қамар, қоил буд. Чунончи, бино ба «Донишнома», «рӯшноӣ ва қувватҳо, ки аз Офтоб ва ситорагони дигар андар ин олам асар кунанд ва зоҳиртар асаре онн

Офтоб аст ва они Моҳ, ки Моҳ мар меваҳоро бипазад ва ба афзоиши хештан мағзҳоро биафзояд ва обҳои дарьёро мад кунад»[1])...

Астрология ё санъати танҷим аз ҷузъҳои таркибӣ ва муҳимтарин рукнҳои ҷаҳонбинии Асрҳои Миёна буд. Он вақт чӣ дар Аврупои Ғарбӣ ва чӣ дар Осиёи Марказӣ маҳз астрология буд, ки миёни ҷанбаҳо ва соҳаҳои мухталифи фаъолияти одамӣ пули робита месохт. Дар назари аввал дар байни санъати танҷим ва илми тиб алоқамандие буда наметавонад. Вале аз назари одами асримиёнагин чунин робита на фақат табиӣ, балки сирф ҳатмист.

Робитаи мазбураро юнониёни бостонӣ барқарор карда буданд; ҳангоми ба Эрон ва умуман Аҷам густариш ёфтани анъанаҳои мактаби юнонии табибон бошад, робитаи мазкура низ дар шаклу андоми аввалааш интиқол гардид. Ба қавли худи ҳамон Нейгебауэр дар Асрҳои Миёна ҳам илми нуҷум ва илми тиб пайваста ҳамдастӣ мекарданд; тамоми илмҳои асримиёнагин дар боби доруворихо, наботот ва ҳатто ҳайвонот ба рукнҳои астрологияи юнонӣ такья мекард.

Аз ин рӯ ҳам хонҳо ва бекҳои саҳрой, ки дар ҳурофотпарастӣ беназир буданд, санъати танҷим ва мактаби ба вай алоқаманди мунаҷҷимонро дар паноҳ пазируфтаанд.

Таърихи таъсис ва равияи тадқиқотии расадхонаҳое, ки дар тӯли қарнҳои XIII—XV дар Аҷам сохта шудаанд, аз ин боб ба ғояти аёнӣ далолат мекунанд. Чунончи, бо дастгирии моддии хони муғул наберан Чингизхон Ҳало-

---

[1] *Абӯалӣ ибни Сино.* Осори мунтахаб, ч. I, саҳ. 121.

ку дар Мароға расадхонае таъсис ёфта буд, ки дар он як зумра ҳайъатшиносони маъруф бо сарварии илмии Насириддини Тӯсӣ (1201—1274) дар соҳаи астрономияи амалӣ корҳои гаронбаҳои тадқиқотиро анҷом дод.

Зиче, ки ин ҷо дар натиҷаи расадбандии пайвастаи дувоздаҳсола тартиб дода шуд, «Зиҷи Элхонӣ» ном дошт. Тавассути чунин номгузори муаллифони тоҷикзабони ҷадвали мазкури астрономӣ ба «Элхони бузург» барои кӯмак изҳори миннатдорӣ кардаанд. (Зимнан, Насириддини Тӯсӣ мушовирӣ расмии Ҳалокухон буд!).

Меъроҷи иқдоми чандасраи мунаҷҷимони аҷамӣ дар роҳи сохтан ва такмил додани ҷадвалҳои нуҷуми «Зиҷи ҷадиди Кӯрагонӣ» буд, ки натиҷаи заҳмати қариб бистсолаи як гурӯҳ ҳайъатшиносони номии самарқандӣ буда, ба забони тоҷикӣ иншо шудааст.

Расадхонаи Самарқанд ба туфайли мусоидати молӣ ва истеъдоди тартибдиҳандагии набераи Темури Кӯрагон Муҳаммади Тарағай маъруф ба Улуғбек сохта шуд, ки он вақт беҳтарин мутахассисони ҳайъатшиносро дар ин шаҳри бостонии Аҷам ҷамъ оварда буд. Дар байни онҳо алалхусус се олим — Ғиёсиддин Ҷамшеди Кошонӣ (маъруф ба исми ал-Кошӣ), Салоҳиддин Қозизодаи Румӣ (ӯро Чустӣ низ мегуфтанд, зеро аслан зодаи Чуст ном маҳалли тоҷикнишин будаст) ва Алиқушчии Самарқандӣ — аз ҷиҳати заковати илмӣ ҷудо шуда меистанд; чунон ки дар сарсухани «Зиҷи ҷадиди Кӯрагонӣ» сабт шудааст, маҳз онҳо муаллифони ин ҷадвали нодири астрономӣ буданд. (Дар сарсухани мазкур ба хосса

хизмати Ғиёсиддини Кошонӣ ва Қозизодаи Чустӣ қайд гардидааст: онҳо «замири мунири ҳар як шамъи анҷумани донишварӣ бал ҷоми ҷаҳоннамои фазлгустарӣ» хонда шудаанд).

Астроном ва математики маъруфи тоҷик Ғиёсиддини Кошонӣ на фақат дар тартиб додани «Зиҷи ҷадиди Кӯрагонӣ» бевосита ширкат варзидааст, балки аз муассисони расадхонаи Самарқанд будаст. Вай фаъолияти илмии худро дар Фарғона оғоз кардааст, ки он вақт таҳти идораи Искандар ном ҳокими туркнажод будаст. Кошонӣ, ки шефтаи расадбандӣ буд, мехост дар ягон ҷой бо мадади пулии ягон ҳокими шӯҳратпараст як расадхонаи бузурге сохта ба ислоҳу таъдили зиҷҳои пешин пардозад. Бо мақсади ба ин амри хайр ҳавасманд кардани ҳокими Фарғона олими тоҷик ҳатто як асари илмии омифаҳме таълиф карда, «Рисола дар шарҳи олати расад» ном додааст. Вале дере нагузашта Искандар кушта шуду иқдоми Кошонӣ бенатиҷа монд. Олим ба ҷустуҷӯи ягон ҳомию мададрасони дигар — оне пардохт, ки ба аҳамияти илмию сиёсии нақшаи ӯ сарфаҳм рафта тавонад.

Аз афташ Кошонӣ бо падари Улуғбек шинос буд; ба ҳар ҳол ӯ яке аз рисолаҳои муҳимми астрономиаш («Аз-зиҷ-ул-Хоқонӣ»)-ро ба номи Шоҳрух навишта будааст. Дар зимни ин далели таърихӣ маҳз ба Улуғбек муроҷиат кардани Кошонӣ ва таклифи ӯро ба осонӣ қабул кардани ҳокими онвақтаи Самарқанд бесабаб нест.

Аз боби мақоми дар таърихи илм ишғолкардаи олими ҳайъатшинос Ғиёсиддини Кошонӣ гап кушода, сараввал бояд гуфт, ки ӯ

мутааллиқ ба зумраи мутафаккирони барҷастаи асри XV-и тоҷик буд. Ба ҷуз рисолае, ки зикраш дар боло гузашт, ба қалами ӯ «Суллам-ус-самоъ», «Мифтоҳ-ул-ҳисоб»; «Ар-рисола ал-муҳития», «Ар-рисола ал-ватар ва-л ҷайб» барин асарҳои астрономию математикӣ мансубанд.

Ба масъалаи такмили зиҷҳо бошад, Ғиёсиддини Кошонӣ аз худи оғози фаъолияти илмиаш (аввал дар Ҳирот, сонӣ дар Фарғона сурат гирифтааст) сар карда пайваста машғул шудааст. Вай «Зиҷи Элхонӣ»-и Насириддини Тӯсиро нуқтаи истинод қарор дода, маълумоти дар ин ҷадвал сабтшударо сар то охир тафтиш карда баромада, ҷо-ҷо ба ислоҳу таъдили онҳо пардохт. Дар натиҷаи ин кори калонҳаҷми тадқиқотӣ ба тоҷикӣ ҷадвали нави ситораҳои собита мураттаб сохта шуд, ки «Зиҷи Хоқонӣ дар такмили зиҷи Элхонӣ» ном дошт.

Вале Ғиёсиддини Ҷамшед идомаи эҷодии корҳои тадқиқотии пешаҳдон, ба хосса Умари Хайём ва Насириддини Тӯсиро, иборат аз он медонист, ки як расадхонаи нав барпо намуда худ бо шогирдонаш ба мушоҳида ва расадбандӣ шуғл варзад ва аз маълумоти андӯхтааш зиҷи наву мукаммале тартиб диҳад, ки ба дараҷаи инкишофи онвақта (асри XV)-и астрономияи назарӣ ва амалӣ рост ояд.

Ин орзӯи деринаи Кошонӣ айнан дар Самарқанд — дар шаҳре ҷомаи амал пӯшид, ки он ҷо ӯ дар шахси Қозизодаи Румӣ олими ба худ баробар ва ҳамфикрро дучор омад.

Дар воқеъ, Салоҳиддини Қозизода дар афлоки илми қарни XV ба дараҷаи ситораи қад-

ри якум нурафканӣ мекард. Агар Ғиёсиддини Ҷамшедро муосиронаш **«Батлимуси сонӣ»** хонанд, Қозизодаи Чустиро **«Афлотуни замон»** ном дода буданд.

Дониши васеу ғание, ки ҳарду олими қомуснигор дар илми риёзӣ доштанд, дар Самарқанд, ҳангоме ки якҷоя ба расадбандӣ ва иртифоъ пардохтанд, ба кор омад. Масалан, барои мураттаб сохтани ҷадвалҳои дақиқи астрономӣ аввал ҷадвалҳои дақиқи функцияҳои тригонометриро муҳайё кардан лозим аст. Аз ин ҷост, ки дақиқтарин ҷадвалҳои тригонометрӣ маҳз дар расадхонаи Самарқанд тартиб дода шудаанд. Бар буньёди ҷадвалҳои мазкур бошад, ба истилоҳ методи интерациониии ҳалли муодилаҳои трисекцияи кунҷ (барои муайян кардани синуси як дараҷа) қарор гирифта буд, ки онро Ғиёсиддини Кошонӣ кашф намуда, дар рисолаи «Ар-рисола ал-ватар ва-л ҷайб» ба қалам овардааст.

Барои аҳамияти хоси ин кашфиётро дар таърихи илм муайян кардан аз таълифоти муаррихи маъруфи немис Х. Ханкел як иқтибос овардан кофист. Ба қавли ӯ, методи Кошонии ҳалли муодилаи трисекцияи кунҷ «аз ҷиҳати зарофату назокат аз ҳамаи методҳои тақрибии ҳалли муодила, ки дар кишварҳои Ғарб баъд аз сари Виета кашф шудаанд, ҳеҷ монандӣ надорад».[1]

Алиқушчии Самарқандӣ низ яке аз донандагони илми риёзӣ будаст. (Маҳз ӯ буд, ки кори тадқиқотии Кошонӣ ва Чустиро ба итмом расонида, варианти пурраи «Зиҷи ҷади-

[1] Иқтибос аз рӯи китоби «Таърихи математика» ҷ. I, М., 1970, с. 226—227, (ба забони русӣ).

ди Кӯрагонӣ»-ро тартиб дода, дар муҳити илмии онвақта интишор намудааст). Дар байни рисолаҳои математикии Алиқушчӣ алалхусус «Китоб-ул-Муҳаммад» машҳур аст, ки дар вақташ тавассути Рум ба Аврупои Ғарбӣ роҳ ёфта, ба мақоми муайяни илмӣ расида буд. (Сухан аз ҷумла дар бораи ғояи ададҳои мусбат ва манфӣ меравад, ки бори аввал дар асари мазкур дар қалам омада дар муҳити илмии аврупоӣ ба ҳадде, ки бояд, пазируфта ва тақдир шудааст. Худи мафҳумҳои пешниҳодаи Қушчӣ — ададҳои мусбат ва манфӣ — бошанд, дар истилоҳоти илмии тоҷикӣ ва ӯзбекӣ то рӯзҳои мо боқӣ мондаанд.)

Аз миёни асарҳои астрономии Алиқушчии Самарқандӣ «Рисолае дар фалакиёт»-ро ба мадди эътибор гирифтан салоҳ аст. Ин асар ба тоҷикӣ таълиф шудаст ва бино ба тафсире, ки олими тоҷикзабони қарни XVI Муслиҳиддин Ансорӣ навиштааст, онро нуфзи калони илмӣ насиб гаштааст.

Ба шарҳу баёни муфассали сарбахши илмии ҳар як узви мактаби астрономӣ ва математикии Самарқанд таваққуф накарда, ба тақвими илмию таърихии кори асосии онҳо — «Зиҷи ҷадиди Кӯрагонӣ» мегузарем, ки бо мурури замон дар Шарқу Ғарб мақом ва нуфузи калон пайдо намудааст.

Бино ба ахборе, ки дар асари номбурдаи Алиқушчӣ «Рисолае дар фалакиёт» дарҷ шудааст, ҳайъатшиносони самарқандӣ «як ҳазору бисту ду ситора расад карданд ва мавқеи онҳоро аз фалакулбуруҷ таъин карданд ва аз барои таъриф ва таъини кавокиб чилу ҳашт сӯрат таваҳҳум кардаанд». Хизмати илмии

аъзои мактаби мазкур дар доираи иртифоъ ва расадбандии ситораҳои собита ва сайёраҳо маҳдуд намондааст. Фаромӯш намекунем, ки зиҷҳои онвақта як навъ энциклопедияи астрономияи амалӣ буданд; дар онҳо дар баробари координатаҳои кавокиби собита ва сайёра, инчунин координатаҳои ҷуғрофии маҳалҳои ҷудогона, ҷадвалҳои тригонометрӣ ва маълумотҳое сабт мешуданд, ки ба қонуниятҳои ҳаракати Шамсу Қамар ва тақвиму тақвимсозӣ оиданд. Аз ҷумла дар «Зиҷи ҷадиди Кӯрагонӣ» координатаҳои ҷуғрофии 683 шаҳри Арабу Аҷам ва соири кишварҳои Шарқу Ғарб ба ғояти аниқӣ сабт шудаанд.

Маҳз арзиши баланди илмии мусаннафоти ҳайъатшиносони Самарқандӣ буд, ки ба вай шӯҳрати ҷаҳонӣ бахшид. Дар қарнҳои XV—XVI «Зиҷи ҷадиди Кӯрагонӣ» ба муҳити илмии Аврупо роҳ ёфта, дар буньёди тадқиқоти астрономии олимони онҷой қарор гирифт. (Дар Англия як қисми зиҷи мазкур дар миёнаи қарнҳои XVII нашр шуд. Шакли пурраи таълифоти олимони Самарқандӣ бошад,— оригинали тоҷикӣ ва тарҷумаи лотинии он— соли 1665 ба саъю эҳтимоми Томас Хайд чоп шуда баромад. Пас аз 250 сол Э. Б. Нобл тарҷумаи комили англисии «Зиҷи ҷадиди Кӯрагонӣ»-ро нашр кунонд, ки аз ҷиҳати миқдори манбаъҳои истифодашуда ва дараҷаи тадқиқи интиқодии онҳо собиқа надорад.) Умуман гирем, ҷадвали мазкур то худи оғози фаъолияти илмии Тихо Браге (яъне дар арзи 150 соли оянда), ки дар калонтарин расадхонаи онвақта (Ураниборг, Дания) кор карда, ҷадвали нави ситораҳои намоёнро тартиб до-

дааст, дастуруламали асосии ҷамеи расадхонаҳои аврупоӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар хотима ду далели муҳимми таърихиро зикр мекунам, ки аз дараҷаи вусъати илми ҳайъат дар Аҷам дарак медиҳад.

Аввалан, бар хилофи хулосаи муаррихони илм, дар қарни XVI ва баъд аз он ҳам фаъолияти тадқиқотии аҷамиён қатъ нашудааст; фақат бо сабабҳои маълуми таърихӣ (истилои нави Аҷам аз тарафи туркҳо) собиқ марказҳои илмӣ (масалан, дар Самарқанд) таназзул ёфта, кормандони онҳо ба марзу буми дигар (Осиёи Сағир, Ҳиндустони Шимолӣ) кӯчида рафта, он ҷо зимни идомаи анъанаи пешинаи фарҳангӣ аз нав ба тадқиқот шурӯъ намудаанд. Чунончӣ, дар Ҳиндустон бо дастгирии сулолаи Бобуриён расадхонаҳои наве бино карда шудаанд, ки аз рӯи таҷҳизоти мушоҳида ва иртифоъ дар ҷаҳон ҳамто надоштанд. Сухан аз расадхонаҳое меравад, ки он ҷо бо фармони Муҳаммадшоҳ ҳайъатшиносони «вилоятҷо» (дар истилоҳи ҳиндувони асрҳои XV—XVIII одамони аз Мовароуннаҳр омадаро ҳамин тавр меномиданд) гирд омада, бо ҳамкории мутахассисони таҳҷоӣ мушоҳидаҳои муҳимми астрономиро ба иҷро расонидаанд. «Зиҷи нави Муҳаммадшоҳӣ», ки низ ба забони тоҷикӣ таълиф шудааст, аз маҳсули кори ин расадхонаҳост.

Сониян, мунаҷҷимони аҷамӣ на фақат дар таҳия ва такмили ҷадвалҳои нуҷумӣ, балки инчунин дар муайян намудани шаклу андозаҳои Замин, ҳисобу китоби прецессияи нуқтаи эътидоли баҳорӣ ва тирамоҳӣ, чен кардани кунҷи моилии минтақатулбуруҷ (эклиптика)

ба муаддилуннаҳор (экватор), дар мураттаб сохтани тақвимҳои аниқ ва дар ихтироъ ва такомули афзору дастгоҳҳои мушоҳида ва андозагирии астрономӣ ба комьёбихое мувафак шудаанд, ки мислашро таърихи илми хайъат надида буд. Ба ин маънӣ метавон гуфт, ки дастовардҳои хайъатшиносони «Шарқи исломӣ», махсусан Аҷам, меъроҷи тараққиёти астрономияи ғайрителескопӣ буданд. Маҳз ҳамин комьёбиҳои машриқиён буданд, ки ба ҷараёни ташаккулу нашъунамои оянда илми кайҳоншиносӣ (дар Аврупои асрҳои XV—XVII) таъсири судманд расонидаанд.

Аз ҷумлаи ин комьёбиҳо такмили буньёди математикии модели геоцентрии Оламро қайд карда гузаштан даркор аст. Сухан аз тағйироте меравад, ки олимони Арабу Аҷам дар заминаи тадқиқоти худ беш аз пеш ба системаи геоцентрӣ дароварда, барои дар оянда боздиди назар кардани принципҳои космологияи Арастую Батлимус (Птоломей) таҳкурсӣ ва шароити мусоид фароҳам оварданд. Ин нукта алалхусус ба назарияҳои сайёраҳо тааллуқ дорад, ки аз ҳама бештар мавриди ислоҳу такмил қарор гирифтаанд. Сараввал Насириддини Тӯсӣ ва шогирди ӯ Қутбиддини Шерозӣ ба тасҳеҳи модели Батлимус пардохтаанд, ки он ба дастовардхои астрономияи онвақта рост намеомад. Ибни Шотир бошад, аз модели Батлимус умуман даст кашида, модели комилан нави ҳаракати кинематикии Моҳу Офтоб ва сайёраҳоро таҳия кард. Аҷаб нест, ки Николай Коперник ҳангоми системаи гелиоцентрии оламро офаридан маҳз аз тадқиқоти Ибни Шотир илҳом гирифта бошад, зеро

методҳои математикии ҳар ду олим ба ҳам хеле монанданд.

Мутафаккирони аҷамӣ дар ташаккул ва тараққии буньёди физикӣ ва фалсафии кайҳоншиносӣ ҳам фаъолона ширкат варзидаанд. Ман ба тафсири фақат як масъала истода мегузарам, ки дар муҳити илмию фалсафии Аҷам зимни муҳокимаи проблемаи «воҳид-касир» дар миён омадааст. Сухан аз ақидае меравад, ки онро дар илми ҳозира **плюрализми кайҳонӣ** меноманд. Он ақидаи космологист аз боби дар Коинот вуҷуд доштани дигар оламҳои маскун (ба ҷуз Замин).

Дар тӯли қарнҳое чанд концепцияи плюрализми кайҳониро лозим омад, ки дар ҷараёни мубориза бо геоцентризм ва антропоцентризм барин назарияҳои бонуфузи космологӣ истиқлолияти илмию фалсафии худро барқарор намояд. Назарияҳои мазкур бошад, дар давраи Эҳьёи Аҷам ба мақоми баланди идеологӣ баромада буданд. Аз ин рӯ ҳам муҳокимаи фалсафии масъалаи мазбура (якӣ ё бисьёрии оламҳои маскун дар Коинот) аз оғоз ба худ ранги теологӣ гирифта буд. Аз ҷумла худошиносони насронӣ донистан мехостанд, ки оё яздони гаргар бо офаридани як олам иктифо кардааст, ва агар иктифо карда бошад, оё ин амр боиси коҳидани эътиқод ба абарқудратии ӯ нахоҳад буд?

Афкори теологии муслимин низ дар байни Ҳарибдаи «Воҳид» ва Сциллаи «Касир» сарсон шуда, дар ғояти шиддат бандари бехатари худро меҷуст. Олимони табиатшинос ва файласуфон бошанд, дар шароити тазйиқи идеологии ислом (охирӣ ба ҳар ҳол аз фишори

идеологии насроният дида сабуктар буд!) аз муҳокимаву баҳси ошкорои масъалаи мазкура худдорӣ кунанд ҳам дар сӯҳбатҳои хосса ва мукотибаи шахсӣ бо камоли шавқу ҳаваси муҳаққиқона ба он дахл мекарданд. Чунончи, дар мукотибаи Абӯалии Сино ва Абӯрайҳони Берунӣ дар қатори масъалаҳои муҳимми фалсафаи он замон ғояи плюрализми кайҳонӣ низ ҳамаҷиҳата муҳокима шудаст. (Онҳо он вақт хеле ҷавон буданд — Пури Сино ҳамагӣ 17 сол ва Берунӣ 24 сол доштанд. Табиист, ки ҳар яке ақидаи худро ба ғояти эҳтирос собит мекарданд).

Берунӣ зимни мактубе ба Бӯалӣ (охирӣ ба синну солаш нигоҳ накарда худи ҳамон вақт ҳамчун мутахассиси фалсафаи машшоъ ном бароварда буд) пурсидааст: «Чаро Арасту суханони онҳоеро ботил медонад, ки берун аз олами мо вуҷуд доштани олами дигарро талқин мекунанд, оламеро, ки худ ба зоти худ вуҷуд пазируфта ниҳоди ғайреро дорост?». Ибни Сино дар ҷавобаш нуктаҳои фалсафии Арастуро аз ин боб шарҳу таъбир дода аз худ афзудааст: «Шояд ба ҷуз ин олами яккаву ягонае, ки ҳаюлояш муайяну мушаххас аст, бисьёр оламҳои дигаре низ бошанд. Чизи имконпазир нисбат ба ашьёи ҷовид ҳатмӣ мешавад. Пас, дар баробари олами мо вуҷуд доштани анбӯҳи оламҳои ғайр ҳатмист».

Чунон ки пайдост, Абӯалии Сино бо фикри Абӯрайҳони Берунӣ асосан розӣ аст, вале ӯ, бар хилофи ҳарифи ғоявиаш, ба вуҷуд доштани оламе эътиқод надорад, ки аз ҷиҳати таркибу хусусиятҳои физикиаш ба олами мо айнист.

Бо аслу усули баҳси илмии ду мутафаккири бузурги аҳди Эҳьён Аҷам дидаи тадқиқ дӯхта дидан мумкин аст, ки ҳар яке аз тарафайн аз назари худ ҳақ буд ва ғояҳоеро ҳамлу ҳимоят мекард, ки то худи айёми мо омада расида аз пешгоҳи афкори муосири илмию фалсафӣ ҷой гирифтаанд.

Дар воқеъ, ғояи плюрализми кайҳонӣ — ғояи дар Коинот вуҷуд доштани анбӯҳи оламҳои дорои хосиятҳои мухталифи астрономӣ, физикӣ, химиёвӣ, биологӣ ва ҳоказо — кунун фақат тахмини фалсафӣ нест; вай ба сурати барномаи мушаххаси илмӣ даромада мавриди тадқиқу баррасии техникӣ қарор гирифтааст. Гуфтан кофист, ки олимони советӣ ва америкоӣ ба кофтукови тамаддунҳои кайҳонӣ пардохта, дар зимни ин амр роҳҳо ва воситаҳои баркарор кардани робитаҳои байниситоравиро меҷӯянд.

Мавқеи ғоявии Ибни Сино низ бо ҷустуҷӯҳои ҳозираи илмӣ ҳамоҳанг аст. Як ҷиҳати сусти ақидаи тарафдорони плюрализми кайҳонӣ иборат аз он буд, ки онҳо физикан аз ҳам ҷудо будани оламҳои гуногуни фалакиро талқин мекарданд. Чунончи, ба қавли Берунӣ оламҳои ҷудогонаро як садди муайяни табиӣ дар миён аст. Чунин тасаввурот бошад, ихтилофи пешинаи мантиқию фалсафии «Воҳид — Касрат»-ро пеш меовард. (Ин хориқаро юнониёни бостонӣ кашф намуда, охиран ҳал карда натавониста буданд.) Бӯалӣ, ки худ машшоии содиқ буду дар мавқеи «Воҳид» меистод, саравпал аз ҷиҳатҳои муштараки Коиноти плюралистӣ андеша мекард. Бо ибораи дигар, Пури Сино ба ақидаи плюрализми кайҳонӣ

асосан розӣ шуда, дар айни замон ӯ дигар як масъалаи муҳимро дар мадди назар медошт, ки ба ягонагии бунъёди олами моддӣ оид буд.

Рост, концепцияи Бӯалӣ оид ба ягонагии олам ранги хоси ирфонӣ дорад ва, зоҳиран, бо анъанаи рационалистии фалсафаи ӯ дар ихтилоф афтодааст. Дар воқеъ, Қоиноти синоӣ, бар хилофи моделҳои механикии олам, ки сонитар дар заминаи физикаи навин сохта шудаанд, холӣ аз унсурҳои рӯҳонӣ нест. Дар он дар баробари ачроми фалакӣ фариштаҳои илоҳӣ низ маскунанд; аз як сӯ, «олами аболиса ва шаётин» ва, аз сӯи дигар, «олами парӣ ва чинни мутоъ» ҳам аз чузъҳои таркибии Коиноти синоӣ мебошанд. Оё ин боиси тааччуб нест? Агар ба асли масъала аз мавқеи васеътар назар афканем, он гоҳ боиси тааччуб нест.

Аввалан, чунин модели силсилаи маротиби мавчудот зодаи афкори сирф шарқӣ набуда, балки дар анъанаи фалсафию динии тамоми ареали маданини соҳили Баҳри Миёназамин— аз Эмпедокл то Иаков Бёме ва аз Иоҳанн Кеплер то Тейяр де Шарден — мушобеҳ дорад. (Зимнан, Тейяр де Шарден, ки муосири мо буд, мисли Ибни Сино маҳз ишқро қувваи ҳамагонии космологӣ донистааст. Гузашт аз ин, варианти синоии концепцияи ягонагии Микро-ва Макрооламҳо маҳз дар тейярдизм ба авчи инкишофи таърихӣ расидааст; дар таълимоти фалсафию динии мутафаккири франсавӣ ақидаи инсонии Қайҳон ба ақидаи кайҳонии Инсон пайваста мегузарад.)

Сониян (ба образи рӯҳомези Олам, ҳамон навъе, ки Абӯалии Сино тачдид кардааст, аз айнаки эчодиёти илмию фалсафии ӯ (дар шак-

ли томаш) нигариста баралоина дидан мумкин аст, ки дар ин образ ягон рангу таровати хоси ирфонӣ нест: сухан аз тамоюли **этиконидани физика** меравад, яъне тамоюле меравад, ки ба он файласуфи маъруфи юнонӣ — материалист Эпикур ибтидо гузоштааст. Бар изофа, аз ҳама муҳимаш мақсаду мароми азалии ин амри фалсафист: Бӯалӣ мехост олами моддиро аз назорати ҳамешагии Аллоҳ озод карда чараёни инкишофии онро ба қонунҳои махсуси этикию физикие тобеъ созад, ки ба иродаи ягон мабдаи рӯҳонӣ вобаста нест.

Ғайр аз ин, диққати Пури Синоро чиҳати **гносеологии** ғояи плюрализми кайҳонӣ ҷалб мекард. Шайхурраис аз **татбиқи** космологии ин ғояи куҳан андеша ронда, донистан хостааст, ки оламҳои хориҷ аз олами мо ба чӣ миқдорест. Мантиқи муҳокимаву мулоҳизаи ҳомилон ва ҳомиёни ақидаи плюрализми кайҳониро таҳлилу **таркиб** карда, ӯ ба хулоса омадааст, ки дар ниҳояти кор сухан аз «миқдори беҳадду ҳисоби оламҳо» меравад. Вале ин хулоса, ба қавли Бӯалӣ, душвории бартарафнашавандаи гносеологиро пеш меорад: агар шумораи оламҳои ғайр беинтиҳо бошад, пас онҳоро на ҳисоб кардан, на паймудан ва на донистан мумкин аст.

Ин нуктаи муҳимми фалсафӣ, ки ҳазор сол пеш мавриди эътибор ва андешаи шубҳаомези ҷадди аълои ман қарор гирифта буд, кунун аз сари нав ба мадди назари муҳаққиқони кайҳоншинос баромадааст.

Дар космологияи физикии муосир ғояи куҳан дар боби **бисьёрии оламҳои ғайр** то дараҷаи ғояе таъмим шудааст, ки **бисьёрии Коинот-**

ҳоро талқин мекунад. Лекин чунин вусъати фикри космологӣ масъалаеро пеш меорад, ки ба андешаи Бӯалӣ ҳамрадифу ҳамсадост: агар дар Олами фавқулазим адади коинотҳо беҳадду ҳисоб бошад, пас ҷиҳати муштараки физикии онон иборат аз чист? Ягонагии чунин Олами бесару нӯг дар чӣ зуҳур меёбад? Ба маърифати онон ба чӣ тариқ пардохтан мумкин аст ва низ ин маърифат ба чӣ натиҷае оварда метавонад?

Дар воқеъ, модели космологии Уилер-Эверетт-де Виттро гирем. Ин нақшаи космологӣ як Олами фавқулазимеро дар тасаввур барсохтааст, ки аз миқдори беинтиҳои коинотҳои ҷудогона иборат аст. Вале ин коинотҳо яке дар «паҳлуи» дигаре вуҷуд дошта бошанд ҳам (онҳо дар «қабат»-ҳои гуногуни макон-замони релятивистӣ воқеанд), «сокинон»-и онҳо бо ҳам робита барқарор карда наметавонанд; ҳар як коинот гӯё дар як халтаи муайяни макон-замони Эйнштейн ҷой гирифтааст ва аз ин рӯ ҳам дар назари мушоҳидони онҷоӣ тамоми олам фақат аз «Замин»-и онон иборат асту бас. Бо ибораи дигар, дар Олами фавқулазими Уилер-Эверетт-де Витт ҳар як коиноти ҷудогона ба сари худ, бехабар аз «Оламу Одам»-и ғайр вуҷуд дошта метавонад.

Аз ҳамин сабабҳост, ки кайҳоншиносони муосир низ монанди Абӯалии Сино дар боби масъалаҳое андеша мекунанд, ки ба ҳадду ҳудуди маърифати одамӣ оиданд: Коинотиро то кадом ҳудуд паймудан мумкин аст? Ба умқи макон-замони релятивистӣ чӣ қадар фурӯ рафтан имкон дорад? Ин саволҳо, ки дар доираи назари материалистию диалектикӣ низ ба та-

рики табий сар мезананд, ягон унсури агностй надоранд.

Яқинан, сухан аз душвориҳои гносеологие меравад, ки ба махсусиятҳои ҳозира зинаи маърифати физикии олам манут ва марбутанд.

Олимони Шарқи Наздик ва Миёна, аз ҷумла Аҷам, дар илмҳои **тиб, ҷарри асқол** (механика), **манозир ва мароё** (оптика), **табақотуларз** (геология), **маодину ҷамодот** (минералогия) ва **ҷуғрофия** (география) низ як силсила кашфиётҳои муҳимро ба амал баровардаанд.

Илми тиб яке аз ду соҳаи асосии илми бостонӣ буд (дар баробари илми ҳайъат, ба ҷуз фалсафа), ки дар ташаккул ва тараққии он мутафаккирони аҷамӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Илми тиб аз Закариёи Розӣ то Абӯалии Сино комьёбиҳое андӯхтааст, ки ҳамагӣ ба ганҷдони он дохил шуданд. Як худи Бӯалӣ дар боби масъалаҳои гуногуни тиб 40 асар навиштааст (аз онҳо дутояш ба забони дарӣ-форсӣ-тоҷикӣ).

Ин ҷо ман фақат кашфиётҳои назарраси Ибни Синоро номбар карда мегузарам.

Пури Сино бори нахуст сиришти физиологии бинишро ошкор сохт. Вай назарияи эманативии Ҷолинусро рад кард, ки то худи интиҳои қарни X нуфузи худро нигоҳ дошта будаст. (Бино ба ин назария, чашми одам як навъ шуоеро меафканад, ки аз чизҳои гирду атроф инъикос шуда, дар даруни чашм тасвири онҳоро ҳосил мекунад. Бӯалӣ дар зимни танқиди ин ақида маънидорона мепурсид: агар ин тавр бошад, чаро одам дар сурати комилан торик будани муҳит чизеро намебинад?) Олими тоҷик ақидаеро пеш ниҳод, ки тасвири

чизро на зуҷоҷия, балки пардаи шабакия ҳосил мекунад.

— Бори аввал дар таърихи илмҳои тиб ва биология Ибни Сино тахмин кард, ки дар об ва ҳаво организмҳои ба чашм нонамоён (ҳайвоноти кӯчак, ба истилоҳи худи ӯ) зиндагӣ мекунанд: ба фикри табиби маъруф, онҳо ангезандаи касалиҳои сироятӣ мебошанд. Ин фарзияи илмӣ фақат пас аз ҳашт қарн, баъди аз ҷониби Левен Гук сохта шудани микроскоп дар таҷриба собит карда шуд.

— Шаш аср пеш аз Томас Уиллис Ибни Сино аломатҳои диабети қанд ном касалиро илман тавсиф карда буд. «Ба миқдори зиёд ва тез-тез шошидани бемор... Ташнамонии ҳамешагӣ, кушодагии иштиҳо ва беҳолии ӯ...»[1]

— Бӯалиро буньёдгори илми пирӣ (геронтология) донистан шояд. Махсусиятҳои организми одами солхӯрдаро аз рӯи синну сол муайян намуда, олими тоҷик якчанд тавсияҳои физиологию гигиенӣ додааст, ки ҳанӯз ҳам аз аҳамияти илмӣ холӣ нестанд. Андешаҳои ӯ дар боби машқҳои ҷисмонӣ (Бӯалиро метавон асосгузори физиотерапия хонд), массаж, режими муайяни хӯрокхӯрӣ ва хобравӣ аз ҷумлаи чунин тавсияҳоянд.

— Ибни Сино ба таҳкурсии илмии психоневрология низ чанд ғишти пухта гузоштааст. Тавсифи тиббии дардҳои маъмули асаб — сарсом (менингит), саръ (эпилепсия), молихулиё (меланхолия) ва фалаҷ, ки ба қалами Бӯалӣ мансуб аст, ва низ фикру мулоҳизаҳое, ки ӯ дар бобати сабабҳои пайдоиш, роҳҳои муоли-

[1] *Ибн Сино.* Канон врачебной науки, IV, с. 339—340.

ҷа ва пешгирии бемориҳои рӯҳӣ баён кардааст, қимати илмии худро ҳанӯз ҳам гум накардаанд. Аз ин ҷост, ки ворисони табиби ҳозиқ — олимон ва пизишкони имрӯзаи тоҷик ҳангоми тадқиқ ва муолиҷаи дардҳои номбурда ва навъҳои мушобеҳи онҳо аз таълимоти психоневрологии аҷдоди худ ҳамаҷониба истифода мебаранд.

— Ҳиссаи Абӯалии Сино дар инкишофи илми доруширосӣ (фармакология) низ хеле калон аст. Табиби ҳозиқ натиҷаҳои ҷустуҷӯи илмӣ ва таҷрибаи амалии худро дар заминаи мероси тибби гузашта, ба хусус анъанаҳои тиббии мактаби Ганди Шопур ва Закариёи Розӣ, ҷамъбаст намуда, чандин доруворин навро тайёр кард; ӯ инчунин чандин доруворин маъмули онвақтаро, махсусан доруҳои тавсиякардаи табибони ҳиндӣ ва юнониро аз нав озмуда, доираи таъсир ва оқибати истеъмоли онҳоро саҳеҳтар муайян сохтааст. Дар «Алқонун» андарьяк ду ҳазор доруи басит ва мураккаб як ба як тавсиф ёфтааст. Дар арзи 500—600 соли оянда чи дар Шарқ ва чӣ дар Ғарб аксари ин доруворӣро аз рӯи тавсияи Ибни Сино истифода мебурданд. Дар асри XX ҳам даҳҳо доруворин дар «Алқонун» зикру шарҳьёфта дар истеъмоланд. Чунончӣ, дар «Фармакопияи давлатии СССР» бештар аз панҷоҳ доруворин синоӣ (махсусан гиёҳҳои шифобахш) қайд гардидаанд.

Дар китоби таърихи илми **физика** номҳои бархе аз мутафаккирони Аҷам абадуддаҳр сабт шудаанд. Дар феҳристи ин номҳо низ дар ҷои аввал номи Абӯалии Сино меистад. Дар таърихи илми ҷаҳонӣ ба хусус таълимоти си-

ноӣ аз боби ҳаракати механикӣ мақоми баланд дорад. Мушоҳидаҳои илмии худро назарӣ ба умум шомил намуда ва дар заминаи нави таҷрибавӣ физикаи атиқаро инкишоф дода Бӯалӣ ғояи «майл»-ро пеш ниҳод; он як тамоюли ботинӣ буда ба ҷисм тавассути такони беруна дода мешавад ва баъди қатъ шудани таъсир боқӣ монда, ҷисмро ба ҳаракат водор месозад. Маҳз ҳамин ғояро як қатор мутафаккирони Шарқу Ғарб (Абулбаракот, Битруҷӣ, Ибни Рушд, Ибни Боҷа, Фомаи Аквинӣ, Петр Иоанн Оливӣ, Алберти Кабир, Жан Буридан) такмил доданд. Дар натиҷа мафҳуми нави физикӣ «импетус» ташаккул ёфт (охирӣ бо як ҳисоб ба мафҳуми ҳозираи импулс айнист); маҳз дар заминаи ана ҳамин мафҳум— зодаи ақлу идроки чандин олимони Мағрибу Машриқ — ва ҷамъбасти таҷрибаву озмоишҳои нави физикӣ саромади механикаи классикӣ Галилео Галилей қонуни инерцияро кашф кард.

Мутафаккирони гузаштаи мо дар инкишофи мафҳумоти статика ва кинематика ҳиссаи арзанда гузоштаанд. Чунончӣ, Абӯрайҳони Берунӣ ва Умари Хайём дар ташаккули мафҳумҳои вазн ва вазни қиёсӣ ва услубҳои муайян кардани онҳо саҳми калон доранд. Собити Қурра ва Ҷазорӣ бошанд, дар коркарди назарияи механикии фашангҳо ва ташаккули мафҳуми моменти статикӣ хизмати босазое кардаанд. Ғайр аз ин Собити Қурра ва Абӯрайҳони Берунӣ ба таърифи ҳозираи суръат ва тезшавии якбора ва инчунин суръати нобаробари нуқта барин мафҳумҳои асосии кинематика хеле наздик омада буданд. Ақидаҳои

пешкадами ин олимон, фақат пас аз садсолае чанд дар Аврупо эҳьё шуда, мавриди баррасии муҳаққиқон қарор гирифтанд.

Тадқиқоте, ки олимони машриқӣ дар соҳаи **геодезия** ва **геология** ба амал баровардаанд, басе шавқангез ва пурарзишанд. Абӯрайҳони Берунӣ — ба қавли муаррихи маъруфи илм Г. Сартон, «яке аз бузургтарин уламои куллӣ замонҳо, ки рӯҳи танқидӣ, пурсабрӣ, дӯстдории ҳақиқат ва ҷасорати ақлии ӯ дар асрҳои миёна ҳамто надошт — асосгузори илми геодезия буд (асари ӯ «Китоб-ут-таҳдиди ниҳоят-ил-амокин ли тасҳеҳи масофат-ил-масокин» шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардааст). Абӯрайҳони Берунӣ аввалин касест, ки ақидаи ҷойивазкунии уфуқии қисматҳои рубъи маскунро баён намудааст. Бо мурури замон «хушкӣ ҷои баҳр ва баҳр ҷои хушкиро гирифтааст» мегӯяд олим ва биёбони Арабистонро мисол меорад, ки аз рӯи тахмини ӯ пеш он ҷо баҳр мавҷ мезад ва ҳоло регзорест. Ба қавли Берунӣ маҳз дар натиҷаи чунин ҷойивазкуниҳо ҷариву дараҳои азим ва кӯҳҳои сар ба фалак ба вуҷуд омадаанд.

Сонитар ғояи таҳаввули қишри Заминро Абӯалии Сино бар пояи мустаҳками илмӣ устувор кард. Гузашт аз ин, маҳз Ибни Сино буд, ки бори аввал қонуни паи ҳам, қабат ба қабат ҷой гирифтани ҷинсҳои кӯҳии таҳшинро кашф кардааст. (Ин қонуни геологиро олими аврупоӣ Николаус Стено пас аз панҷсад сол аз нав кашф кардааст.) Пури Сино инчунин дар боби сабабҳои табиии заминҷунбӣ, роҳҳо ва воситаҳои ташаккули дараю водиҳо ақидаи мутараққие баён карда буд, ки дар асрҳои

сонӣ мавриди инкишоф ва густариш қарор гирифтаанд.

Ф. Энгельс дар бораи осори илмии асрҳои миёна сухан ронда дар қатори он комьёбиҳое, ки барои Ренессанси аврупоӣ замина шудаанд, системаи даҳии ҳисоб, ибтидои илми алгебра, тарҳҳои ҳозираи рақамҳо барин кашфиётҳои мардуми машриқзаминро номбар кардааст. Акнун, вақте ки саҳифаҳои нави китоби таърихи интеллектуалии машриқиён ошкор гардидаанд, ҳангоме ки мӯътамадона собит шудааст, ки олимони асримиёнагини Шарқи Наздик ва Миёна «фақат нусхабардор набуданд», балки «услубҳои юнонӣ ва шарқиро азхуд намуда, кашфиётҳои нав карданд» ва ниҳоят комьёбиҳои худи онҳо дар соҳаи математика, астрономия, физика, химия ва тибб «хеле бузург» буданд, мо метавонем ба рӯйхати тартибдодаи Энгельс моддаҳои тоза илова кунем.

Дар чаҳорчӯбаи руҷӯи мазкур ҳамин нуктаро қайд карда гузаштан кофист, ки афкори илмию фалсафии асрҳои миёнаи Шарқ умуман ва давраи **Эҳьёи Аҷам** махсусан ҳамчун зинаи қонунӣ ва зарурии таърихи фарҳангии одамизод барои ривоҷу равнақи ояндаи тамаддун заминаи мустаҳкамро фароҳам овардааст.

## РУҶӮИ ШАШУМ

# МАҚОМИ ИҶТИМОИИ ИЛМУ ҲИКМАТ

### Андеша дар дуроҳаи озу ниёз

...Дар ҷумҳурие, ки бо неруи фикру хаёли Афлотун барсохта шуда буд, файласуфон ҳукмфармоӣ мекарданд. Нақшаи утопистии хакими юнонӣ як навъ зодаи орзуи дерина ва ҳамешагии мардум дар бораи ҳокими одил ва давлати комил буд. Аз ин ҷост, ки файласуфон ва нависандагони қарнҳои сонӣ аз Афлотун илҳом гирифта, гаштаю баргашта ба жанри утопияи иҷтимоӣ рӯ овардаанд ва пайваста нақшаҳои нав ба нав ва ранг ба ранги салтанати идеалиро кашидаанд. Дар «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ, «Китоб-уш-шифо»-и Абӯалии Сино, «Вису Ромин»-и Фахриддини Гургонӣ, «Искандарнома»-и Низомии Ганҷавӣ ва, ниҳоят, «Хираднома и Искандарӣ»-и Абдураҳмони Ҷомӣ вариантҳои гуногуни утопияи мазкур ба қалам оварда шудаанд. Аз ҷиҳати социологию психологӣ утопияро метавон василе донист, ки тавассути он ашхоси мутафаккир як олами маънавӣ офарида, худро аз дуньёи ҳастӣ дур меандозанд ва дар сарои фарохи он озодона нафас мегиранд, зеро дуньёи ҳастӣ ки аз азал дунҳиммату сифлапарвар будааст, усулан аҳли ҳиссу ҳолро намеписан-

дад. Ба ин маъни давроне, ки ҳоло мавриди муонна ва руҷӯи таърихии мост, аз ин қоида истисно нест. Ва агар бо вуҷуди ин дар он замон илму ҳикмат ба пояи баланди тараққиёт расида бошад, пас ин падидаи фарҳангӣ худ аз ҷумлаи муаммоҳоест, ки бояд мавриди андешаву таammули алоҳидаи таърихӣ қарор гиранд.

Инак, дар аҳди Эҳьёи Аҷам мақоми иҷтимоию мадании илму ҳикмат чӣ гуна буд?

Барои ба ҳадди кофӣ тақвиму тақдир кардани ҳиссаи фалсафа дар рушду камоли руҳи эҳьёи Аҷам бояд даставвал мазмуну мундариҷаи ғоявӣ, маъниву маслаки гуманистӣ ва майлу рағбати таърихии онро дар маҷрои муштараки тараққиёти иҷтимоию фарҳангии даври мазкур ошкор сохт ва андеша кард.

Барои ин масъаларо қатъу фасл кардан лозим меояд, ки дар ниҳояти кор таҳлили сохти теократии ҷамъияти онвақтаро пеша кунем ва ҳамроҳа ба таъбиру таammули он ҳодисаҳои маънавие бипардозем, ки дар ин заминаи таърихӣ ва низ дар ҳамбастагии ботинӣ ташаккул ва нашъунамо ёфтаанд.

Вале ин вазифаи муҳими илмӣ мавзӯи таҳқиқоти алоҳидаест, ки бояд дар зимни мутолибаву мутолиаи комилу шомили сарчашмаҳо ва таълифоти таърихию фалсафӣ анҷом гирад. Ман бошам, фақат баъзе ҷиҳатҳои онро ба ҳамон андозае, ки мақсаду маслаки рисола талаб мекунад, мавриди муҳокимаву мулоҳиза қарор хоҳам дод.

Дар илми ҷаҳонӣ дар боби таърихи ташаккул ва ҷиҳатҳои хоси тараққиёти минбаъдаи афкори илмию фалсафӣ дар Аҷам ҳанӯз

як фикру ройи мақбулу маъмулро пайдо кардан амри муҳол аст, ки аслан боиси тааҷҷуб ҳам нест: охир, муҳаққиқони ин мавзӯъ на фақат ба забонҳои гуногун ҳарф мезананд, балки аз ҳама муҳимаш дар мавқеъҳои гуногуни методологию идеологӣ меистанд.

Дар байни фикру ақидаҳои мухталифе, ки дар ин боб баён шудаанд, махсусан як ақидаи хозиразамонро хотирнишон сохтан лозим аст. Ман онро аз ҷумлаи боқимондаҳои назарияҳое медонам, ки дар Аврупои асри XIX нуфузу эътибори калон доштанд ва холо қурби пешинаи худро аз даст додаанд. Бино ба ин ақида, ки аз сарчашмаи афкори мустаъриқи фаронсавӣ Э. Ренан об мехӯрад, фалсафае, ки онро мардуми Аҷам аз муҳити фарҳангии Юнони Қадим иқтибос кардааст, ба рӯҳи азалӣ ва майли ботинии вай рост намеомад. Аз ин рӯ, дар ниҳояти кор бегонаро ягона сохтан муяссар нашуд ва ӯ ҳамчун як ақоиди «омад» беасар монд; ҳикмати юнонӣ ба дилу майнаи халқи таҳҷоӣ роҳ наёфт ва бо вуҷуди он ҳама саъю кӯшише, ки ҳомилону ҳомиёни вай бахри дигаргунсозии куллии ҳаёти маънавии ҷамъияти хеш кардаанд, камоли матлуби эшон ба вуқӯъ напайваст. Чунин аст хулосаи афкори Г. Э. фон Грюнебаум — мусташриқи соҳибкамоли Ғарб, муаллифи «Ислом: бархе баррасиҳо дар боби сиришту инкишофи анъанаи фарҳангӣ» ном асари маъруф.

Муҳаққиқи номбурда дар муҳити маданин Шарқи Наздик ва Миёна «маҳдуд мондан»-и фалсафии «бегоназод»-ро махсус қайд карда, зимнан менависанд: «Азбаски фалсафа дар зимни майлу мароми асосии ислом зарур бу-

дани худро ба ҳадди боварибахш собит карда наметавонист, ҳамеша доғи бегонагӣ дар пешонӣ дошт». Агар Грюнебаум «ислом» гуфта сирф дини мусулмониро дар назар медошт, тасдиқоти ӯ кирои баҳсу мунозира набуд. Вале дар мавриди мазкур ислом ба маънии васеъ, ҳамчун муродифи ба истилоҳ «маданияти арабию исломӣ» таъбир мешавад, ки ҳеҷ розӣ шудан мумкин нест.

Г. фон Грюнебаум аз ҷумлаи он муҳаққиқонест, ки мақоми таърихӣ ва иҷтимоию фарҳангии дину диёнатро аз будааш зиёд карда нишон медиҳанд ва аз ҷумла исломро шомили ҳамаи ҷабҳаҳо ва унсурҳои тамаддун медонанд.

Дар байни ин қабил муҳақиқони тамаддуншинос махсусан муаррихони шарқзод аз ҳад гузаронида, бо камоли эътиқод даъво мекунанд, ки фалсафаи классикии арабу форсизабон зодаи ин ё он мазҳаби кеши мусулмонист. «Аз муҳимтарин маъхазҳои фалсафаи исломӣ, ба хосса фалсафаи даврони баъдӣ, ки ба он умуман таваҷҷӯҳи кофӣ зоҳир намешавад,— аз ҷумла менависад Саидҳусейни Наср,— Қуръони карим ва аҳодиси нубуввӣ ва ба хусус ривоёту таълими аимаи шиа аст, ки дар кутуби мӯътабари шиа гирд омадааст, монанди «Наҳҷ-ул-балоға» аз имоми аввал ва «Саҳифаи Саҷодия» аз имоми чаҳорум ва гуфтори имомони панҷуму шашуму ҳаштум, ки дар «Усули кофӣ»-и Каминӣ ҷамъоварӣ шуда ва ҳамвора сарчашмаи илҳоми ҳукамо ва асоси фалсафаи мубаннӣ бар ваҳй, ки дар ислом ба вуҷуд омада будааст». Даъвои беасоси худро конкретонида Саидҳусейни Наср баъдан ме-

тӯяд, ки на танҳо Мулло Садро (Садриддини Шерозӣ) ва Мирдомод бисьёре аз афкори худро аз таълимоти ин пешвоёни кеши мусулмонӣ иқтибос кардаанд, балки фалсафаи сиёсии Абӯнасри Форобӣ ва Абӯалии Сино низ то ҳадде аз ин маъхаз сарчашма мегирад.[1]

Зимнан, Саидҳусейни Наср ягона муҳаққиқи шарқзод нест, ки саромадони фалсафаи классикии арабуфорсизабонро аз ҷумлаи ҳомилону ҳомиёни дини ислом дониста бошад. Суҳайли Афнон ва Маҳдии Муҳақиқ (аз Эрон), Усмон Амин ва Иброҳим Мазкур (аз Миср), Саидҳусейни Боронӣ ва Муҳаммад Шариф (аз Покистон) низ дар ин боб бо Саидҳусейни Наср ҳамовозанд. Аз ҷумла Боронӣ менависад: «Тамоми фалсафаи Ибни Сино кӯшишест дар роҳи ҳақ баровардани ақоиди динии ӯ». Ин ҷо саволе пеш меояд: агар ин тавр бошад, чаро исломи рошидин дар шахси Абӯҳомиди Ғазолӣ Ибни Синоро ба зери тозиёнаи танқид гирифта ӯро ба «куфру илҳод» айбдор кард? С. Боронӣ гӯё ба ин савол ҷавоб ҷуста бошад, ки мегӯяд: «Ҳамлаи ӯ (Ғазолӣ) аз таъбири нодурусти афкори Ибни Сино сар задааст».

Ин масъалаи муҳим дар навиштаҳои таърихии хонум А. М. Гуашон, А. Қорбен, Л. Қардэ, Л. Масиньон, Г. Э. фон Грюнебаум ва дигар муҳаққиқони маъруфи Ғарб низ ба таври бояду шояд ҳал карда нашудааст. Онҳо низ ба мисли ҳамкорони шарқиашон маданияти классикии арабуфорсизабонро якрангаву якмаром тасвир карда, илму ҳикматро побанди

[1] *Саидҳусейни Наср.* Маорифи исломӣ дар ҷаҳони муосир. Теҳрон, 1347, саҳ. 20—21.

дину диёнат ба қалам додаанд. Аслан гирем, ҳатто дар сурати то интиҳои мантиқӣ расонидани ин ақида ҳам, хулосае баровардан мумкин аст, ки мазмунан ба муқаддиматулбурҳони муаллифони мазкур муқобил хоҳад буд. Аз як эроди нуктасанҷонаи Иммануил Кант мутобиқан ба масъалаи мавриди муҳокимаи мо истифода карда, мо метавонем бигӯем: агар дар қуруни вусто фалсафа дар воқеъ ҳам хизматгори дини ислом бошад, муҳиммаш ин аст, ки вай он вақт чикора буд: як нӯги домани дарози хоҷаи худро дошта аз ақиби ӯ мерафт ва ё машъалае дар даст пешопеши эшон рафта роҳро равшан мекард...

Дар асли ҳол бошад, фалсафа аз аввал паи тадқиқу таҳқиқи мустақилона кӯшида, ҷояш ояд аз ҳамлаи ошкоро ё ниҳон ба дину диёнат худдорӣ накардааст. Инро амри тасодуфӣ донистан нашояд. Фалсафа, алалхусус фалсафаи машшоъ, чӣ аз ҷиҳати мавзӯъ ва услуби таҳқиқ ва чӣ аз лиҳози таърихӣ бо дину мазҳаби мусулмонӣ робитаи мустақим надошт. Дар воқеъ, решаҳои назарии он дар хоки маънавии ислом не, балки анъанаи фарҳангии ҳиндуэронӣ ва илму ҳикмати юнонӣ рӯидаанд. Ба изофа, ба фишори идеологии рӯз аз рӯз афзуни исломи рошидин нигоҳ накарда, фалсафа на фақат ба маддоҳи дину диёнат табдил наёфт, балки ҷо-ҷо фикру ақидаҳоеро низ интишор дод, ки ба ақоиди расмии мусулмонӣ мухолиф буд. Тафсири масъаларо то очерки дигар мавқуф гузошта, ҳоло ҳамин қадарашро мегӯем, ки дину фалсафа аз бисьёр ҷиҳат ба ҳам муқобиланд ва зотан ба ҳам муросо карда наметавонанд. Ва агар фалсафа дар дав-

раи муайяни таърихӣ ба худ шаклу андоми динӣ (теологӣ) гирифта бошад, аз ин далел ҳеч гоҳ хулосае барнамеояд, ки гӯё онҳо як реша дошта бошанд ва ё ба як маром чараён гиранд. Чунон ки маслаку маромн санъати рассомӣ аз рӯи сужети тасвирот муайян намешавад (вагарна тамоми санъати аврупоиро, ки аз Таврот илҳом гирифта, сужетҳои чудогонаи онро нақш бастааст, мебоист санъати сирфан динӣ эълон кард!), фалсафа низ аз рӯи вазифаи муваққатиаш «исломӣ» ё «насронӣ» намешавад.

Эътиқоди динии худи файласуфон гапи дигар аст. Вале агар дар мавқеи илмӣ устувор истода ҳукм кунем, мебинем, ки эътиқоди ин ё он мутафаккирро чудо, аз як сӯ, аз ниҳоди фаъолияти эчодӣ ва, аз сӯи дигар, аз сурату сирати ичтимоию сиёсии замони ӯ нақд кардан мумкин нест. Хусусан ки аксар файласуфони даврай Эҳьёи Ачам олимони табиатшинос низ буданд. Худи ин ҳол (ҳатто дар сурати ба инобат нагирифтани омилҳои дигар) барои эътиқоди динии мутафаккирони мазкур хавфнок буд, зеро рӯзе аз он шарораи шубҳа баромада, оташи набарди дарунии илму имонро афрӯхта метавонист.

Асҳоби калом ба хубӣ огоҳӣ дошт, ки илмҳои риёзӣ аз рӯи худи сирату суннаташон ба мавҳумоти идеологӣ зиданд ва агар бо фалсафа эчодан мутафиқ шаванд, нуфузи исьёнангези онҳо дучанд меафзояд. Ғазолӣ беҳуда намегуфт, ки «ҳар фарди ба илмҳои мазбур шуғлдоштаро ҳамеша бояд дар лачом дошт», зеро — таъкиду талқин мекард ӯ,— «онҳое, ки ба риёзиёт шуғл варзида бошанду дар айни

ҳол аз куфру илҳод берун монда, ба сари хеш лагоми порсой андохта бошанд, хеле каманд».[1]

Чунон ки аз дигар таълифоти Ғазолӣ бармеояд, мутафаккирони номбурда басе кирдигирона ба корҳое мепардохтанд, ки зимнан хилофи тақозои фунуни шаръӣ буда, бар имону ихлос надоштани онон баръалоина далолат мекарданд.

Дар ин бора ҳуҷҷатулислом Абӯҳомиди Ғазолӣ бо камоли танқиду мазаммат чунин навиштааст: «Басе мешуд, ки фарде аз эшон ба қироати Қуръон мепардохт, дар расму оини мазҳабӣ иштирок меварзид, дину диёнатро забонӣ таъриф мекард. Агар касе аз ӯ бипурсад, ки ҳой, фалонӣ, агар нубувват дурӯғ бошад, чаро ту намозу дуо мехонӣ, вай ҳозирҷавобӣ мекард: ин тарбияи бадан, расму оини мулки мо, воситаест барои баҳра бардоштан аз зиндагии созгор. Ҳамзамон ба ин ӯ пайваста бода менӯшад, ба ҳар гуна кирдору рафтори нангину ношоям мепардозад». Дар исботи хулосаи худ Ғазолӣ Абӯалии Синоро мисол меорад, ки дар як рубоияш чунин фармудааст:

Май душмани масту дӯст бо ҳушьёр аст.
Андак-тарьёку беш-захри мор аст.
Дар бисьёраш мазаррати андак нест,
Дар андаки ӯ манфиати бисьёр аст.

Ғазолӣ шояд ҳамин рубоиро дар назар дошта, Абӯалии Синоро мазаммат кардааст, ки охирӣ дар васиятномааш нӯшидани майро

---

[1] *Газали*. Избавляющий от заблуждений.—Илова ба китоби: *С. Н. Григорьян*. Из истории философии Средней Азии и Ирана VII—XII вв. М., 1960, с. 224.

амри маъзур донистааст. Дар зимни ин Ғазолӣ тамасхуромез илова намудааст, ки эшон майро воситаи кайфу сафо не, балки воситаи муолиҷа ва шифоёбӣ эълом додааст! Имом Ғазолӣ айбномаи худро бо суханони зайл хулоса кардааст: «Ана, бинед, онҳое, ки худро эътиқодманд ҳисоб мекунанд, дар асли ҳол ба чӣ имон овардаанд!»[1]

Муҳаққиқони тамаддуншиносе ҳастанд, ки ин ва дигар факту далелҳои таърихиро дидаю дониста сарфи назар намуда, дар бораи ким-кадом «ҳамоҳангии» дину илм, донишу имон дар муҳити маънавии даврони Эҳъёи Аҷам даҳонро пур карда гап мезананд. Чунончи, муҳаққиқи номбурдаи эронӣ Сайдҳусейни Наср аз ин маънӣ чунин менигорад: «Фалсафа ё ирфони исломӣ ҳеҷ вақт ба ақл мухолифат надоштааст. Урафо ва ҳукамои исломӣ ба ақл ба маънии куллии он, ба маънои он чи дар фалсафаи аврупоӣ ва юнонӣ ба маънии «нафс» ё «интеллект» омада, сару кор доштанд. Урафо ва ҳукамои исломӣ ҳеҷ вақт ба ақл ё интеллект мухолиф набуданд...»[2] Аз ин ҷиҳат, дар идомаи сухан мегӯяд Наср, «мутафаккирони исломӣ барои кашфи силсилаи илал ва маълӯл байни мавҷудот ва усули ҳақоиқи ашьё ҳеҷ гоҳ аз аҳкоми исломӣ хориҷ нашудаанд, зеро дини ислом дар тайи қуруни мутамодӣ тавонист ташнагии пайравони худро барои дарки иллат фурӯ нишонад ва ризоияти хотири онон дар ҷустуҷӯи ҳақиқат бароварад. Дар натиҷа байни улуми ақлӣ ва истидлолӣ, аз як ҷониб, ва дину имон, аз

[1] *Газали.* Избавляющий от заблуждений, с. 257.
[2] *Саидҳусейни Наср.* Маорифи исломӣ, с. 210.

ҷониби дигар, ҳеҷ шикофе ба миён наёмад, дар сурате ки дар мавриди масеҳият дар асри Ренессонс акси ин қазия ба вуқӯъ пайваст».[1]

Дар ҳақиқати ҳол ин иддао кохи бебақост. Аввал ин ки муаллиф аслан барои исботи даъвояш ягон далели мӯътамад оварда наметавонад, зеро вай хилофи далелҳои таърих аст. Дар таъқиби аҳли маърифат дини ислом аз динҳои дигар ҳеҷ монданӣ надорад. Саҳифаҳои китоби таърихи Шарқи исломиро варақ зада, бо ҳазору як алам дидан мумкин аст, ки олимон ва файласуфони маъруф — ифтихори ҷаҳони мутамаддин Закарнёи Розӣ, Абӯалии Сино, Абӯрайҳони Берунӣ, Умари Хайём, Ибни Рушд ва дигарон аз тарафи ҳомиёни мутаассиби ислом борҳо таъқибу таҳқир шудаанд. Басе шудааст, ки оташи муборизаи зиддиилмии ҳимоятгарони дину диёнат хеле баланд шуда то домани озодандешони бебок расидааст. Ваҳшиёна ба қатл расонида шудани риёзиётшинос Абӯбакр Муҳаммад Ибни Яҳьё, мутафаккири мутасаввиф Мансури Ҳаллоҷ (ӯро чормех карда буданд), файласуф Шиҳобиддин Яҳьёи Сӯҳравардӣ ва ниҳоят шоир Имомиддини Насимӣ (ӯро зинда ба зинда пӯст канда буданд) — намунае аз иқдоми кӯрназаронаи аҳли исломи рошидӣ мебошад.

Дар чунин вазъияту шароити ногувори таърихӣ, бо забони фасеҳи Умари Хайём гӯям, «онон, ки муҳити фазлу одоб шуданд, дар кашфи улум шамъи асҳоб шуданд», маҷбур буданд ақидаҳои хилофи диниро ё бо зару зевари ташбеҳу тамсил, маҷозу истиора ва

---

[1] *Саидҳусейни Наср.* Назари мутафаккирони исломӣ дар борaи табиат. Теҳрон, 1342, с. 11.

умуман рамзу киноя оро дода, асли мақсаду мароми худро аз чашми нозирони дину мазхаби мусулмонӣ пинҳон кунанд ва ё умуман аз баёни ақоиди «мулҳидона»-ашон худдорӣ намоянд. Дар ин бора Носири Хисрав рӯирост арз кардааст:

Сухан бисьёр бошад, чуръатам нест,
Нафас аз тарс натвонам кашидан.

Дигар ин ки таърихи фалсафа ақидаи Саидҳусейни Насрро дар боби он ки гӯё дар тамаддуни мусулмонӣ дар байни дину фалсафа қаробати хоссае барқарор шуда, низое ба амал наомадааст, бо камоли эътимод рад мекунад. Таърихи фалсафаи тоҷику форсро гирем. Ташаккули афкори фалсафии мардуми эронинажод тавъам ба ихтилофи ботинии унсурҳои мазҳабӣ ва ғайримазҳабӣ, ақлӣ ва нақлӣ ҷараён гирифт. Абӯаббоси Эроншаҳрӣ ва Муҳаммад Закариёи Розӣ, ки ба фалсафаи рационалистии тоҷику форс буньёд гузоштаанд; даставвал ба ҳамагуна дину мазҳаб вобаста набудани афкору аъмоли худро эълон кардаанд. Абӯрайҳони Берунӣ овардааст, ки Эроншаҳрӣ «ба ягон дин имон наоварда буд». (Рою равиши материалистии таълимоти фалсафаи Эроншаҳриро Носири Хисрав дар «Зод-ул-мусофирин» ном асараш низ тасдиқ кардаст). Ақоиди зиддинии шогирди Эроншаҳрӣ Закариёи Розӣ — бузургтарин олими охири асри IX ва аввали асри X бошад,— чунон силаҳшӯрона ба қайди сабт кашида шудаанд, ки кас ба диндории ӯ шубҳа накарда намемонад, ҳарчанд ки Розӣ худоро эътироф карда, ӯро яке аз ҷавҳарҳои олам (дар баробари

ҳаюло, макон, замон ва нафс) медонад. Охир, маҳз Закариёи Розӣ буд, ки «адьён ва мазохиб иллати асосии ҷангҳо ва мухолиф бо андешаҳои фалсафӣ ва таҳқиқоти илмӣ ҳастанд» гӯё осори хаттии диниро «кутубе холӣ аз арзиш ва эътибор» хондааст. Аз рӯи ҳамлаи шадиде, ки Носири Хисрав ба Закариёи Розӣ овардааст, хулоса баровардан мумкин аст, ки мунаққидони рамузфаҳми «асҳоби ҳаюло» аз мазмуну маслаки аслии ақоиди атомистии ӯ бохабар буданд: эътирофи худо як навъ пардае буд, ки дар паси он Розӣ ақидаи мулҳидонаи худро, чунон ки ҳаст, изҳор мекард. Аз ин ҷиҳат қобили сабт аст, ки Носири Хисрав кӯшидааст, Эроншаҳриро аз... Закариёи Розӣ ҳимоя кунад, зеро, ба қавли ӯ, охирӣ ақоиди авалиро «ба алфози зишт, мулҳидона боз гуфтааст ва маъниҳои устод ва муқаддами хешро андар ин маонӣ ба иборатҳои мудҳиш ва мустанкар бигузоридааст, то касонеро, ки кутуби ҳукаморо нахонда бошанд, зан уфтад».[1]

Хуруҷи зиддидинии Закариёи Розӣ на фақат дар таърихи ислом, балки умуман дар таърихи Шарқу Ғарб (то худи оғози аҳди Ҷадид дар Аврупо) собиқае надорад. Аз ин рӯ ҳам ҳатто муаррихоне, ки роҳи тайкардаи «тамаддуни исломӣ»-ро аз мавқеи ҷаҳонбинии динӣ муоина намуда, ҳамаро «аз файзу баракат»-и кеши мусулмонӣ медонанд, афкору аъмоли Розиро сарфи назар карда наметавонанд. Чунончи, муаллифони як асари коллек-

[1] *Ҳаким Носири Хисрав.* Китоби Зод-ул-мусофирин. Берлин, 1382, с. 77.

тивонае, ки «Таърихи фалсафаи муслимин» ном дошта, дар Германияи Ғарбӣ ба англисӣ чоп шудаст, салоҳ донистаанд махсус қайд карда гузаранд, ки Закариёи Розӣ «дар ислом ва шояд умуман дар таърихи афкори одамӣ бағайраттарин ва озодандештарин мутафаккир ба шумор равад. Ӯ рационалисти комил буд, дар дидааш ҳиҷобе надошт, дар баёни кушоду равшани ақоидаш густохии беҳамтое зоҳир менамуд. Розӣ ба дину мазҳаб не, балки ба инсон, ба прогресс имон оварда буд».

Ҳақиқатан ҳам ҳатто ҳакимони даврони Эҳьёи Аврупо, ки панҷсад сол баъд аз сари Закариёи Розӣ ба арсаи вуҷуд қадам ниҳодаанд, ба дараҷаи ӯ густохӣ накардаанд!

Албатта сад сол пас аз вафоти Розӣ, дар замони нашъунамои заковати Абӯалии Сино, фишори идеологии ислом ба афкори илмию фалсафӣ хеле афзуда баёни ошкори ғояҳои «бидъатомез» кори хатарнок шуда монд. Ба ҳар ҳол онҳое, ки мисли буньёдгузори мактаби фалсафии Ишроқия Шиҳобиддини Суҳравардӣ маъруф ба лақаби ҳузнангези Шайх-ул-Мақтул, оқибати корро андеша накарда ба тарғиби ақоиди хеш пардохтаанд, ҷони худро талаф додаанд. Бо вуҷуди ин фалсафаи навзоди маъқула аз роҳи худ нагашт ва, пардапӯшона бошад ҳам, муборизаро бар зидди хурофоти динӣ, алалхусус илоҳиёти исломи рошидин, идома дод.

Абӯалии Сино, ки ин муборизаи нобаробари ғоявиро сарварӣ мекард, онро ба чанд ҷониб ривоҷ дод ва ба таъқибу таҳқири уламои ислом нигоҳ накарда (онҳо фалсафаи маъқуларо ҳамчун унсури «дохила»-и маданияти

анъанавии шарқӣ бадном карданӣ мешуданд) тавонист мактаби машшоъ ва тавассути вай умуман ному нанги фалсафаро ҳимоя намояд. Албатта, сухан дар бораи «созиш» ё «муросо»-и аҳли холу хис бо аркони дини ислом намерафт: фалсафаи маъқула мавқеи ғоявии худро аз даст надод ва низ ба ғуломи ҳалқабардӯши илоҳиёти рошидин табдил наёфт.

Ин ҷо мо ба сари ҳалли масъалае меоем, ки аз ин пеш зикраш гузашта буд: дар шароити иҷтимоию таърихии онвақта илму фалсафа ба чи мартабаи фарҳангӣ расида буд?

Тақвими бояду шояди мақоми фалсафа дар ҷамъияти анъанавии мусулмонӣ муносибати конкретии таърихиро тақозо мекунад. Гап дар сари он аст, ки мақоми ҷамъиятии фалсафа дар ҳамаи макону замонҳо як хел набуд, ҳарчанд ки онҳо бо риштаи як анъанаи фарҳангӣ ҳамбастагӣ доштанд.

Дар воқеъ, дар сурате ки дар Мағриб (ҳозира Африқои Шимолӣ ва Андалусия) баъд аз сари Ибни Рушд афкори рационалистӣ рӯ ба таназзул оварда, фалсафа мақоми пешинаи ҷамъиятиашро аз даст дод, дар айни замон дар Машриқ, яъне дар қисматҳои шарқии собиқ хилофати араб, илму фалсафа хеле инкишоф ёфт. Ба ин махсусан комьёбиҳои илмию фалсафии мактаби дар Мароға будаи Насириддини Тӯсӣ равшан далолат мекунад, ки он вақт (асри XIII) сар то сари дуньёи мутамаддин ҳамтои худро надошт. Зимнан, он ҷо фалсафа аз сари нав ба қисми таркибии маълумоти олӣ табдил ёфт. (Дар аҳди аббосиён ва салҷуқиён таълими фалсафаро дар мадраса манъ карда буданд).

Дар омади гап гӯям, дар бораи дараҷаи таъсири фалсафа ба ҳаёти маънавии «Шарқи исломӣ» аз рӯи он, ки вай дар донишкадаҳои олии онвақта таълим дода мешуд ё не, ба ҳадди кофӣ ҳукм кардан мумкин нест.

Чунон ки муҳаққиқи эронӣ Саидҳусейни Наср хотирнишон месозад, системаи таълими анъанавӣ дар мамлакатҳои Арабу Аҷам бар пояи як қоидаи расмӣ қарор нагирифта буд: чи фалсафа ва чи улуму фунуни дигар асосан дар маҳфилҳои хосса омӯхта мешуданд.

Агар аз мавқеву мақоми умумифарҳангии фалсафа дар давраи Эҳъёи Аҷам сухан равад, пас вай ба он дараҷае маҳдуд набуд, ки баъзе муҳаққиқони «маданияти арабию исломӣ» мегӯянд. Фалсафа яке аз ҷузъҳои таркибии обу ҳавои интеллектуалии давраи мазкура буд. Вай дар табақаҳои мухталифи ҳаёти маънавии ҷамъияти онвақта нуфуз дошт. Барои тасдиқи ин нукта боз ба маълумоти андӯхтаи Саидҳусейни Наср истинод мекунам. Васоити мантиқ ва умуман таҳқиқотҳои ақлӣ, ки асосан аз тарафи файласуфон мавриди баррасӣ қарор гирифта буданд, ба ину он дараҷа дар соҳаҳои гуногун — аз сарфу наҳв ва илми нутқ сар карда то таснифу тастири ҳадисҳо, аз ташкили фаъолияти иқтисодӣ дар бозорҳо кашида то инкишофи ҳандасаву илми адад (ба андозае, ки зарурати барсохтани осори мӯҳташами меъморӣ тақозо мекард) ба кор омаданд.

Аз назари масоиле, ки мавриди андешаи мост, як далели дигарро зикр карда гузаштан айни муддаост. Сухан аз таъсири мутақобили ду соҳаи фаъолияти маънавии онвақта — *фал-*

*сафа* ва ҳарифи ғоявии вай *илми калом* дар таъмиру таъини ҷаҳонбинии исломӣ меравад.

Ҷунбиши аввалаи мӯътазила, ки ба афкори мантиқию фалсафии Юнони бостонӣ истинод мекарду майли назарраси рационалию интиқодӣ дошт, бо рою рӯҳи исломи рошидӣ рост наомад. Ашъария, ки дар заминаи муқобилати аҳкомпарастона ба «куфру илҳод»-и мӯътазилӣ сурат гирифта буд, паи он кӯшид, ки «ифроту тафрити» ӯро рафъ созад. Вале дар оянда илми калом дар рафти муборизаи ғоявӣ бо фалсафаи машшоъ зимни бо далелҳои ақлӣ собит кардани масъалаҳои нақлӣ, бидуни хости худаш, аз остони аҳкоми исломи расмӣ берун баромада ба хоке қадам гузошт, ки он ҷо рост истода наметавонист ва маҷбур буд ба чизҳое такья кунад, ки аслан ба суннату сирати азалиаш мувофиқат намекарданд. Ин буд, ки каломи ашъарӣ ноаён ақиб рафта, аз баъзе ҷиҳатҳо тағьир ёфтан гирифт. Оғози ин таҳаввули таърихии илоҳиёти исломӣ дар асари маъруфи Муҳаммади Ғазолӣ «Ал-мунқиз мин-аз-зулол» қайд шудааст: «Бо мурури замон, вақте ки санъати калом ба камол расиду мавриди баррасии ҷиддӣ қарор гирифт, мутакаллимон суннатро тавассути тадқиқи сиришти аслии ашьё ҳимоя карданӣ шуда, ба таъбири аразу ҷавҳар ва таснифу таърифи онҳо пардохтанд»[1].

Майли фалсафии калом махсусан сонитар, сад сол пас аз вафоти худи Ғазолӣ, вақте ки Фахриддини Розӣ дар зимни боздиди интиқодӣ ва тафсиру таҳрири осори Абӯалии Сино

[1] *Газали.* Избавляющий от заблуждения, с. 219.

баҳри таркиб кардан ё аниқтараш, созиш додани илоҳиёти рошидӣ ва фалсафаи рационалистӣ кӯшид, баръалоина зоҳир шуд. Вале азбаски чунин «созиш» аслан номумкин буд, ба Фахриддини Розӣ лозим омад дар баъзе нукот паст ояд, яъне тарафи улуми манқулро не, балки илми маъқулро гирад. Дар натиҷа каломи «ободшуда» ҳатто номи фалсафаро ба худ гирифт, дурусттараш, ҳамчун яке аз шаклҳои махсуси фалсафаи классикии арабу форсизабон ба қатор даромад.

Аз навиштаҳои болоӣ набояд маънӣ баровард, ки дар натиҷаи ҳамаи ин тағьирот кор бо созиши таърихии фалсафаи рационалистӣ ва илоҳиёти рошидӣ анҷом ёфт. Бо вуҷуди он ҳама таҳаввуле, ки аз ҷиҳати услубу маслак аз сар гузаронидааст, калом мисли пештара аслиҳаи начандон бурнои исломи рошидӣ буд. Вай ҳаргиз мавқеи идеологии худро аз даст доданӣ ҳам набуд. Мубориэаи ғоявии фунуни динӣ ва улуми дуньёвӣ ҳамоно идома дошт, вай фақат шаклу шасти навро ба бар карда буду халос.

Чунон ки маълум аст, дар «Шарқи исломӣ» бар хилофи он ки дар «Ғарби насронӣ» буд, ду радифи асосии дини ҳоким — *калисои ҷомеъ* (маҳфуздорандаю таъбирдиҳандаи каломи қудсӣ) ва *инквизация* (аппарати махсуси таъқибу ҷазои онҳое, ки ба «ҳаққоники асил»-и дин «дасти таадӣ» дароз мекунаид) вуҷуд надошт.

Тамоми ҳокимияти динӣ дар кишварҳои исломӣ ба дасти *шариат* буда, таъбиру назорати иҷрои «дуруст»-и аҳкоми муқаддас, ки ҳамчун як навъ қонун ё фармудаи илоҳӣ калам-

дод мешуд, ба зиммаи аркони дин-*уламо*[1] ва *фуқаҳо*[2] гузошта шуда буд. (Онҳо мебоист масъалаҳои асосии қонуни давлатӣ, ҳуқуқ ва усули динро аз рӯи иҷмоъ, яъне иҷтиҳоди ҳамагонӣ, ҳал кунанд, махсусан дар сурати ба амал омадани ихтилофи ақида). Уламо ва фуқаҳо бошанд, ҳарчанд дар кору бори худ ҳокимияти рӯҳонии ҷамоаи мусулмониро таҷассум мекарданд, аз ҷиҳати мақому мартабаи иҷтимоию динӣ аз аркони калисои насоро ба куллӣ фарқ доштанд: уламо ба як ташкилоти махсуси калисоӣ муттаҳид нашуда буданд; гузашт аз ин, ҳукми онон ба он дараҷае ки дар «Аврупои насронӣ» буд, «муқаддас» ва «дастнорас» ҳисоб намешуд. (Ин нуқта ба таълимоти фуқаҳо дахл надорад. Илоҳиёти исломӣ то худи асри X мутеи фиқҳи исломӣ буд, сонӣ онҳо аз ҳам ҷудо шуданд ва дар натиҷа уламою фуқаҳо ба ду гурӯҳи мутазод табдил ёфтанд.)

Ба ин маънӣ дар ҷаҳони исломӣ илоҳиёти расмӣ ҳам набуд, ки зимни «ҳақоиқи қудсӣ»-аш тамоми ҳаёти маънавии ҷамъияти онвақтаро қатъан назорат кунаду воҷибан низом диҳад. Агар ҳамин тавр намебуд, магар имом Ғазолӣ, ки он вақт дар байни уламои исломӣ ҳанӯз нуфузу эътибори кофӣ надошт, ин қадар ҷуръат карда, калому мутакаллимонро ба зери тозиёнаи танқид мегирифт? «Калом,— навиштааст, Ғазолӣ дар асари номбурдааш,— ба ман ба ҳадди кофӣ чӣ будани ҳақиқатро

[1] Уламо (ҷамъи «олим») — донандагон ва бонии «илм» (дар таъбири онвақта — мероси динии пайғамбари ислом, махсусан ҳадисҳо ва усули дин (теология).

[2] Фуқаҳо (ҷамъи «фақеҳ») — донандагон ва бонии «фиқҳ» (ҳуқуқи исломӣ).

таъбир карда натавонист ва ҳамроҳа маро аз иллате, ки арзи ҳол хондаам, ба қадри лозима шифо набахшид». Ё дар ҷои дигари худи ҳамон асар Ғазолӣ гуфтааст: «Натоиҷе, ки калом ҳусул кардааст, чандон аниқу дақиқ набуд, зеро ба он ҳукму қазияҳои мутакаллимин, ки ба аркони аввалин оиданд, эътиқоди кӯр-кӯрона ба расму оини пешин омехта шуд»[1].

300 сол пас аз ин ба фиқҳи исломӣ Ибни Ҳалдун низ шак овард: вай эълом дошт, ки «уламои қуръоншинос барои кори идораи давлат ва ҳал кардани масоили марбут ба он аз ҳамаи одамони дигар дида оҷизтаранд». Чунон ки аз оҳанги суханронии Ибни Ҳалдун бармеояд, истиноди ӯ ба умури давлатӣ фақат баҳонаест, ки дар паси он мутафаккири араб илмҳои маъқул ва манқулро ба ҳам муқобил гузоштанист. Чунончи, Ибни Ҳалдун дар идораи давлат малака надоштани фақеҳони исломро собит карда, аз ҷумла менависад: «Ҳамаи қонуну қоидаҳои онон зотан китобӣ буда, фақат дар каллаашон вуҷуд доранд ва ба ҳаёт рост намеоянд... Илмҳои назарӣ гапи дигаранд, зеро онҳо аз рӯи сиришташон ба ҳодисоти воқеъ мутобиқ шуданро тақозо мекунанд. Фуқаҳо бошанд, бехабар аз оламу одам ба муҳокимаву мулоҳизаҳои муҷаррад мепардозанд ва бидуни ин дигар чизеро намедонанд»[2].

---

[1] *Газали.* Избавляющий от заблуждения.— Илова ба китоби: С. Н. Григорьян. Из истории философии Средней Азии и Ирана VII—XII вв., М., 1960, с. 219.

[2] *Ибн-Халдун.* Введение.— «Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока IX—XIV вв.». М., 1961, с. 627.

Чунон, ки пайдост, Ибни Ҳалдун як тиру ду нишон дорад. Мантиқи мулоҳизаи ӯ чунин аст: фақеҳони исломӣ, ки худро қоиду қавоидшинос тарошида аз фазлу камоли хеш мефахранд, чи дар қавлу чи дар амал нотавонанд. Лекин асли гап дар худи фуқаҳо ҳам нест. Оҷизию нотавонии фақеҳони исломӣ дар воқеъ аломати хоси ботил будани он қоидаву қонунҳоест, ки эшон ҳамлу ҳимоят мекунанд. Аз ин рӯ барои таконнидан ва пайваста такмил додани ҷамъият бар буньёди ин амр аҳкоми улуми шаръиро не, балки рукнҳои илму фанни дуньявиро гузоштан шояд.

Аз оҳанги навиштаҳои интиқодии Ибни Ҳалдун ва дигар мутафаккирони аҳди ислом пайдост, ки муҳити иҷтимоию сиёсии ҷамъияти онвақтаи мусулмонӣ ба дараҷае ба озодандешӣ мусоидат мекард.

Лекин аз ин ҷо то эътирофи мақоми муносиби аҳли маърифат дар ҷамъият фарсаҳҳо роҳ буд.

Рост аст, ки ҳокимон ба ҳакимон эҳтиёҷ доштанд, вале ин эҳтиёҷ аз ҷумлаи эҳтиёҷи ҳамешагии онон — ҳирси сарватғундорию майли шӯҳратпарастӣ буд: ҳакимон, мисоли шоирон, як ҷузъи оройиши дарбори шоҳу амирон буданд. Охир, ба каси соддалавҳ ҳам равшан аст, ки ба Султон Маҳмуд барин ғуломзодагони ҷаҳолатпеша Абӯалии Синоҳо барои чӣ лозим буданд. Саъдии Шерозӣ, бо вуҷуди он ки мамдӯҳи ҳокими форс Абӯбакр бинни Зангӣ будаст («Бӯстон»-у «Гулистон»-ро ба номи ӯ навиштааст), боре худдорӣ карда натавониста зимни бахшишномааш чунин нигоштааст:

Ҳам аз бахти фархундафарҷоми туст,
Ки таърихи Саъдӣ дар айёми туст...

Инак, илму фалсафаи давраи Эҳьёи Аҷам, ҳарчанд ки дар шароити танги онвақта дар тадқиқи масоили иҷтимоию сиёсӣ кӯтоҳдаст будааст, дар назди идеологияи ҳукмрон сари итоат фуруд оварда, ба сирату суннати азалиаш хиёнат накардааст.

Гапи дигар аст, ки вай тамоми имконияти рӯҳонии худро зоҳир намуда, камоли матлубашро аз қувва ба феъл оварда натавонист. Албатта, уламои фалсафӣ, агар истиораомезона гӯям, далқи муламмаъ баркашида набуд, вале дар ҷамъияти онвақтаи аҷамӣ ба мартабаи шоистаи фарҳангӣ ҳам нарасид. Вале, аз сӯи дигар, дар вазъу шароити таърихии давраи мазкура доираи фаъолият ва нуфузи маънавии илму фалсафа аз андозае, ки медонем, васеътар буда наметавонист. Аммо ин маҳдудӣ аз ниҳоди худи илму фалсафа ва ё «бегонагии» вай ба аслу асоси маданияти анъанавии тоҷику форс сар назадааст[1]. Гап дар сари мартабаи иҷтимоии ашрофи ақлия дар дав-

[1] Онҳос, ки фалсафаро ба аслу асоси тамаддуни мусулмонӣ «бегона» ҳисоб мекунанд, ду чизро аз ҳам фарқ намекунанд — муносибат ба «улуми маъқула» дар мулкҳои Араб ва Аҷам як хел набуд. Фалсафа дар воқеъ ҳам ба рӯҳу рои фарҳанги анъанавии аҳли бор ва муқимони саҳро бегона буд. Беҳуда нест, ки муаллифони арабизабон дар таснифоти илмҳои асримиёнагии фанҳои хориҷиро ба фалсафа мусовӣ диниста, онҳоро «улумул-аҷам» ном дода будаанд. (Ин далел дар таълифоти илмии араб сабт шудааст, чунончи дар таснифоти Хоразмӣ мансуб ба қарни даҳ). Дар Аҷам бошад, баръакс, фалсафа аз аввал ҳамчун як ҷузъи ҳикмати Эронии Бостон пазируфта мешуд.

рони феодалӣ мебошад. Мутафаккирони барҷастаи он замон дандон ба дандон монда, тақдири эҷодии худро бо тақдири ҳокимони худкому худписанд пайваста, беихтиёр боиси боз ҳам афзудани фарқ миёни хосу ом гардиданд: илму фалсафа ба ҳамаи табақаҳои ҷамъият, махсусан табақаҳои поёнӣ, баробар дастрас набуд ва аз ин рӯ ҳам дар иҳотаи ҷаҳлу ҷаҳолат ба сони ҷазирае монд.

Хулласи калом, таълимоти фалсафию ахлоқии мутафаккирони гуманист аз доираи тангн аҳли қалам берун баромада натавонист ва, чунон ки бояд, нуфузи ҷамъиятӣ пайдо накард.

Гузашт аз ин, қувваҳои иртиҷоии замона дар ниҳояти кор ғурури эҷодии фалсафаро шикаста, оташи дили пуртуғьёнашро паст, ҳавсалаашро пир ва рӯҳи саркашашро ром карда, саранҷом ӯро ба замонасозӣ маҷбур сохтанд. Вале ӯ худ гуноҳи таърихие надорад, ва агар дошта бошад, пас ба андозаи гуноҳи шиновари моҳирест, ки дар баҳри шӯрида танҳо монда, силсилаи амвоҷи пурзӯру гилолуди муҳитро бартараф карда натавонистааст...

РУЧУИ ҲАФТУМ

# ПАЙВАНДГАРИ ДАҲРУ ДАВРОН

## Сайри таърихӣ ва мақоми фарҳангии забони дарӣ-форсӣ-тоҷикӣ

Аз ин пеш Эҳьё ҳамчун як падидаи иҷтимоию фарҳангӣ таъбир гардида, хосса наҳзати гуманистие дониста шуд, ки зимни он растохези анъанаҳои мадании аҳди қадим ба амал омадааст.

Эҳьё, чунон ки бояд, ҳамаи ҷабҳаҳои маданияти онвақтаи Аҷам — аз меъморию мусиқӣ кашида то илму ҳикматро — фаро гирифта буд.

Барои ба ҳадди кофӣ ошкор намудан ва айнӣ таъбир кардани майлу мазмуни эҳьёии маданияти моддии давраи мазкура, ки ҳанӯз ба қадри зарурӣ тадқиқ нашудааст, ёдгориҳои таърихӣ ва бозьёфтҳои археологиро ҳамаҷониба омӯхтан ва маълумоти андӯхтаро аз ҷиҳати назарӣ ба умум шомил кардан лозим аст.[1]

Ба доираи таҳқиқу таамули мо бошад, *маданияти маънавӣ,* асосан чор рукни вай — *за-*

[1] Маданияти моддии Мовароуннаҳр ва Хуросони қарнҳои IX—X дар китоби *Нӯъмон Неъматов* «Давлати Сомониён» мавриди тадқиқу тавсифи мураттаб қарор гирифтааст. Ниг.: *Н. Н. Негматов.* Государство Саманидов. Д., 1977, гл. 6; Ниг. низ: *Абӯалӣ ибн Сино* и его эпоха, отв. ред. Н. Н. Негматов. Д., 1980.

*бон, адабиёт, илм* ва *фалсафа* кашида шудааст. Ҳоло навбати забон расидааст.

Ибтидо ва интиҳои ҳама гуна маданияти миллӣ забон аст, забони модарии халқест, ки эҷодкори фарҳанги худ асту онро пайваста ҳамлу ҳимоят мекунад; хосса забони мардуме, ки ӯро парокандагию парешонсафарӣ насиб шудааст.

Дар таърихи ҷаҳони мутамаддин тоифаҳое кам набуданд, ки бо мурури замон забони худро гум карданд ва ё таркиби луғавӣ ва сохти грамматикии онро ба ҳадди шинохтанашаванда тағйир дода, аз мероси маданиш хеш маҳрум шудаанд. Қавму қабилаҳое низ буданд, ки дар гӯшаву канорҳои дастнорас зиста ва аз шоҳроҳи прогресси таърихии одамизод берун монда, охиран гумном шуда рафтанд. Инчунин тоифаҳое буданд, ки аввал нуфузи калони маданӣ надоштанду сонӣ дар натиҷаи истилои марзу буми бегона, тасарруфи сарватҳои маънавии халқҳои мутамаддин ба мақоми баланди таърихию фарҳангӣ расидаанд; басе омадааст, ки забони хориҷиён ҷои забони маҳаллиро ба зӯрӣ гирифтаасту осори хаттии охирӣ ба лисони аввалӣ нақлу тарҷума гардидааст ва сонӣ маҳз тавассути он интишор ёфта аз тарафи оламиён тақдир шудааст... Қисмати таърихию фарҳангии забони тоҷикӣ бошад, аз ин боб собиқае надорад.

Аввалан, забони ҳозиран тоҷикӣ забони зиндаи як халқи ранҷпарварду мусибаткашида, вале зотан хуштолеъ аст; бо вуҷуди он ҳама парокандагии таърихие, ки аз охири қарни X то ибтидои қарни XX ба сараш омадааст, ва он ҳама гарду ғуборе, ки бо мурури замон

ба рӯяш нишастааст, решаи шаҷараи ин халқ хушк нашудааст ва ҳам боғи маданияти бостониаш хазон надидааст.

Сониян, забони тоҷикӣ, бо вуҷуди он ҳама вусъати бузурге, ки дар замону макон дошт (вай на фақат дар ҳозира территорияи Эрон ва Осиёи Миёна, балки инчунин бархе аз қисматҳои Афғонистон ва Покистон, ноҳияҳои ҳамсарҳади Кофқоз, Осиёи Сағир, Ҳиндустон ва Туркистони Чин густариш ёфта буд), аз охири қарни IX то худи ибтидои қарни XVI аз рӯи морфология, синтаксис ва таркиби луғавӣ ягон тафовути ба назар намоёни маҳаллӣ зоҳир накарда, сар то сари як хиттаи бузург дар тӯли бештар аз ҳафт аср ба сифати забони адабии расмӣ истеъмол мешуд; қонуну қоидаҳои муштараки онро дар тарзи навишти хат бошад, чӣ муаллифон, чӣ мусаннифон ва чӣ нусхабардорону котибон, сарфи назар аз он ки кай ва дар куҷо зистаанд, бо камоли эҳтирому эҳтиёт риоя мекарданд. (Ин далелро бори нахуст марҳум М. Фозилов дар зимни муқоисаи забони осори Балъамӣ ва забони ҳозираи тоҷикӣ собит карда буд.[1] Тадқиқоти навини забоншиносон ақидаи мазбурaро зимни далелу нукоти тоза тақвия мекунад.[2]).

Гузашт аз ин «Забони порсӣ ва дарии ро-

---

[1] Ниг.: *М. Ф. Фазылов.* Некоторые особенности таджикского литературного языка эпохи Саманидов. (По одной старинной рукописи «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ) — «Труды АН Тадж. ССР», т. 28, Сталинабад, 1951.

[2] Ниг.: Основы иранского языкознания. Древнеиранские языки. М., 1979, с. 72; *Ж. Санта-Кросс.* Книга царей. Эпическое сказание Ирана — «Шахнаме».— «Курьер Юнеско», октябрь, 1971, с. 33.

ҳи рост» (таъбир аз «Тафсири Табарӣ») бо вуҷуди он ҳама тағйироти ҷиддии сиёсию иқтисодӣ ва идеологие, ки дар арзи ҳазораи охира дар сарзамини ситамдидаи Аҷам бефосила сурат гирифтааст, то рӯзҳои мо мақоми фарҳангии худро—аз бахри Хазар кашида то худи Кошғар — нигоҳ дошта тавонистааст.

Сабаби ин воқеаи нодираи таърихӣ чист?

Мусташриқи муосири америкоӣ Ричард Фрай андешаҳои доманадори худро дар бораи қисмати таърихии тамаддуни тоҷику форс бо суханони зерин хулоса кардааст: «Дар давомат ва посдории маданият барои бархе тамаддунҳо аз дин ё созмони ҷамъиятӣ дида забон василати муҳимтарест». Ҳақиқатан ҳам робитаи зоҳирию ботиние, ки маснавии маънавии Ҷалолиддини Балхӣ ва ашъори фалсафии Бедили Ҳиндузоро бо шоҳкорҳои манзуми Рӯдакии Панҷрӯдӣ мепайвандад, аз як ҷониб, мавзӯи муштараки гуманистӣ бошад, аз ҷониби дигар забони тоҷикист. Ва агар, сарфи назар аз ҳама дигаргуниҳои барнагардандаи таърихие, ки дар тӯли чандсад соли охир дар Хуросони Бузург паи ҳам рӯй додааст, забони форсӣ-дарӣ-тоҷикиро дар баробари мардуми аҷамӣ мардуми ғайр низ пазируфта бошанд, пас асли гап дар ягон ҷиҳати хос ё сифати нодири худи ин забон набуда, балки дар нуфузи маданиятест, ки ҳомилу маҳмули ӯст. «Таъсири ин маданият буд, ки ҷаҳонгири бузург Темури Кӯрагон бо вуҷуди ин ки ирқан турк буд,... сарои худро аз уламо ва удабои тоҷик зиннат дод, катибаҳои ҳамаи иморатҳои худро ба тоҷикӣ сабт кунонд. Абдуллохони Шайбонӣ, ки яке аз авлоди ӯзбакони сирф аст; шеърҳои

тоҷикӣ навишт ва ҳамчунин Абдуллохони ӯзбак ва аҳли дарбори ӯ чӣ қадар, ки биноҳои хайрия сохта бошанд, ҳамаи катибаҳояшро форсӣ карданд».[1]

Дар илми таърих дар боби кай, дар куҷо ва чӣ тавр пайдо шудани забони форсӣ-дарӣ-тоҷикӣ баҳсу мунозира ҳанӯз идома дорад. Мақоми таърихию фарҳангии ин забон гапи дигар аст. Забони модарии аҷамиён ҳамчун ҳомили маданияти ҷаҳонгирс арзи вуҷуд кард, ки кайҳост чӣ дар Шарқ ва чӣ дар Ғарб баробар эътироф шудааст. Бо вуҷуди ин дар таъбири маслаку машраби аслии наҳзати фарҳангие, ки муҷассама ва бонии он забони порсии дарӣ буд, донандагони маданияти классикиамон ҳанӯз ба як фикри муштарак наомадаанд.

Аз ҷумла ховаршиноси номбурдаи америкоӣ мегӯяд, ки дар адабиёти эҳёии форсизабон ба муқобили на забони араб ва на ислом эроду эътирозе сабт нашудааст. Аз ин рӯ, хулоса мекунад Р. Фрай, шояд дар бораи Эҳёи Аҷам не, балки «тавлиди сухани форсӣ» гап задан салоҳтар бошад. Агар мустаншриқи арҷманди америкоӣ ба таҳлилу таамули амиқтари ҳаракати шуубия, анъанаи достонсароии ҳамосӣ (Дақиқӣ, Фирдавсӣ), кӯшиши ба порсии дарӣ навиштани осори илмию фалсафӣ пайваста мепардохт ва мазмуну мундариҷаи ёдгориҳои хаттию даҳонакии Аҷамро аз назари васеътари таърихию фарҳангӣ андеша мекард, шояд аз ин иддаои сустасосу яктарафа худдорӣ менамуд.

---

[1] *Садриддин Айнӣ.* Ахгари инқилоб. Д., 1974, с. 96.

Барои муҳаққиқи беғараз мулоҳизаи бояду шояди ҳамагӣ як сатри Фирдавсӣ «Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ» кофист, ки ба хулосаи тамоман акс ояд. Магар иқдоми дар муқобалаи расму оин ва забони истилогарон эҳьё намудани анъанаи пешинаи мазҳабию маданӣ худ як навъ исьён нест? Рост, забони арабӣ ҳамчун забони дину диёнат табаррук шуда ба осонштагӣ ба дилу зеҳни мардум роҳ меёфт. Лекин дар баробари зикри ин далели таърихӣ фаромӯш намекунем, ки нуфузи забони аъроб тавассути теғу шамшер низ барқарор карда мешуд. Дар таърихномаҳои бостонӣ аз ин боб далели бисьёре сабт шудааст.

Қавмҳои бодиянишини араб дар Эрон, Хуросон ва Мовароуннаҳр фақат ҳокимияти сиёсию иқтисодии худро барқарор накарданд: фармонфармоии онон алалхусус дар ҷанбаҳои идеологию фарҳангӣ муассиртар ва шадидтар буд. Дар арзи дусад сол арабҳо маънавиёти Аҷамро тахти нуфузи худ қарор дода, забон ва дину оинашонро ба зӯрӣ ба сари ниёгони мо (суғдиён, хоразмиён, бохтариён ва соири қавмҳои таҳҷоии эрониножод) бор карда (дар кори идораи Хуросон ва Мовароуннаҳр забон ва хатти арабӣ аз соли 742 сар карда ҷорӣ шуд), ҳамроҳа осори маданияти бостонии онҳоро ваҳшиёна несту нобуд сохтанд. Дар ин бора Абӯрайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия ан-ал қурун-ул-холия» ном таълифоти таърихиаш бо камоли нафрату сарзаниш хабар додааст: бино ба гуфти ӯ, ба хости яке аз саркардаҳои яғмогарон Қутайба ибни Муслим гули сари сабади аҳли маърифати хоразмиён саркӯб шудааст. Сипаҳсолори араб дар баро-

бари толону тороҷ кардани шаҳру деҳот маҷусиён ва дабарони хоразмиро кушта, тамоми китобу дастнависҳои ба дасташ афтодаро сӯхта нобуд сохтааст. Дар натиҷа,—нигоштааст Берунӣ,— хоразмиён аз хату савод ва умуман осори маданӣ маҳрум монда, он чизеро, ки донистан лозим буд, фақат дар ёдашон нигоҳ дошта тавонистанд.[1]

Тафсилоти маҷбуран ба қайди мусулмонӣ даровардa шудани аҷдоди моро бошад, аз «Таърихи Бухоро» ном мусаннафоти Абӯбакри Наршахӣ пайдо кардан мумкин аст: «Ҳар боре аҳли Бухоро мусулмон шудандӣ ва боз чун араб боз гаштандӣ риддат овардандӣ. Ва Қутайба ибни Муслим се бор эшонро мусулмон карда буд, боз риддат оварда кофир шуда буданд. Ин бори чаҳорум Қутайба ҳарб карда шаҳр бигрифт ва аз баъди ранҷи бисьёр ислом ошкоро кард ва мусулмонӣ андар дили эшон биншонд, ба ҳар тариқе кор бар эшон сахт кард ва эшон ислом пазируфтанд ба зоҳир ва ба ботин бутпарастӣ мекарданд».[2]

Бо вуҷуди ҷабру зулм арабҳо натавонистанд, ки забони худро дар Эрону Тӯрон яксара ҷорӣ кунанд (чунон ки дар Миср, Байнаннаҳрайн, Сурия ва дар ҷойҳои дигар муяссар гардид). Ва ҳамин ки ҳокимияти сиёсии хулафои Аббосӣ рӯ ба таназзул овард, айнан дар муҳите, ки он ҷо забони арабӣ ба расмият даромада буд, забони мардуми таҳҷоӣ қомат афрохт ва дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ

[1] *Абурайхан Бируни.* Избранные произведения. Ташкент, 1957, с. 48, 63.

[2] *Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар Наршахӣ.* Таърихи Бухоро. Душанбе, 1979, с. 43.

нуфузи калони илмию фарҳангӣ пайдо кард. Сухан аз забони порсии дарӣ меравад, ки аз асри V-и милодӣ сар карда ҳамроҳа ба ҷараёни ташаккули халқияти тоҷик дар Мовароуннаҳр ва Хуросон сурат гирифтааст. Таркиби луғавӣ, тарзу услуби баён, васоити тасвиру тавсиф ва мазмуну мундариҷаи адабиёти манзуму мансури қарнҳои IX—X шоҳиди онанд, ки ин забон ҳаргиз аз марзу буми бегона наомадааст; меҳани аслии вай маҳз маҳалҳои тоҷикнишини Мовароуннаҳру Хуросон буданд.

Дар воқеъ, «маҳсули назму насри ин давра осори забоние нест, ки дар муддати як аср зуҳур карда ва то ин дараҷа такомул ёфта бошад. Пухтагии забони дарӣ ва хусусиятҳои услубии осори аз асри X боқимондаи он, чунин тасаввуроте ба вуҷуд меорад, ки ин забон хеле пештар аз истилои араб дар қатори забони суғдӣ дар Мовароуннаҳр ва Хуросон давом намуда, майдони амалиётро ҳатто барои забони суғдӣ низ хеле танг карда бошад. Зеро агар чунин намебуд, забони суғдӣ баъд аз паҳн шудани ислом дар як муддати кӯтоҳ мавҷудияти худро аз даст намедод».[1]

Гузашт аз ин, ҳатто он санаву ҳуҷҷатҳоеро, ки мунаққидони ақидаи зикршуда барои собит намудани ақидаи акс (дар заминаи шеваи ҷанубу ғарбии Эрон, маҳз вилояти Форс, ташаккул ёфта, сипас нуфузи худро ба ноҳияҳои шимолу шарқӣ густурдани забони порсии дарӣ) овардаанд, барои қавитар кардани ақидаи аввала низ истифода бурдан мумкин аст.

[1] *А. Мирзоев.* Абӯ Абдулло Рӯдакӣ. Душанбе, 1958, с. 34. Ниг. низ: *Б. Ғафуров.* Таърихи мухтасари халқи тоҷик. Сталинобод, 1948, с. 142.

Аз ҷумла И. М. Оранский, дар зимни тасдиқ кардани ақидаи сонӣ, мақоми интиқолии аҳли монавияро махсус қайд карда мегузарад: «Эҳтимол,— менависад ӯ,— забони форсӣ чанд аср пеш аз истилои араб тавассути аҳли монавӣ ба Осиёи Миёна сар даровarda бошад. Маълум, ки дар марказҳои калони Осиёи Миёна (масалан, дар Самарқанд) дар қарнҳои VI—VII бисьёр ҷамоаҳои монавӣ вуҷуд доштанд. Аз ин ҷиҳат бо камоли эътимод метавон тахмин кард, ки дар онҳо, чун дар ҷамоаҳои монавии Туркистони Шарқӣ, забони форсиро (дар баробари забони суғдӣ) истифода мебурданд».[1]

Дар асли ҳол бошад, дар осори хаттии аз Турфон ёфташудаи монавӣ нақш доштани забони форсӣ-дарӣ-тоҷикӣ пеш аз ҳама дар бораи ба аҳди қадимтар тааллуқ доштани санаи пайдоиши забони мазкур далолат мекунаду бас.

Аз сӯи дигар, агар забони порсии дарӣ дар худи мавзеъҳои тоҷикнишини Мовароуннаҳр заминаи таърихӣ намедошту гап фақат дар сари омилҳои сиёсӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ, динӣ ва монанди инҳо мебуд, вай ин қадар тез забонҳои маҳаллиро танг карда бароварда, ҷои онҳоро гирифта наметавонист. Аз таърихи баст ёфтани забони араб мо нағз медонем, ки як худи омилҳои мазбур барои пазируфтани забони бегона кам аст, вагарна забони арабӣ аз забони тоҷикӣ пештар ва ҳам зудтар забони умум мегашт; хусусан ки вай на фақат ба қув-

---

[1] Основы иранского языкознания. Древнеиранские языки. М., «Наука», 1979, с. 53.

ван теғу шамшер такья мекард, балки ҳамчун забони дину диёнат табаррук шуда, ба дилу зеҳни мардуми мусулмон роҳ меёфт. (Зимнан, чунон, ки Наршахӣ овардааст, Қутайбаи динмаст «аҳли Бухороро фармуд як нима аз хонаҳои хеш ба араб доданд, то араб бо эшон бошанд ва аз аҳволи эшон бохабар бошанд, то ба зарурат мусулмон бошанд».[1]

Ғайр аз ин, факту далелҳои таърихие низ ҳастанд, ки ақидаи мазкураро дар боби дар ноҳияҳои ҷанубу ғарбии Эрон сонитар густариш ёфтани забони порсии дарӣ мустақиман тасдиқ мекунанд. Аз ҷумла Носири Хисрав дар «Сафарнома» овардааст: «...Дар Табрез Қатрон ном шоиреро дидам, шеъри нек мегуфт, аммо забони форсӣ некӯ намедонист, пеши ман омад. Девони Мунҷик ва девони Дақиқӣ биёвард ва пеши ман бихонд ва ҳар маънние, ки ӯро мушкил буд, аз ман пурсид, бо ӯ бигуфтам ва шарҳи он бинавишт ва ашъори худ бар ман хонд».[2]

Зимнан, сафари Носири Хисрав дар миёнаи қарни XI ба вуқӯъ пайвастааст. Пас, саволе пеш меояд: агар забони порсии дарӣ зодаи Эрони ҷанубу ғарбӣ буда бошад, ҷаро 100 сол баъд аз сари Дақиқии Самарқандӣ ва Мунҷики Тирмизӣ удабо ва фузалои онҷой забони мазбурро ҳанӯз ба қадри кофӣ намедонист?

Хулласи калом, ташаккулу ривоҷи забону адабиёти форсӣ-дарӣ-тоҷикӣ дар Хуросон ва

---

[1] *Наршахӣ.* Асари мазкур, с. 43.

[2] *Носири Хисрав.* «Сафарнома». Душанбе, 1970, с. 11; Ба ин хабари Носири Хисрав бори аввал устод Садриддин Айнӣ ишора карда буд. (Ниг.: *С. Айнӣ.* Куллиёт, ч. II, китоби якум, с. 264).

Мовароуннаҳр, чунон ки устод Айнӣ бо камоли эътимод гуфтааст, «маҳз ба сабаби тасаллути Сомониён ё ки муҳоҷирати эрониён набуда, сабаби ҳақиқӣ — мавҷудияти як қавми бузург бо номи тоҷик... дар ин ҷоҳост».[1]

Як ҷузъи муҳимии наҳзати эҳьёие, ки аз асри IX сар карда сар то сари Хуросони Бузург густариш ёфт, таълифу таснифи осор ба забони модарӣ буд. Ин иқдоми шуҷоатмандонаи таърихӣ махсусан дар қарни X дар натиҷаи ба сурати забони расмии нахустин давлати тоҷикон даромадани забони порсии дарӣ қувват гирифт.

Дар давроне, ки забону маданияти тоҷик аз тарафи ҳокимони аҷнабӣ пазируфта намешуд, табиист, ки ҷунбиши мазкур мисоли наҳзати шуубия аз оғоз маслаку мароми аксуларабӣ пайдо кард. Абӯалии Сино чандин китобу рисолаҳояшро ба забони модарии худ навишт. Абӯрайҳони Берунӣ бошад, «Китоб-ут-тафҳим» ном асари маъруфи астрономиро ҳангоми дар хидмати Султон Маҳмуд буданаш иншо кард; дар боргоҳе навишт, ки аз он ҷо забони тоҷикиро расман ронда буданд.

Ба қавли муҳаққиқи маъруфи тамаддуни эронӣ Муҳаммад Муин, Ибни Сино ва Берунӣ «наҳзате дар Эрон падид оварданд, ки доманаи таъсири он то асри ҳозир кашида шудааст». Муҳаққиқи эронӣ дар шарҳи ин қазия баъдан мегӯяд: «Бо таълифи ин ду китоб фарҳангу луғати форсӣ ғанитар ва арҷмантар гардид, зеро ин ду донишманд аз луғате, ки мутадовилу роиҷ буд ва низ аз он чӣ дар бутуни ку-

---

[1] *С. Айнӣ.* Куллиёт, ҷ. II, китоби якум, с. 169.

туб мазбут буд, гулчин карда, дар ду асари човидонии худ ба кор бурданд. Ва бари мафоҳиме низ, ки луғоте дар тадовил ё дар кутуби пешинйён наёфта буданд, луғати роичро маҷозан ба маонии ҷадид истеъмол кардаанд ва дар сурати зарурат таркиботу истилоҳоте аз муфрадоти порсӣ пардохтанд ва забони порсиро то он ҷо, ки дар он аҳд муяссар буд, шоистаи адои мафоҳими илмӣ кардаанд».[1]

Абӯалии Синоро буньёдгузори истилоҳоти мантиқӣ ва фалсафии форсӣ-дарӣ-тоҷикӣ ном кардан шояд, зеро пеш аз «Донишномаи Алоӣ» ба порсии дарӣ ягон китобе дар ин боб иншо нашуда буд. Саҳми Ибни Синоро дар ташаккулу тараққии терминологияи илмии тоҷикӣ аз ин пеш Садриддин Айнӣ, Муҳаммад Муин, Сотим Улуғзода ва суханшиносони дигар бо мисолу иқтибосҳои мӯътамад тақвиму тақдир кардаанд ва ҳоҷат ба зикри дубора нест.

Ман фақат ба як ҷиҳати иқдоми Ибни Сино эътибори махсус доданиам.

Абӯалӣ бо чунин як шавқу завқ ва камоли дилсӯзӣ ба истилоҳсозӣ пардохтааст, ки кас ба тоҷик будани ӯ ҳеҷ шакку шубҳае оварда наметавонад. Дар воқеъ, агар порсии дарӣ барои Абӯалии Сино забони модарӣ намебуд, магар вай дар луғатпардозӣ ин қадар ҷон мекоҳонид ва пайваста мекӯшид, ки забони илмӣ шуда тавонистани онро исбот кунад? Охир, Абӯалии «пурист» ҳатто анвои чунин таркибу муштақоти арабиро низ тарҷума (калка) кардааст, ки асрҳои сонӣ онҳоро аз сабаби маъ-

[1] *Муҳаммад Муин.* Луғати форсии Ибни Сино ва таъсири он дар адабиёт.— «Ҷашнномаи Ибни Сино», ҷ. 2, Теҳрон, 1331 (шамсӣ), с. 342.

мулу маъруф буданашон дар шакли асл нигоҳ доштаанд! (Барои муқоиса далели зеринро меорем. Ба қалами худи Ибни Сино фақат се боби аввали «Донишнома», ки илми мантиқ, табииёт ва илоҳиётро дар бар мегирад, тааллуқ дорад: ду боби боқимондаи китоб, ки дар бораи аслҳо ва нуктаҳои илми ҳайъат ва мусиқӣ баҳс мекунад, аз тарафи шогирди эшон Абӯубайди Ҷӯзҷонӣ таҳия шудааст. Дар байни ин қисмҳо як фарқ ба назар мерасад, ки он ҳам бошад дар истилоҳ зоҳир мешавад: дар бахшҳое, ки ба онҳо Ҷузҷонӣ қалам задааст, луғати арабӣ бештар истеъмол шудаанд).

Барои нуктаи мазбураро тасдиқ кардан ба «бурҳони хулф» мепардозем ва аз луғоти порсии Пури Сино (онро Муҳаммад Муин андӯхтааст) бархе таркибу муштақотро мисол меорем, ки охиран аз имтиҳони рӯзгор нагузаштаанд ва дар натиҷа ба ҳозира системаи истилоҳоти илмии тоҷикӣ роҳ наёфтаанд: илми тарозу (мантиқ), ҳаст омадан (ба вуҷуд омадан), монандагӣ ҷӯстан (ташбеҳ), шояд бувад (имкон), гавҳари рӯянда (набот), гавҳари шиносанда ба ҳис (ҳайвон), андарьёбӣ (идрок), баҳрапазириш (қобилияти тақсим), ҷони сухангӯ (нафси нотиқа), ҷунбишпазирӣ (қобили ҳаракат), набзи ситабр (набзи ғализ) ва ғайра.

Чунон ки мебинем, Абӯалии Сино сарватҳои бузурги забони адабӣ ва халқиро эҷодан истифода бурда, бисьёр муродифҳои тоҷикии истилоҳу муштақоти мустаъмали арабиро ёфтааст ва ё тавассути калкасозӣ эквивалентҳои онҳоро ба вуҷуд овардааст.

Вале ҷиҳати ҷолиби диққати масъала дар

он аст, ки дар ниҳояти кор истилоҳоту муштақоти навсохти Бӯалӣ дар забони илмии тоҷикӣ ба дараҷаи маъмулӣ нарасидаанд!

Чаро?

Гап дар сари он аст, ки барои то дараҷаи рақиби сазовори забони арабӣ расидани забони тоҷикӣ роҳи пешгирифтаи Абӯалии Сино таърихан тангӣ мекард. Истилоҳоти илмӣ ҳамеша як майли ботиниеро дорост, ки он иборат аз унификацияи терминҳост. Азбаски забони онвақтаи илм забони арабӣ буд, ин майли муштараки таърихӣ маҳз дар заминаи истилоҳоти арабӣ ҷараён гирифта метавонист. Носири Хисрав, Шиҳобиддини Сӯҳравардӣ ва Насириддини Тӯсӣ, ки кори саркардаи Ибни Синоро эҷодан идома додаанд, майли мазбурро ба назар гирифта, истилоҳоти маъмули арабиро бо сӯхони имлои тоҷикӣ суфта, яъне онҳоро ба ҳадди имкон моли худ карда, дар таълифоти илмиашон фаровон истифода бурдаанд. Аслан маҳз дар натиҷаи чунин иқдоми дурандешона забони тоҷикӣ (форсӣ) аз ҷиҳати нуфузи илмӣ ба мартабаи забони арабӣ расид (қарнҳои XII—XIII) ва рафта-рафта (қарнҳои XV — XVII) ҷои онро гирифта тавонист.

Баъзе фарҳангшиносон зимни андешаи ана ҳамин далели таърихӣ хулоса баровардаанд, ки иқдоми Пури Сино аз шоҳроҳи инкишофи забони адабии тоҷикӣ берун буд ва аз ин ҷиҳат, чун ҳама гуна кӯшиши пуристӣ, амре буд аз аввал ботил. Чунончи, муҳаққиқи эронӣ Саидҳусейни Наср зимни боздиди интиқодии иқдоми Бӯалӣ чунин нигоштааст: «Ибни Сино дар навбати худ дар боби фалсафаи машшоъ аввалин асари форсӣ — «Донишномаи Алоӣ —»

иншо кард. Ғайр аз ин, ҳарчанд ки Бӯалӣ кори шоистаи таҳсинеро анҷом дод, ӯ аз паи рафъи калимоти арабӣ шуда истилоҳоти номаъмулеро истифода бурд. Ин амр бенатиҷа монд, мисоли кӯшиши касе ки мехоҳад фалсафаро ба англисӣ бидуни истеъмоли калимоти лотинӣ баён кунад. Дар воқеъ, саъи ӯ ба дараҷае бенатиҷа буд, ки алҳол як донишҷӯи эронӣ «Мақосид-ул-фалосифа» ном асари Ғазолиро, ки онро тарҷумаи мухтасари «Донишнома» ба арабӣ гуфтан ҳам мумкин аст, аз нусхаи аслии форсии Бӯалӣ дида хубтар мефаҳмад. Алқисса, кӯшиши Ибни Сино, бо вуҷуди амри қаҳрамонона буданаш, бо он анҷомид, ки истеъмоли забони форсӣ ба сифати забони ҷиддии фалсафӣ ба муддати ду қарни том қафо партофта шуд»[1].

Ин ақида худаш аз чанд ҷиҳат ботил аст. Аввалан, принципҳое, ки ба пояи онҳо истилоҳоту муштақоти навсохти Ибни Сино қарор гирифтаанд, ба рӯҳи анъанаҳои забони тоҷикӣ бегона набуданд ва ҳоло ҳам аз арзиши илмию амалӣ холӣ нестанд.

Сониян, агар як донишҷӯи имрӯзаи эронӣ «Донишнома»-и Бӯалиро дуруст хонда ва фаҳмида натавонад, пас ин далел ҳаргиз аз мураккаб ё душворфаҳм будани забони алломаи тоҷик не, балки аз он далолат мекунад, ки забони имрӯзаи форсӣ аз андоза берун ва безарурат ба калимоту муштақоти арабӣ пур аст. Ва ҳол он ки матни «Донишномаи Алоӣ» ба-

[1] *Саидҳусейни Наср.* Осори форсии Шайх-ул-ишроқ Шиҳобиддин Сӯҳравардӣ (ба англисӣ).— Дар маҷаллаи «Исламик квортерли», ҷ. XII, рақами 1—2, соли 1968, с. 7.

рои хонандаи тоҷикзабони имрӯза чандон душворӣ надорад, чунон ки барои хонандаи мутавасити эронӣ дорад.

Ниҳоят, иқдоми Абӯалии Синоро берун аз он наҳзати таърихию фарҳангие, ки қарнҳои IX — XI сурат гирифтаасту зимни навиштаҳои зер ҳамчун «Эҳьёи тоҷик» ёд мешавад, таъбир кардан — амали яктарафа ва аз ин рӯ илман ноқисест. Ҳақиқатан ҳам дар замоне, ки заурати дар амал исбот кардани забони илму фарҳанг шуда тавонистани забони тоҷикӣ пеш меистод, иқдоми мазкури Бӯалӣ бидуни шакку шубҳа амри ботинан воҷиб ва дорои аҳамияти хоси таърихӣ буд.

Аз сӯи дигар низ иқдоми Шайхуррaис сирату сурати эҳьёӣ дошт. Сухан аз тарзи истилоҳсозии алломаи тоҷик меравад. Ин амрро низ Пури Сино дар пайвастагии ирсӣ бо анъанаи фарҳангии пешинаи худ ба вуқӯъ пайвастааст; вай аз истилоҳоти фалсафию мантиқии паҳлавӣ, ки дар аҳди Сосониён зимни тақлиду тарҷумаи истилоҳоти юнонӣ ташаккул ёфта буд, мустақиман истифода кардааст. Дар ин бора таҳлили муқоисавии матнҳои осори ба забони форсии миёна иншошуда ва таълифоти тоҷикии Абӯалии Сино равшан далолат мекунад. Дар мавриди берун аз маҷрои умумии нахзати эҳьёӣ таъбиру ташхис кардани саъю кӯшиши Ибни Сино ва муосирони ӯ дар роҳи таълифи асарҳои илмию фалсафӣ ба забони форсӣ-дарӣ-тоҷикӣ (ба таъбири Низомӣ, «дурри дарӣ») ҷиҳати сирф зоҳирии он ба мадди назар меафтад. Дар воқеъ, Абӯалии Сино «Донишнома»-ашро бо таклифи ҳокими Исфаҳон Амиралумаро Алоуддавла навиштааст. Абӯ-

райҳони Берунӣ бошад, «Ат-Тафҳим»-и худро махсус барои Райҳона ном духтари Ҳусайни Хоразмӣ нигоштааст.

Муҳаммад Муин ба масъала амиқтар назар афканда, хулоса кардааст, ки аркони фарҳанги эҳьёии Аҷам ба ду сабаб ба таълифи кутуби форсӣ пардохтаанд:

1. Оммаи мардум ва ҳатто табақаи мутавассит аз забони арабӣ, ҷуз он ки марбут ба фаризаҳои динӣ буд, чизе намедонистанд. Бинобар ин китобе, ки барои ин табақот навишта мешуд, мебоист ногузир ба забони модариашон таълиф шавад.

2. Аксар шоҳону амирони эронӣ аз забони арабӣ огоҳии кофӣ надоштанд ва муаллифону мусаннифоне, ки китобҳои худро барои онон менавиштанд, маҷбур буданд, ки осори худро ба забони форсӣ бинависанд[1].

Сабабҳое, ки ба онҳо Муҳаммад Муин ишора кардааст, аслан сабабҳои умда нестанд.

Таълифи осорро ба порсии дарӣ пеш аз ҳама аломати рӯ ба бедорӣ ниҳодани рӯҳи азалии Аҷам донистан шояд, ки дар арзи дусад соли истилои араб ба сони оби дарьёи баста ботинан беқарору зоҳиран ором истода буд. Агар ба хабари зерини Наршахӣ маҳз аз ҳамин ҷиҳат зеҳн монем, хоҳем дид, ки асли гап дар чист. Дар китоби «Таърихи Бухоро» омадааст, ки «бештар мардум ба хондани китоби арабӣ рағбат нанамоянд».[2]

Ба нуктаи охирини муаллиф як эътибор диҳед: Наршахӣ мардуми Аҷам китобҳои арабӣ

[1] *Муҳаммад Муин.* Асари зикршуда, с. 18.
[2] *Наршахӣ.* Асари зикршуда, с. 8.

хонда наметавонистанд (ба сабаби надониста-ни забони арабӣ) намегӯяд, балки маҳз «рағбат нанамоянд» навиштааст!

Дар дигар манбаъҳои хаттӣ низ аз ин боб далелҳои муассирро пайдо кардан мумкин аст. Чунончи, дар сарсухани «Тафсири Табарӣ» ном китоби Мазҳабӣ зарурати таълифу тарҷумаи осор ба тоҷикӣ ба ин минвол таъкиду таъйид шудааст: «Ҳама паёмбарон ва маликони замин ба порсӣ сухан гуфтандӣ... Ин ҷо, бад-ин ноҳият, забон порсӣ аст ва маликони ин ҷониб мулуки Аҷаманд».

Ба ҳамин тариқ таълифи осорро ба забони порсии дарӣ дар роҳи худшиносии сиёсӣ, миллӣ, фарҳангӣ ва мазҳабии мардуми таҳҷоии Аҷам иқдоми бузурге донистан шояд.

Ин наҳзати бузурги таърихию фарҳангӣ маҳз дар муҳити Хуросону Мовароуннаҳр оғоз шуд; нахустин сарсабзиҳои Баҳори Аҷам дар замини маънавии тоҷикон рӯидаанд, ки дар навбати худ аз сарчашмаҳои тамаддуни бостонии умумиэронӣ «оби раҳмат» хӯрдааст.

Барои мо — ворисони Абӯалии Синою Ҷалолиддини Балхӣ, Камолиддини Хуҷандию Абдулқодири Бедил — ҳаминаш мояи ифтихор аст, ки онон дар ҷоҳои бегона ҳам ягонагии забону фарҳанги халқи худро ҳифз намуда, нагузоштаанд, ки пайванди таърихию маданиашон аз ватан бурида шавад. Ва маҳз забони дарӣ-форсӣ-тоҷикӣ буд, ки тавассути он ғарибони тоҷикзамин чакидаҳои дил ва афшурдаҳои идроки худро ба қалам овардаанд.

Хулласи калом, чунон ки Бозор Собир бар-ҳақ гуфтааст:

Рӯзи ноободнаш тоҷик забон обод кард,
Дар забонаш давлати бедавлатӣ буньёд кард:
Давлате аз ҳарфи вазнин,
Давлате аз шеъри рангин.
Ончунон шеъре, ки ҳар як мисрааш
Ҷӯяе аз хуни сарбозони ӯст,
Равзани нуре аз оташҳои зардуштони ӯст...

## РУҶӮИ ҲАШТУМ

# ШАҶАРАИ ТАМАДДУН

### Ҷиҳатҳои ҷузвӣ ва куллии инкишоф

Аз назари муаррихи бостоншинос Андре Боннар тамаддунҳои инсонӣ мисоли мавҷудоти зиндаанд: онҳо низ рӯзе пайдо мешаванд, тадриҷан инкишоф меёбанд, рӯзе ба авҷи камолоти моддию маънавӣ мерасанд ва рӯзе рӯ ба таназзул оварда, оқибат нобуд мегарданд. Фарқаш ҳамин, ки осори маънавии онон тамоман аз байн намеравад ва дар хотири авлодҳои муташаккири асрҳои сонӣ ҳамчун ёдгоре ва ё, дурусттараш, ғуссае аз аҳди гузаштаи ҳумоюнфар боқӣ мемонад...

Ташбеҳи таъсирбахши муҳаққиқи фаронсавӣ аслан пояи устувори илмӣ надорад, ҳарчанд ки дар таърих ба тасдиқи иддаои ӯ мисолҳои бисьёре ёфтан мумкин аст.

Барои дар марзи илм реша давонда ба ҳукми қонун даромадани ягон ақида онро бо мисолҳои ҷудогона таъйид кардан кам аст. Ин амр баробари ҳаҷро ба умра бадал кардан мебуд! Лекин мисол ҳам аз мисол фарқ дорад. Аз ин рӯ аз мисолҳои таърихие, ки ба онҳо Андре Боннар истинод мекунад, ҳамчун далелҳои ҷузъӣ қатъи назар кардан мумкин нест. Ба ҳар ҳол тақдири таърихии тамаддунҳои дав-

рони гузашта ба ғояти дараҷа мароқангез аст ва бояд мавриди андешаву тааммули махсуси илмию фалсафӣ қарор гирад.

Чунон ки дар боло зикраш гузашт, дар таърихи шоххои мухталифи шаҷараи ҷамъият даврахое буданд, ки дар арзи онҳо маданият ва ё, умумитар карда гӯем, маънавиёти мардуме ё кишваре ба авҷи камол расида, аз худ осори бебаҳо ва нотакроре боқӣ гузоштааст. Тамаддуншиносони аврупоӣ ҳангоми тавсифу таъбири илмии марҳилаҳои мазкур «давраи Эҳьё», «замони Таҷаддуд», «аҳди Маориф» барин истилоҳҳоро истифода мебаранд, ки ҳар яке мазмуну маънии хоси таърихию фарҳангӣ дорад.

Дар оғози сухан яке аз ин истилоҳҳои таърихӣ (Эҳьё) истифода шуд, ки ба сифати ҳаммаънои тоҷикии мафҳуми Ренессанс (=Реформация = Чинквеченто = Возрождение) омадааст.

**Оё интиқоли мафҳуми мазкур ягон буньёди илмӣ дорад?** Маъсаларо ба тариқи умумӣ ҳам гузоштан мумкин: **дар ташхису табақабандии таърихи машриқзамин истифода бурдани истилоҳҳое, ки зодаи муҳити маънавии мағрибзаминанду рӯйдодҳои хоси таърихию фарҳангиро ифода мекунанд, худаш то чӣ андоза салоҳ аст?**

Чандест, ки дар матбуоти илмӣ дар ин боб баҳсу мунозира меравад. Қабл аз он ки ба ҷараёни ин баҳсу мунозира ҳамроҳ шавем, хонандаро бо таърихи масъалаи мавриди муҳокима мухтасар шинос кардан зарур аст.

Мафҳуми «Эҳьёи Шарқ»-ро бори нахуст адабиётшиноси гурҷӣ Ш. П. Нуцубидзе (1947)

ба қалам оварда, онро дар тадқиқи адабиёти қарнҳои XII — XIII-и Гурҷистон нуқтаи истинод қарор дода буд. Сипас ақидаи файласуфи кофқозӣ В. Чалоян дар боби «Эҳьёи арманӣ» интишор шуд, ки онро дафъатан академик Н. И. Конрад тарафдорӣ кард ва дар навбати худ аз «Эҳьёи хитой» гап кушод. Аз байни донишмандоне, ки таърихи тамаддуни Ғарбро пеша карданду дар ин ҷабҳаи илм ном баровардаанд, А. Ф. Лосев ба буньёди назарии ақидаи «Эҳьёи Шарқ» чанд ғишти пухта гузошт. Охирӣ дар «Эстетикаи Эҳьё» ном асари пурарзишаш дар зимни муҳокимаву мулоҳизаи амиқи илмӣ собит мекунад, ки дар Ховарзамин низ падидаҳое амсоли падидаҳои иҷтимоию фарҳангии аврупоӣ зуҳур ёфта метавонистанд. Ниҳоят В. М. Жирмунский, И. С. Брагинский, Е. П. Челышев ва В. Б. Никитина ғояи «Эҳьёи Шарқ»-ро ба марҳилаҳои муайяни инкишофи таърихии адабиёти Эрону Нерон татбиқ намуданд. Ин амр сонитар аз тарафи баъзе адабиётшиносон, муаррихон ва файласуфони Ӯзбекистон ва Озарбойҷон тақвият ёфт. Ақидаи «Эҳьёи Шарқ»-ро ба ин ё он андоза як қатор мустаъриқони хориҷӣ (Э. Броун, А. Мец, Эҳсони Табарӣ, Р. Фрай ва дигарон) низ тарафдорӣ кардаанд.

Хулласи калом, ақидаи мазкура заминаи васеи таърихӣ пайдо кард ва ҳоло ба дараҷаи як консепсияи томи илмӣ расидааст.

Бо вуҷуди ин ақидаи «Эҳьёи Шарқ» дар илми ҳозира ҳанӯз нуфузи кофӣ пайдо накардааст, ки ду сабаб дорад. Сабаби аввалӣ ва асосӣ ин аст, ки худи буньёди назарии консепсияи «Эҳьёи Шарқ» суст мебошад. Саба-

би сонӣ — ба ҳадди ифрот расонидани ақидаи мазкура аст, ки замини суиистифода кардани истилоҳоти начандон дақиқ, аз як тараф, ва бидуни таммули амиқ қаламдод намудани падидаҳои ҳанӯз ба ҳадди кофӣ омӯхтанашуда, аз тарафи дигар, сурат мегирад. Дар воқеъ, баъзе ҳомилону ҳомиёни консепсияи «Эҳьёи Шарқ» (В. М. Жирмунский, Н. И. Конрад ва дигарон) онро ба чунин рӯйдодҳое низ татбиқ намуданд, ки ба маъниву мазмуни аслии онҳо чандон рост намеоянд.

Мурод аз андешаҳои зер тақвия ва таъйиди минбаъдаи ақидаи «Эҳьёи Шарқ» аст. Ин амрро ман ба тариқи зерин ба амал бароварданиам. Аввалан, ба маълумоти аз таърихи адабиёт андӯхтаи И. С. Брагинский, В. М. Жирмунский ва Н. И. Конрад материали нави таърихиро илова карда, доираи мазмуни илмию фарҳангии мафҳуми «Эҳьёи Шарқ»-ро васеътар кунам. Сониян, масъаларо бо мадори муҳокимаи методологию гносеологӣ бароварда, рукнҳои асосии консепсияи мазкурро дар заминаи мустаҳками назарӣ устуворӣ диҳам.

Аз худи мафҳуми **«Эҳьё»** сар кунем.

Ин истилоҳ, ки ҳоло муродифи тоҷикии мафҳуми байналмилалии **Ренессанс** дониста мешавад (охирӣ дар адабиёти илмии муосири рус ҳарчи бештар ҷои истилоҳи пешинаи **«Возрождение»**-ро мегирад), одатан ба маъниҳои «аз нав зинда гардонидан», «обод кардан», «равнақу ривоҷ додан» меояд. Чунон ки поёнтар собит хоҳад шуд, маънии луғавии Эҳьё ба мазмуни асосии падидаи мазкура мувофиқ аст. Гап фақат дар сари муайян ва муқаррар намудани моҳияти таърихии Эҳьё мебошад, ки

се ҷиҳат дорад: иқтисодӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангӣ.

Дар боби он, ки кадоме аз ин ҷиҳатҳо асосист ва ҳам ҷиҳатҳои мазкур то чӣ андоза ба ҳам вобастаанд, ҷамъиятшиносони Шарқу Ғарб ба як фикру рой наомадаанд. Чунончи, баъзеҳо мафҳуми Эҳьёро ба ҷиҳатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсии он баробар карда, маҳз ташаккули сохти капиталистиро буньёди таърихии падидаи мазкура эълом доранд; дигарон, баръакс, ҷиҳати фарҳангии Эҳьёро ба мадди назар гузошта, аз дигар тарафҳои он сарфи назар мекунанд.

Алҳол ман ба нақлу нақди муфассали афкори мухталифе, ки дар ин бора дар илми ҷаҳонӣ баён шудааст, напардохта, дар зимни таҳлили интиқодии фикру мулоҳизаҳои гуногуни олимони ҷамъиятшинос ду қазияи зеринро собит хоҳам кард:

1) **Эҳьё як нуқтаи гардишест дар шоҳроҳи тараққиёти инсоният, вале онро марҳилаи томи таърихие донистан нашояд, ки ҳамроҳа ба ҷараёни ташаккул ё таназзули ину он формацияи ҷамъиятӣ сурат гирифта бошад;**

2) **Эҳьё як падидаи иҷтимоию фарҳангиест иборат аз наҳзати гуманистӣ, ки дар навбати худ дар зимни растохези анъанаи маданиии аҳди пешин ба вуқӯъ пайвастааст.**

Инак, оем ба сари таснифу таҳлили эродҳои асосии мунаққидони концепцияи «Эҳьёи Шарқ», ки дар саҳфаҳои адабиёти илмӣ ҳуҷҷатнамоӣ кардаанд.

**Эроди якум.** Ин эътирози асосии илмиро бо суханони зерини адабиётшиноси маъруфи советӣ Г. Ломидзе хулоса кардан мумкин аст;

«Тавлиди давран Эҳьё — ба қавли Энгельс, бузургтарин гардиши мутараққӣ дар таърихи башарият,— ба омилҳои гуногуни ичтимоию чамъиятӣ, дар навбати аввал ба оғози марҳилаи капиталистӣ, ба инқилоби аграрӣ, ба инкишофи иртиботи иқтисодӣ миёни мамлакатҳои мухталиф ва ғайра манут ва марбут аст. Дар даврони на Рӯдакӣ (охири қарни IX), на Фирдавсӣ (охири қарни X — ибтидои қарни XI), на Умари Хайём (миёни қарни XI — ибтидои қарни XII), дар даврони на Руставелӣ ва Низомӣ (қарни XII) ягонтои ин омилҳо на буд»[1].

Нуктаи умдаи ин эрод эътимодест ба ҳамбастагии мустақим ва муҳимми ду воқеаи таърихӣ — **ташаккули капитализм ва рушду камоли маданияти мучаддад**. Вале ин нукта, чунон ки бояд, буньёди мӯътамад надорад ва худ мӯҳточи тасдиқу таъйид аст, зеро бар пояи таъбири яктарафаи социологии Эҳьё қарор гирифтааст; тарики мазкур баъзе чиҳатҳои муҳимми таърихи зуҳур ёфтани фарҳанги давраи Эҳьёро ба инобат намегирад. Дар воқеъ, ба истилоҳ **Эҳьёи Аввал** дар адабиёти бадеӣ, ҳунари рассомӣ ва санъати меъмории итолиёвӣ ба қарнҳои XIV — XV рост омад, яъне ба давроне мансуб аст, ки он вақт мамлакати мучаддади классикии аврупоӣ ҳанӯз дар зинаи тараққиёти феодалӣ буд.

Ахди капитализм бошад, чунон ки К. Маркс ишора кардааст, қарни XVII оғоз шудааст. Ҳамин тавр, агар ба санаҳои дақиқ истинод кунем, пас ташаккули сохти капиталистӣ дар

---

[1] *Г. Ломидзе.* На уровень новых задач.— «Вопросы литературы», 1977, № 10, с. 157.

Аврупо дар давраи Эҳъё не, балкн замоне сурат гирфтааст, ки онро дар илми таърих аҳди Маориф ном кардаанд! Ва фақат дар асри XVIII «буржуазия барои ба вуҷуд овардани идеологияи худие, ки ба мақоми синфии он мутобиқ, аст, қудрати кофӣ пайдо кард...»[1].

Чун сухан аз сарчашмаи иҷтимоии маданияти гуманистии даврап Эҳъё меравад, ба сифати дастуруламали методологӣ хулосаи зерини Ф. Энгельсро қабул кардан айнн муддаост: «Чӣ тамоми даврап Эҳъё, аз худи миёнаи қарни XII сар карда, ва чӣ фалсафае, ки аз ҳамон вақт ин ҷониб рӯ ба бедорӣ ниҳодааст, аслан маҳсули тараққиёти шаҳрҳо буданд»[2].

Маданияти давраи Эҳъёи Шарқ, махсусан ҷузъҳои таркибии вай—фалсафа ва адабиёти бадеӣ, айнан рашҳаи килки зиёиёнеанд, ки дар шаҳрҳои тараққикардаи Шарқи Наздик ва Миёна ва Ҳинду Чин гирд омада буданд. Ба ростӣ, чунон ки Г. Ломидзе мегӯяд, гуманистони ховарзамин «дар шароити сохти золими феодалию истибдодӣ» эҷод мекарданд. Вале ҷоиз аст бипурсем: магар зиёиёни шаҳрнишини Андалусияи истибдодӣ — мамлакате, ки аз рӯи мавқеи ҷуғрофиаш ғарбиву аз рӯи сохти иҷтимоию сиёсиаш шарқӣ буд, айнан дар чунин шароити ногувори таърихӣ кору эҷод намекарданд? Ва ҳол он ки касе дар Эҳъёи Аврупои онвақта саҳм доштани ин кишварро мавриди шакку шубҳа карор надодааст.

Агар сухан аз таносуби дараҷаи инкишофи маданияти Шарқу Ғарб равад, пас чунон ки

[1] *К. Маркс, Ф. Энгельс.* Соч., т. 21, с. 294.
[2] *К. Маркс, Ф. Энгельс.* Сочинения, т. 21, стр. 312.

И. С. Брагинский дар муҳокимаи номбурда хотирнишон кардааст, «дар Арманистон, Гурҷистон, Озарбойҷон маданияти шаҳрӣ аз ҷиҳати рушду камоли худ аз маданияти шаҳрии Италия ва Испания монандӣ надошт. Барои ривоҷу равнақи Эҳьё дар Осиёи Миёна дар байни аҳолии муқимнишин низ вазъу шароити зарурӣ буданд, дар ҳоле ки халқҳои бодиянишини чунин вазъу шароит надоштанд»[1].

Зоҳиран ин муқоиса мавҳумест.

Пеш аз ду маданияти комилан гуногунро ба ҳам қиёс кардан бояд маҳакеро дарьёфт, ки барои онон муштарак бошад. Чунин маҳакрӯҳи таърихии онҳост. Нуқтаи умдатарин — **рою равиши эҳьёӣ ва майлу маслаки гуманистии маданияти давраи мазкура** мебошад.

Эҳтимол, тарафайн — ҳам муаллифону ҳам мунаққидони Эҳьёи Шарқ — мӯътақиданд, ки дар марҳилаҳои ҷудогонаи таърихи халқҳои бостонии ховарзамин тамаддун ба авҷи тараққиёт расида буд. Аз ҷумла, ҷамеи муҳаққиқони таърих илму адабиёт дар эроди чунин матлаб муттафиқанд, ки ҳалқҳои эрониинажод дар Асрҳои Миёна аз ҷиҳати дараҷаи инкишофи афкори илмӣ, фалсафӣ ва адабӣ дар ҷаҳон ҳамто надоштанд. (Фақат ҳудуди хронологии падидаи мазкураи фарҳангӣ мавриди баҳс қарор гирифта метавонад.) Бинобар ин агар ҷиҳати принципиалии масъаларо гирем, гап дар он нест, ки воқеаи мазбури иҷтимоию маданӣ рӯй додааст ё не (зеро касе ба амал омадани ин воқеаро инкор намекунад), балки

---

[1] *И. С. Брагинский.* О соотношении интернационального и национального в развитии литературы народов СССР.— «Вопросы литературы», 1977, № 10, с. 110.

дар ин аст, ки онро дар зимни кадом мафҳуми айнӣ бояд тасвир ва маънидод кард. Аз ин ҷиҳат гап дар истилоҳ ҳам не — хоҳед Эҳьё гӯед, хоҳед наҳзати гуманистӣ. Муҳимаш ин аст, ки воқеаи номбурдаи иҷтимоию фарҳангӣ дар зимни амсила (модел)-и дақиқи илмӣ таҷдиду тахсис ёбад.

Барои ба тафриту ифрот роҳ надодан масъаларо дар контексти васеи таърихӣ таҳлилу таркиб кардан лозим аст. Ба ростӣ, Эҳьё як падидаи соф фарҳангие (надстройкавӣ) набуд, ки берун аз ҷараёни тараққиёти базиси ҷамъиятӣ худ аз худ сурат гирифта бошад[1]. Лекин, аз сӯи дигар, падидаи мазкурaро радифи сохти муайяни иқтисодию сиёсӣ дониста, заминаи таърихии онро аз андоза берун маҳдуд кардан ҳам нодуруст аст.

**Эроди дуюм.** Худи мафҳуми Эҳьё, ки дар заминаи таърихи халқи итолиёвӣ сурат гирифтааст, аслан ҳанӯз ба қадри кофӣ тахсису таъйин нашудааст. Бинобар ин пеш аз он ки доираи ин мафҳумро аз ҳисоби таърихи кишварҳои Шарқ васеъ кунем, бояд даставвал падидаи мазкурaро нуктасанҷона ташхису таъбир кард, вагарна дар мавриди мазбур қиёси маалфориқ[2] сурат хоҳад гирифт, ки дар илми мантиқ аз қиёсҳои фосид ба шумор меравад!

---

[1] Дар адабиёти таърихии советӣ ин нукта аз худи солҳои сӣ ин ҷониб таъкид мешавад. Ниг.: *Черняк И. Х.* Проблемы идеологии итальянского Возрождения в трудах советских ученых (1917—1977).— Проблемы культуры итальянского Возрождения. М., «Наука», 1979, с. 4—17.

[2] Як навъ қиёсро гӯянд, ки дар зимни баробар кардани ду чизи ба ҳам муносибат надошта сурат мегирад.

«Мо дар бораи Эҳьё аз Мишле ва ҳатто Буркхардт дида сад маротиба бештар медонем,— менависад яке аз мунаққидони ақидаи Эҳьёи Шарқ Л. М. Баткин,— вале, бар хилофи онон, намедонем, ки худи Эҳьё чист! Аз ин рӯ, пеш аз он ки осори Эҳьёро дар Бухоро ҷустуҷӯ намоем, аввал бояд ба як қарор оем, ки Эҳьё дар Флоренция чӣ гуна вуҷуд пазируфтааст ва он худаш чист.»[1].

Рост аст, ки доираи мазмуну маънии мафҳуми Эҳьё чандон муайян ва муқаррар нест (дар ин хусус аз ин пеш Ф. Энгельс навишта буд,) зеро сухан аз ифодаи мантиқии падидае меравад, ки ба андозае худаш ғайримушаххас аст. Аз ин ҷиҳат ҷои тааҷҷуб нест, ки дар илми таърихшиносии Ғарб дар атрофи мантиқу мазмуни ин мафҳум ва ҳадду ҳудуди истифодаи он ҳанӯз ҳам баҳсу мунозира идома дорад.

Вале истифодаи мафҳумҳои ноқису номуайян магар фақат хоси илми таърих аст? Ҳаргиз! Ҳатто дар математика ва физика барин илмҳои дақиқ ҳам даҳҳо мафҳумҳоеро ёфтан мумкин аст, ки бо вуҷуди дар ин ё он системаи донишҳои махсус мақоми марказӣ доштан ва аз истилоҳоти асосӣ буданашон ё умуман таъбири муайян надоранд ва ё, ҳеҷ набошад, тахсису таърифи мантиқан маҳдуд ва тағйирнопазир надоранд.

Дар бораи мафҳуму истилоҳоти фанҳои гуманитарӣ ҳоҷати гап ҳам не, зеро онҳо аз ҳама пеш бо чунон падидаҳои ғайримушаххас сару кор доранд, ки одатан ба қолиби таърифу таъбири муайян намеғунҷанд.

[1] Л. М. Баткин. Тип культуры как историческая целостность. «Вопросы философии», 1969, № 9, стр. 28.

Эҳтимол, Эҳьё низ аз қабили чунин падидаҳои ғайримушаххас аст, ки тавсифу тасниф додан мумкин бошад ҳам, бо тамоми ҷузъиёту ҷиҳатҳояш дар доираи мантиқии як мафҳуми комилу шомил таҷдид кардан муҳол аст.

Вале агар давраи Эҳьё таърифу таъбири аниқу дақиқи мутобиқ ба меъёрҳои маълуми мантиқи суварӣ надошта бошад, пас аз худи ҳамин як далел дар хусуси амалан сурат нагирифтани ин падидаи таърихӣ дар Ғарб ва мушобеҳҳои типологии он дар Шарқ мустақиман хулоса баровардан ҳам хатост.

Ягона хулосаи айние, ки аз далели мазкур бармеояд, ин аст: **давраи Эҳьё ҳанӯз ба ҳадди кофӣ омӯхта нашудааст ва бояд мавриди тадқиқу таҳқиқи ҳамаҷиҳатаи таърихию фалсафӣ қарор гирад.**

Инро гуфта ман Америкаро аз нав кашф карданӣ нестам. Хусусан ки солҳои охир муаррихон ва таърихшиносони советию хориҷӣ ба омузиши амиқи Асрҳои Миёна ва давраи Эҳьё камари ҳиммат бастаанд. Лекин ин ҷо гапи дигар ҳаст. Тадқиқоти навин, ки мебоист ҳукму қазияҳои кулливу маъмули пешинро дар бораи шоҳроҳи тараққиёти таърихӣ будани давраи Эҳьё бо факту далелҳои тоза собит мекарданд, дар воқеъ ба хулосаҳои ғайриҷашмдошт оварда истодаанд. Мантиқи муҳокимаву мулоҳизаҳое, ки бар пояи онҳо хулосаҳои мазкур қарор гирифтаанд, ба мантиқи афкори мунаққидони Эҳьёи Шарқ хеле наздик аст...

Яке аз ин хулосаҳо ҳукмест дар бораи рӯйдоди принципан нави таърихӣ набудани Эҳьё. Барои таъйиди гуфтаҳои болои мақолаи Р. Нисбатро мисол овардан мумкин аст, ки

чанде пеш дар маҷаллаи англисии «Баррасиҳои муқоисавӣ дар социология ва таърих» таҳти сарлавҳаи ҳангоматалабонаи «Устурае дар боби Эҳьё» дарҷ гардидааст. Муаллиф мафҳуми Эҳьёро аз «аҳкоми буркхардтӣ» донистa, эълон мекунад, ки ақидаи маъмули таърихӣ дар бораи зинаи муҳимми инкишофи иҷтимоию мадании будании давраи Эҳьё буньёди илмӣ надорад. Ба дониcти ӯ, пояи ақидаи мазкура — эътиқоди анъанавии мардуми Аврупо ба паи ҳам омадани давраҳои тараққӣ ва таназзул аст, ки аслан рӯи ях қарор гирифтааст. Бинобар ин, даъво мекунад Нисбат, гуманистони давраи Эҳьён итолиёвиро баҳудаву беҳуда таъриф кардан нашояд, зеро онон ба ҷузъ як дараҷа бедор кардани рӯҳи халқ иддаое надоштанд; баръакс, онҳоро бояд таъна зад, ки ба қадри Асрҳои Миёна нарасидаанд...

Муҳаққиқоне низ ҳастанд, ки ба хулосаи шабеҳ аз дигар тараф, дар зимни муҳокимаи маъниву маслаки таърихию фарҳангии қуруни Вусто меоянд. Онҳо исрор мекунанд, ки дар байни Асрҳои Миёна ва Давраи Эхьё аслан ягон тафовути сифатие нест.

Ин иддаои илмӣ як андоза асосе дорад. Гап дар сари он аст, ки солҳои охир илми медиевистика[1] саҳифаҳои комилан нави таърихи Асрҳои Миёнаро кашф кард; маълум шуд, ки бар хилофи ақидаҳои пешин фарқи байни давраи Эҳьё ва Қуруни Вусто чандон калон набудааст. Дар баробари ин худи давраи Эҳьё низ як аҳди таърихаи яклухту якҷинса

[1] Як соҳаи илми таърихро гӯянд, ки омӯхтани Асрҳои Миёнаро пеша кардааст.

ва ҳам аз ҷиҳати хронологӣ маҳдуд набудааст. Ин далелҳои муҳим, албатта, бояд мавриди андешаву тааммули амиқи таърихӣ қарор гиранд. Мутаассифона, онҳое, ки фактографияро касб карда ва аз таҳқиқоти ҳамаҷиҳатаи назарӣ худдорӣ карда ба ҷои силсилаи муназзами «муқаддима — натиҷа» бо гуфтори пароканда ва сустасос қаноат мекунанд, ба хулосаҳои сарсарӣ омада истодаанд; онҳо омодаанд, ки худи ҳозир аз табақабандии сегонаи таърихӣ (Атиқа—Асрҳои Миёна—Эҳьё) даст кашанд. Аз ҷумла, мудаққиқи немис И. Вос дар китобе, ки ба қарибӣ дар Мюнхен ба табъ расондааст, таклиф мекунад, ки таснифоти маъмули падидаҳои таърихиро тарк гуфта, дар ҳар як сохаи ҷудогонаи илми таърих табақабандии «худӣ»-ро ҷорӣ кардан лозим аст. Ва ҳол он ки чунин амр аслу асоси фалсафии табақабандиро ҳамчун ифодаи худшиносии таърихии одамизод барбод медиҳад.

Ҳоло зимни ин андешаҳои муҷаррад меоем ба сари эроди мунаққидони ақидаи Эҳьёи Шарқ. Аслан мулоҳизоти эшон дигар як ҳадди ифрот асту бас. Дар воқеъ мунаққидони мазбур, бар хилофи муаррихони номбурда, ки вуҷуд доштани Эҳьёи иҷтимоию маданиии Аврупоро исроркорона рад мекунанд, даъво доранд, ки ин падида бидуни шубҳа ҷой дошт, вале он як ҳодисаи нодири таърихӣ буда, аз ҳудуди ҷуғрофии Италия берун набаромадааст. «Аҳамияти умумиҷаҳонии Эҳьёи Аврупои Ғарбӣ дар он нест, ки вай дар байни ҷамеи давраҳои Эҳьё муқаррарӣ ва бехтарин буд — менависад А. М. Баткин,— балки дар он аст, ки дар ягон ҷои дигар мисоле аз вай ба ву-

чуд наомадааст. Эҳьён итолиёвӣ дар ҷаҳон якказу ягона будааст».

Агар ин хулосаро ба субути мантиқиаш бирасонем, равшан мегардад, ки вай аз ҷиҳати рӯҳи методологиаш ба нукоти асосии ҳомилону ҳомиёни ақидаи плюралистӣ монанд аст, зеро тарафайн ба интиқоли мафҳумҳо аз як ноҳияи иҷтимоию фарҳангӣ ба ноҳияи дигар азалӣ муқобиланд.

**Эроди сеюм.** Услуби илмие, ки дар заминаи он ақидаи мазкура вуҷуд пазируфтааст, худ аз амалоти нокис ва ҳатто нобоӣ аст: мафҳумҳои ба як соҳаи воқеият оидро ба соҳаи дигар татбиқ кардан амри мантиқиест, ки ба сони қиёси нафс асоси мӯътамади гносеологӣ надорад.

Барои ба ин эрод ҷавоб гуфтан домани илмии масъаларо васеътар карда, ба **буньёди фалсафии интиқоли мафҳумҳо** аз як соҳа ба соҳаи дигар назар афкандан лозим меояд.

Нуктаи асосие, ки ин ҷо пеш меояд, ба қонуниятҳои инкишофи ҷамъияти инсонӣ оид аст. Дар ин бора то алҳол ду ақидаи ба ҳам муқобили фалсафию таърихӣ ташаккул ёфтааст.

Яке ақидаи **плюралистист.** Бино ба ин ақида, ки дар улуми ҷамъиятшиносии Ғарб хеле маъмул шудааст, таърихи инсоният маҷмӯи тамаддунҳои ҷудогонаест, ки дар мавзеъҳо ва замонҳои мухталиф падид омада ва мутавозӣ инкишоф ёфта, ба ҳам равобити ботинии моддиву маънавӣ надоштаанд. Буньёди методологии чунин ақидаро **релятивизми фалсафӣ** ташкил медиҳад. Ва аз ин ҷиҳат тааҷҷубовар нест, ки аз вай, дар сурати то интиҳои мантиқӣ ра-

сонидани нукоти асосиаш, дар бораи вуҷуд доштани тамаддунҳои нодира ва аз аввал қобили муқоиса набуда хулоса мебарояд.

Дигаре — ақидаи монистист, ки бар пояи рукнҳои материализми таърихӣ қарор гирифтааст ва ягонагии қонуниятҳои инкишофи иҷтимоию фарҳангии ҷамъияти инсониро ба маддӣ назар мегузорад. Вай заминаи мустаҳками илмӣ дорад, ки аз маълумоти дар таҷриба собитшудаи этнография, антропология, археология, психология ва лингвистикаи таърихӣ тарҷиб ёфтааст. Маҳз эътиқод ба ваҳдати диалектикии ҷараёни умумиҷаҳонии таърихи башар аст, ки дар заминаи он фалсафаи марксистии таърих дар таҳқиқи падидаҳои шарқӣ қобили истифода будани мафҳумоти дар ҷараёни омӯзиши марҳилаҳои ҷудогонаи таърихи Аврупо андӯхташударо ҳидоят мекунад. Аз як сӯ, модоме ки аслу асоси тараққиёти инсоният як аст, пас ин тараққиёт дар қолиби чунин қонунҳои объективие ҷараён мегирад, ки барои ҷамъиятҳои гуногун муштараканд. Аз сӯи дигар, интиқоли мафҳумҳо аз як соҳаи илм ба соҳаи дигар аз амалоти муқарраpии мантиқист, ки аз назари гносеологияи марксистӣ иллате надорад ва комилан қонунист.

Г. Ломидзе зимни танқиди ақидаи Эҳёи Шарқ саволи зеринро пеш мегузорад: «Чаро падидаеро, ки пеш аз Эҳё, дар шароиту замони комилан дигар ба вуқӯъ пайвастааст, мо бояд бо мафҳуме тавсиф диҳем, ки сонитар шакл гирифтаасту маънии конкретии таърихӣ ва эстетикиро дорост?»[1] Аввалан, сухан аз

[1] *Г. Ломидзе.* Мақолаи номбурда, с. 157.

падидае меравад, ки пеш аз замони Эхьё ба вуқуъ напайвастааст, балки худ ҳамчун наҳзати эҳьёй қаламдод мешавад. Сониян, вай дар замони комилан дигар ба вуқуъ пайваста бошад, ҳам, аз ҷиҳати моҳияти таърихию фарҳангиаш аз падидаи мушобеҳи аврупоӣ типологан чандон фарқе надорад. Ниҳоят, сухан айнан аз тадқиқу таҳқиқи «маънии конкретии таърихи ва эстетикӣ»-и мафҳум Эҳьё меравад, ки аз назари ман бояд дар зимни таҳлилу таркиби муқоисавии шаклҳои гуногуни зуҳуроти ин падида дар ноҳияҳо ва замонҳои гуногун сурат гирад. Фақат бояд таъкид кард, ки сухан аз муоина ва муқобилаи типологии ҳодисаҳое меравад, ки зимнан ҷиҳатҳо ва маслакҳои муштараки таърихию фарҳангӣ доранд ва аз ин рӯ қобили муқоисаанд.

Хулласи калом, эродҳои мунаққидони ақидаи Эҳьёи Шарқ бар пояи устувори илмӣ ё, ба истилоҳи пешинаамон гӯям, ҳуҷҷати қотеа ва бурҳони сомеа, қарор нагирифтаанд. Ба ҳар ҳол онҳо, ҳеҷ набошад ба андозаи далелу исботи ҳомиёни ақидаи мазкура, таарузпазиранд.

* * *

Аҳмади Дониш фармудаст, ки «даъво ду қисм бувад: ҳаққонӣ ва нафсонӣ». Дар боло айнан қисми нафсонии даъвои мухолифони «Эҳьёи Шарқ» мавриди нақлу нақди мантиқию фалсафӣ қарор гирифт. «Дар бобн калимаву иборахо мунозира намудан, албатта, онни хирад нест... Вале агар баҳс кардан хоҳӣ, мафҳумҳоро аниқ кардан лозим меояд»[1].

[1] *В. И. Ленин.* Полн. собр. соч., т. 30, с. 93.

Аз ин мавқеи назар лозим меояд ба таҳлили илмию мантиқии мафҳуми Эҳьё (Ренессанс) бозгашта, тархи доираи истифодаи ин истилоҳро аниқтар муайян кунем.

Бино ба адабиёти таърихии гузашта ва ҳозира мафҳуми Эҳьё асосан ба се маънии илмӣ истифода мешавад:

**Якум**, Эҳьё ба маънои таҳтулафзии истилоҳ ҷунбиши фарҳангиест дар роҳи аз нав барқарор намудани анъанаҳои пешини маданияти моддӣ ва маънавӣ.

**Дуюм**, Эҳьё маънан мусовӣ ба гуманизм аст; ҳарчанд ки ғояҳои гуманистӣ дар асрҳои гузашта ва дар ноҳияҳои гуногуни таърихию фарҳангӣ пайдо шудаанд, фақат дар даврам Эҳьёи Аврупо онҳо ба низом даромада, ба сифати як ақидаи томи ҷамъияти ташаккул ёфтаанд.

**Сеюм**, Эҳьё шомили инқилоби ҳам маданӣ ва ҳам ҷамъиятӣ буда, аввалӣ (наҳзати фарҳангӣ) зода ё инъикоси охирӣ (инкишофи иқтисодию иҷтимоӣ) аст.

Ақидаи якум — ақидаи гуманистони даврам Эҳьёи итолиёвист, ки аз худи аввали фаъолияти фарҳангию сиёсиашон сар карда ба инкори сартосари Асрҳои Миёна пардохта, маданияти бостонии Юнонро нуқтаи истинод қарор доданд.

Дар замони мо, дар сурате ки аз як сӯ буньёди қавӣ надоштани иқдоми нигилистонаи гуманистони ибтидои аҳли Ҷадид ва, аз сӯи дигар,— миқьёсу вусъати аслии наҳзати Эҳьёӣ дар Аврупои асрҳои XV — XVI ошкор карда шудаанд, ақидаи мазкура аз даҳон мондааст.

Ба таҳлили интиқодии ақидаи дуюм пардохта, даставвал ба далели зерин истинод кардан бояд.

Дар таърихи ҷамъият шояд қарне набошад, ки дар оғоз ё анҷоми он Бани Одам гузаштаашро ба ёд наоварда бошаду аз он илҳоми эҷодӣ ё сабақи маънавӣ наҷуста бошад. Зеро маҳз хотира аст, ки инсонро аз соири мавҷудоти зинда ҷудо карда, ӯро дар силсилаи маротиби ҳастӣ мақому мавқеи махсус мебахшад. Ва низ возеҳу ошкор аст, ки инсонпарварӣ, васфу тараннуми рӯҳонии авлоди Одам аз иқдоми ҳамешагии таърих буда, хоси ягон замону макони алоҳида нест. (Гапи дигар аст, ки мазмуни таърихию иҷтимоии мафҳуми гуманизм бо мурури замон тағйир меёбад. Аз ҷумла, гуманизми даврапи Эҳёи Аврупо ва гуманизми аҳди Эҳёи Аҷам аз лиҳози мазмун ва тамоюли таърихӣ ба ҳам типологан монанд бошанд ҳам, аз рӯи нуфузи маънавӣ ва оқибати иҷтимоӣ миёни онон тафовути назаррасе вуҷуд пазируфтааст).

Дар боби ақидаи сеюм фақат як чизро таъкидан мегӯям. Наҳзати фарҳангиро **ҳамеша** ва **ҳамагонӣ** зода ё инъикоси инкишофи иқтисодию иҷтимоӣ донистан нашояд. Бар хилофи он ки тарафдорони «детерминизми иқтисодӣ» (таҳрифи ревизионистии дарки материалистии таърих) талқин мекунанд, таърихи авлоди башар бисьёр факту далелҳоеро медонанд, ки ақидаи аксро собит мекунанд ва ё ҳеҷ набошад, аз хатти кашидаи ақидаи мазкура берун мебароянд. Дар вақташ аз ин боб Ф. Энгельс бо камоли дақиқбинӣ навишта буд. Ӯ шароити иқтисодию иҷтимоии Германияи охири қар-

ни XVIII-ро бо дарачаи тараққиёти адабиёти онвақтаи немис, аҳволи сиёсию хочагидории Германияи ибтидои асри XIX-ро бо комьёбиҳои ондавраи халқи олмон дар фалсафа ва мусиқӣ барин соҳаҳои эчодиёти волои одамӣ муқоиса намуда хулоса бароварда буд, ки авчҳои инкишофи иқтисодию ичтимоӣ ва фарҳангию таърихӣ ҳамеша ба ҳам рост намеоянд; робитаи мутақобилаи онҳо ба ранге ва ҳадде сурат мегирад, ки ҳар дафъа таҳлилу тааммули алоҳидаро меписандад.

Ман дар навбати худ инкишофи адабиёти форсу точикро дар қарнҳои XIII — XIV мисол оварданиам. Дар таърихи башар шояд замонеро наметавон ном гирифт, ки ин қадар пурошӯб бошад; охир, қарнҳои мазкур ба замони чангу чидолҳои хонумонсӯзи ду чаллод ва яғмогари гузаро — Чингизхон ва Темурланг — рост омадаанд! Сарафшонони ин ду саркардаи хуношоме, ки ному нишонашон имрӯзҳо мояи ифтихори пантуркистони навбаромад қарор гирифтааст, мулки мутамаддини Ачамро ба хок яксон сохта, қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолиро дар кишвар аз ҳад берун хароб карда, мардуми додчӯро саросар аз дами шамшер гузаронида буданд; сонри халоиқ ба дарачае ғарқу харқ шуда буданд, ки гӯё ба дилашон дигар ҳеч чиз (балки ба чуз зикру тавба) намеғунчид.

Вале сириштн азалӣ ва таринки вучуди санъат, ба хосса каломи бадеъ будаст, ки маҳз дар шароити танги иқтисодию ичтимоӣ ва авчи фишори идеологӣ, дар сурате ки муҳити маввочу синтез аҳли басирату башоратро мачбур мекунад дам фурӯ бандад, ӯ пуштвонии маъ-

навии кулли башарро ихтиёрӣ ба ўҳда меги-рад...

Ин вазифаи волои адабиёти бадеиро Соиби Исфаҳонӣ дар байти зерин муҷассам сохта-аст:

> Ҳар кӣ по каҷ мениҳад хуни дил мо мехўрем.
> Шишаи номуси олам дар бағал дорем мо!

Аз манзари шароити таърихие, ки дар қарн-ҳои XIII — XIV дар Аҷам фаро расида буд, боиси тааҷҷуб нест, ки алалхусус шоирони ғариб басе исьёни маънавиро пеша кар-даанд. Ҷалолиддини Балхӣ дар Осиёи Сағир, Камоли Хуҷанди дар урдугоҳи Тухтамиш, Му-ҳаммад Авфии Бухороӣ дар Ҳиндустон ва ни-ҳоят Сайфи Фарғонӣ дар Рум-ҳар яке ба та-риқу лаҳни хос дурри сухан суфта аз рўи ҳиммату имкони хеш баҳри такомул ва тарақ-қии фарҳанги халқи ситамдидаи худ пардох-таанд.

Карни XIV — барҳақ асри Саъдию Ҳофиз буд. Аҳромҳои рўҳоние, ки ин ду симои бузур-ги назми форсӣ дар хоки Аҷам бо қувваи ақ-лу ҳис барсохтаанд, чунон баландаид, ки аз дурдасттарин кунҷу канори рубъи маскун ҳам намуда меистанд ва чунон мустаҳкаму устуво-ранд, ки тундбоди ягон замона аз ҷояшон ҷун-бонида наметавонад.

Ба мавзўи асосии ин фасл баргашта ба **ҷи-ҳати умумитаърихии мафҳуми Эҳьё** таваҷҷуҳ мекунем.

Дар таърихи Аврупои Ғарбӣ Эҳьё марҳи-лаи гузариш ба шумор меравад, вале аз боби маҳз ба кадом давра — Асрҳои Миёна ё Аҳди Ҷадид — тааллуқ доштани ин марҳила ҳанўз

баҳсу мунозира мераваd. Баъзе муаррихони советию хориҷӣ худи давраи Эҳьёро ба ду марҳила — аз ибтидои қарни XVI то миёнаи қарни XVII оғози революцияи англис) ва аз охири қарни XVII (анҷоми революцияи англис) то интиҳои қарни XVIII — ҷудо намуда, аввалиро ба Асрҳои Миёна ва охириро ба Аҳди Ҷадид дохил мекунанд. Таърихшиносони дигар бошанд, тамоми давраи Эҳьёро ба Аҳди Ҷадид пайваста, онро ибтидои ташаккули сохти капиталистӣ (дар Аврупои Ғарбӣ) ҳисоб мекунанд.

Табиист, ки дар зимни чунин таъбири илмӣ мафҳуми Эҳьё маънии мушаххаси таърихӣ пайдо мекунад. Пас, онро берун аз доираи таърихи Аврупои Ғарбӣ истифода бурдан амри муҳол аст, зеро дар дигар ноҳияҳои тамаддун инқилоби фарҳангӣ пайваста ба дигаргунсозиҳои иқтисодию иҷтимоӣ ба амал наомадааст ва ё новобаста ба онҳо сурат гирифтааст; аз сӯи дигар, инқилоби буржуазӣ басе бидуни омодагии фарҳангӣ ба вуқуъ пайваста, худ ба ташаккулу тараққии маданияти нав замина шудааст.

Аз ин мавқеи назар истилоҳи «Эҳьёи Шарқ» дар воқеъ ҳам маънии томи таърихӣ надорад ва ё, ҳеҷ набошад, ба ҳаде, ки дар илм бояд, собит нашудааст. Агар ин тавр бошад, мо боз ба дилеммаи таърихии «монизм — плюрализм» бармегардем, ки аз ин пеш мавриди андешаи фалсафии мо қарор гирифта буд: Оё тамаддунҳои гуногун аз рӯи қонунҳои муштарак инкишоф мeёбанд? Ва агар онҳо дар як маҷрои умумӣ таҳаввул наёбанду ҳар яке ба сари худ дар қолаби қонунҳои хоси таърихӣ рӯ ба та-

раққӣ ниҳанд, инро бояд илман чӣ тавр шарҳу таъбир дод? Охир, бо далелҳои раднопазири илми муосир собит шудааст, ки **инсоният аз ҷиҳати ҷисмонию антропологӣ ягона аст.** Пас, қонуниятҳои умумии инкишофи таърихӣ низ ба ҳадде, ки махсусиятҳои тамаддунҳои ҷудогонаро инкор намекунанд, бояд ягона бошанд; хусусан, ки тамаддунҳои башарӣ, бо вуҷуди он ҳама ҷудой ва тафовуте, ки миёни онон вуҷуд доштанд ва ҳамоно вуҷуд доранд, аз ҷараёни робитаи мутақобила берун набуданд. Агар ин нуктаи муҳимми методологиро ба ҳисоб гирифта, мафҳуми Эҳьёро дар ҳамон шаклу ба ҳамон мазмуне, ки дар муҳити маънавии Аврупо пайдо кардааст, яъне ба маънии якуми ин истилоҳ, ба таърихи Шарқ татбиқ намоем, ба хулосаи зерин меоем.

Чунон ки дар боло ишора рафт, дар Аҷам (пеш аз ҳама Хуросон) низ наҳзати эҳьёӣ дар даврони феодализм аз инқилоби фарҳангӣ оғоз шуд. Вале барои сурати инқилоби иқтисодию иҷтимоӣ гирифтани ин наҳзат бисьёр омилҳои таърихӣ мусоидат накардаанд; омили асосии халалрасон — ҳуҷуми истилогаронаи сол дар миёни элу улуси аҷнабӣ (аз қарохониён сар карда то шайбониён) буд, ки садсолае чанд тӯл кашида ба харобу вайрон шудани иқтисодиёти кишвар, талаф ёфтани зубдаи мардуми шаҳрнишин ва дар ҳалқаи бенавоию бемуродӣ мондани аксари раҳоиён сабаб шуд.

Ба ин маънӣ наҳзати мазкури шарқиро **«Эҳьёи бозмонда»** ном кардан мумкин буд, зеро қиёми фарҳангӣ дар арзи чандин аср идома дошта бошад ҳам, вай тамоми табақаҳои

ичтимоиро фаро нагирифт ва дар натича буньёди чамъияти анъанавиро ба ҳадде, ки бояд, чунбонида натавонист.

Лекин, ба назари ман, масъаларо ба тарзи дигар гузоштан ва ба тариқи дигар андеша кардан салоҳтар аст.

Мурод аз тадқиқи илмӣ — ошкор сохтани чиҳатҳо ё унсурҳои муштарак миёни ашьёву ҳаводиси мухталиф, андар расидан ба қонунҳоест, ки ба доираи то ҳадди имкон васеи падидаҳо татбиқ мешаванд.

Аз мавқеи назари фалсафаи таърих вазифаи умдаи таърихшиносӣ — тавсифи махсусиятҳои регионалӣ не, балки кашфу маънидоди қонуниятҳои умумиест, ки инъикоси хоси ваҳдати диалектиконаи таззодҳост (чузву кул). Дар мавриди мо сухан аз таъсису таъини чунон як мафҳуми дақиқи Эҳьё меравад, ки барои тавсифу таъбири падидаҳои ҳамчинси ноҳияҳои гуногуни таърихию маданӣ имкон медиҳад.

Инак, аз мавқеи назари методологие, ки дар саҳфаҳои пеш ба тадрич баён шуд, Эҳьё чист?

Эҳьё як падидаи ичтимоию фарҳангиест, ки онро аз рӯи ду хусусияти умдааш сифат кардан шояд:

Яке — дар ҳамбастагӣ ва таъсири мутақобил ба амал омада, ба ҳадди беназир қувват гирифтани наҳзати гуманистӣ ва тачдиди маданӣ.

Дигаре — дар ҳамбастагӣ ва таъсири мутақобил тараққӣ кардани соҳаҳои гуногуни эчодиёти одамӣ (илм, фалсафа, адабиёт ва санъат).

Хусусияти якумро аз ин пеш мавриди шарҳу баёни батафсил қарор дода будам. Алҳол, бошад, дар тавзеҳи хусусияти дуюм сухане чанд мегӯям.

Муҷассамаи зиндаи ин хусусияти Давраи Эҳьё як зумра арбобони барҷастаи аҳди мазкур мебошанд, ки ҳарчи бошанд ҳам, одамони тангмайдон ё кормандони зуфан набуданд.

Ф. Энгельс зимни тавсифи илмии Эҳьёи Аврупо чунин нигоштааст: он аҳде буд, ки ба нобиғаҳо эҳтиёҷ дошт ва дар воқеъ ҳам нобиғаҳоеро ба вуҷуд овард, ки аз ҷиҳати қуввaи мутафаккира, аз рӯи шӯру ҳарорат ва иродатмандӣ, аз лиҳози вусъати маърифат ва фазилат беназир буданд. Бузургони он замон ба маънии расои истилоҳ ҳодисаҷӯёни далер буданд; дар байни онҳо одаме набуд, ки ба сафарҳои дуру дароз набаромада бошад, ба чор-панҷ забони хориҷӣ ҳарф назанад, дар чандин соҳаи эҷодиёт баробар қувваозмоӣ накарда бошад.

Хулосаи Ф. Энгельс ба дигар ноҳияҳои таърихию фарҳангие, ки Давраи Эҳьёро аз сар гузаронидаанд, низ дахл дорад. Чунончи, Абӯалии Сино, Абурайҳони Берунӣ, Умари Хайём, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигар бузургони фарҳанги давраи Эҳьёи Аҷам айнан аз ҷумлаи нобиғаҳои ҳамадону ҳамакоре буданд, ки якборa дар чанд ҷабҳаи фаъолияти эҷодӣ қувваозмоӣ карда, ба комьёбиҳои барҷастаи илмӣ, фалсафӣ, бадеӣ ва ғайра ноил гаштанд.

## АНҶОМИ СУХАН

# ҚУДРАТ ВА ҲИКМАТИ ТАЪРИХ

Ба гетӣ ду чиз аст ҷовид бас,
Дигар ҳар чӣ бошад, намонад ба кас:
Сухан гуфтани нағзу гуфтори нек,
Нагардад куҳан то ҷаҳон аст рек.

*Абулқосими Фардавсӣ.*

...Жуан-Жуанӣ ном тоифаи бодиянишинон, ки дар саҳифаи таърихи тамаддуни башарӣ аз худ нақше боқӣ нагузоштаанд, аҷаб одати ваҳшатангезе доштаанд. Онҳо тавассути як амали хуношом халқаи итоат дар гӯши асирони ғуломбоб мекашиданд. Аввал мӯи сари бандиёнро батамом тарошида мепартофтанд. Дар айни замон як шутури бухтӣ ё бесурокро сар зада, онро пӯст меканданд. Сонӣ қисми аз ҳама ғафсу дурушти пӯсти хомро бурида гирифта, лахтаву пора мекарданд ва гармогарм ба каллаи тане чанд мечаспониданд. Барои он ки маҳкумшудагон раҳой ҷуста мабодо сарашонро ба замин намоланд, ба гардани ҳар яке кунда меандохтанд. Баъд дасту пои ғуломшавандагонро баста онҳоро ба як дашти холӣ бурда мепартофтанд. Азбаски ин амали ваҳшиёна одатан дар қиёми тобистон сурат мегирифт, асирон ба азобу уқубати тоқатфарсое гирифтор мешуданд; бо мурури замон пӯсти

шутур аз ҳарорати баланд хушкида сари онҳоро ба мисли чанбари оҳанин торафт сахттар мефушурд...

Жуан-жуаниҳо ғуломшавандагонро пас аз панҷ рӯз хабар мегирифтанд. Аксар биёбонмарг мешуд, каси зиндамонда бошад, ба манқурт — ба фарде табдил меёфт, ки ӯро дар таъбири хоси тоҷикӣ «кулӯхи бачашм» ё «нақши девор» сифат кардан ҷоиз аст. Он манкуб аз азизтарин ва муҳимтарин хислати одамӣ-хотир маҳрум шуда ҳатто ному насаби худро аз ёд мебаровард. Ӯ дар миёнҷои фазои холии дирӯзу фардо барзахвор монда ба сурати чунон як ҳалқапушти кӯрдилу хештанношинос медаромад, ки ба сони саг фақат хӯҷаини худро мешинохту бас...

Нависандаи номвари советӣ Чингиз Айтматов, ки ин типи адабии комилан навро дар кайҳони бадеии асри XX кашф кардааст, дар хотимаи қиссаи манқурт фармудааст: «Тан аз ҷони асир пардохтан ва ё дар қасди фурӯ нишондани иродаи ӯ ягон осеб расонидан басе беҳтар бувад аз шикастани хотири одам, хароб намудани хиради ӯ реша кандани оне, ки то охири умри инсон радифи вай хоҳад буд — радифе, ки ягона бозьёфти ӯст, радифе, ки ҳамроҳи ӯ мераваду ба дигарон дастрас нест. Вале жуан-жуаниҳои кӯчманчӣ, ки аз таърихи фалокатбори худ бераҳмтарин навъи ваҳшигариро мерос гирифта буданд, ба ҳамин беху буни ботини инсон ҳам дасти тасарруф дароз кардаанд. Онҳо роҳи аз ғуломон рабуданихотири зиндаро ёфта дар ҳаққи тинати одамӣ ҷинояте содир карданд, ки аз ҷамеи ҷиноятҳои тасаввуршаванда ва тасаввурнашаванда дида

бузургтар аст.» ...Одатҳои бад низ мисоли одатҳои нағз пайваста густариш меёфтаанд, аз насл ба насл мегузаштаанд, сурату сирати худро тағйир дода аз як диёр ба диёри дигар мекӯчидаанд ва ба шароити марзу буми нав мутобиқ гардида, шоху барг пахн мекардаанд. Аз ин рӯ ривояти халқие, ки дар романи Чингиз Айтматов «Дуроҳии Бӯронӣ» ба риштаи таҳрири бадеӣ кашида шудааст, фақат дар омади сухан, ба тариқи мисол аз тахтаи солхӯрд ба қалам наомада, балки ҳамчун як навъ масъале ба муосирон гӯшрас карда шудааст.

Нависандаи қирғиз ба василати образи манқурт ба андешаи бадеии як падидаи иҷтимоие пардохтааст, ки то кунун аз доираи афкори адабию социлогӣ берун монда буд. Ин падидаи хоссаро метавон манқуртигарӣ ном дод ва аз қатори обломовигарӣ (Гончаров) ва шайтонигарӣ (Достоевский) барин кашфиётҳои нодири адабиёти классики рус ҷой дод. Худи муаллиф ҳам дар сарсухани романаш ба замонавӣ будани образи манкурт ишора намуда, як нахзати аксулинқилобиеро мисол меорад, ки солҳои шаст дар муҳити маънавию сиёсии хамҷавор сурат пазируфта дар истилоҳоти хоссаи онҷой «инқилоби фарҳангӣ» ном гирифтааст. Таъқиби шадиди зиёиёни озодандеш, манъи спектаклҳову филмҳои ба истилоҳ зиддисоциалистӣ, забту мусодира ё оташзаниҳои китобҳои «мамнӯъ» — чунин аст феҳристи нопурраи он умури нобобе, ки инқилобгарони навбаромади чаласавод дар ғояти бедодиву бераҳмӣ ба вуқӯъ пайвастаанд.

Албатта ин воқеаи мудҳиш дар таърихи

тамаддуни инсонӣ як фочиаи бузург буд. Вале, мутаассифона, дар солномаи асри XX ин фочиа нодир наафтодааст, ки мисли Саъдии Шерозӣ бигӯем: «Бар нодир ҳукм натавон кард!...»

Аврупои мутамаддин ҳам аз чунин муддаиёни фарҳанги чадид орӣ набудааст, ки мехостанд ҳомилони «маданияти кӯҳна»-ро чисман маҳв сохта, осори хаттии ононро саросар сӯхта, «маданияти нав»-ро дар халои маънавӣ буньёд афкананд.

Кош, ин амри ғариб орзуву ҳаваси бархе хомдасту хомтамаъгон мебуду бас!

Чоҳдорони сахткашу довталабони саҳлгири чанде аз чамоаҳои одамӣ чаҳолатро парчами мубориза қарор дода аз паи баркандани буньёди фарҳанги анъанавӣ шуданд ва ба ғояти тафриту ифрот ба ичрои накшаҳое пардохтанд, ки худ аз натоичи табъи хомписанди эшон буд. Аз дастони қалби ин гуна нобакорони ақлрамида сараввал бузургтарин сарвати маънавии инсон — китобҳо нобуд шуданд.

Дар ёдбуди китобҳои шаҳиду бадарға Лоиқ ачаб суханҳои пурмазмуну пуртаъсиреро дарьёфтааст:

> Шуморо ҳам чу осй зинда гӯронданд
> Шуморо чун Бруно зинда сӯзонданд.
> Шуморо ҳам хафа карданд, афшурданд, озурданд,
> Шуморо ҳам ба зери дорҳо бурданд.
> Шуморо ҳам чу балвогар, чу яғмогар,
> Чу исьёнгар, чу вайронгар
> Басо бераҳм парронданд.

Абӯалии Сино дар синни нуздаҳсолагӣ беихтиёр шоҳиди як воқеаи мудҳиши таърихӣ шуд: зодгоҳашро яғмогарони ачнабӣ — қара-

хониён забт карданд. Бухорои Шариф — гаҳвораи тамаддуни бостонии Аҷам — асптози аҳли Саҳро гардид... Пас аз ҳазор сол тасаввур кардани мешавам, ки он вақт ҷади аълои ман дар чӣ аҳволу авзои руҳӣ буд.

...Балки ӯ ба сари кӯчаи пуршӯру шар баромада, бо ҳазору як алам ба харобзорҳои шаҳр менигаристу суханони амир Исмоили Сомониро ба ёд меовард, ки аз таъмири девори харобшудаи Бухоро[1] гардан тофта ба ғояти боварӣ гуфта буд: «то ман зинда бошам, бораи вилояти Бухоро ман бошам»! Таърих гувоҳ аст, ки Исмоили Сомонӣ (чаро ӯро Амири Шаҳид хонда бошанд?) дар назари аввал мизроббаландӣ карда бошад ҳам, ба ваъдааш вафо кардааст: «Ва он чи пазируфт, тамом кард ва пайваста ба тани хеш ҳарб кард ва нагузошт, ки ба вилояти Бухоро душманон зафар ёбанд».[2]

Вале ворисони ӯ чӣ? Ворисони ништопарасти ӯ ба ғояти кӯтоҳандешии тақдири мулку давлатро ба дасти ғуломони аҷнабӣ ва ғуломзодагони маҳаллӣ дода худ дар баҳорбандии биҳиштосо бо зархаридони саҳроӣ ба айшу ишрат шуғл варзидаанд!

...Балки Ҳусайни мизоҷгарм худдорӣ карда натавониста бо дили пурхун ба сӯи китобхонаи даргирифтаи «Саввон-ул-ҳикмат» тохт, то осори бебаҳои аҷдодашро аз вартаи даҳшатноки оташ халос кунад? Охир, қарахониён ганҷ-

---

[1] Бино ба хабари Наршахӣ, девори мазкур, мисли Садди Чин, бо мақсаде сохта шуда буд, ки мабодо «дасти туркон ба вилояти Бухоро нарасад». (*Наршахӣ.* Таърихи Бухоро. Д., 1979, с. 32).

[2] *Наршахӣ.* Асари ишорарафта, с. 321.

дони маънавии тоҷикон «Саввон-ул-ҳикмат»-ро оташ зада, мисоли жуан-жуаниҳо, ба ягона сармояи носипанҷи одамӣ-ёду хотири ӯ — таҷовуз карда буданд! Охир, шӯълаи афрӯхтаи саҳроиёни шумпай оташи афсонавии Намруд набуд, ки андаке пас бо як амри мӯъҷизавори илоҳӣ ба гулистон мубаддал шаваду китобҳои сӯхтарафта мисоли мурғи Самандар аз хокистар эҳьё шаванд! Ҳайҳот, он оташи хонумонсӯз, ки дар ахгаристонаш махзани тамаддуни бостонии мо нобуд шуд, охиран то худи саропардаи афлоки Оли Сомон расида, нахустин салтанати тоҷиконро ҷавонимарг кард. Ва ворисони ноками онро фақат ҳамин монда буд, ки монанди вассофи Аҷам Фирдавсӣ

Дареғ он гулу мушки хушоби сӣ,
Ҳамон теғи буррандаи порсӣ

гӯён ба тақдири таърихию сиёсии кишвари худ тан диҳанд...[1]

Вале Оли Сомон аз байн рафта бошад ҳам сарватҳои маънавие, ки дар давраи Эҳьёи Тоҷик андӯхта шуда буданд, аз байн нарафтанд ва рафта ҳам наметавонистанд, зеро ҳомилу ҳомии фарҳанги он «аҳди тиллоӣ» зинда буд: халқи пуркору пурбардори тоҷик оқибатҳои касофатовари ҳамлаҳои бефосилаи аҷнабиён-

[1] Сотим Улуғзода зимни руҷӯе ба девони қисмати Сомониён ба як хулосаи мароқангези фалсафӣ омадаанд, ки зикри он айни муддаост: «Давлатҳо, империяҳо низ ҳамчун организми зинда як зистан доранду як мурдан. Таърих ҳукми маҳвияти онҳоро, ки баровард, ҳаракати аз нав зинда гардонидани онҳо, ҳар қадар қаҳрамононаву устуворона бошад ҳам, маҳкуми бесамарист». (*С. Улуғзода.* Пири ҳакимони машриқзамин. Д., 1980, с. 63).

ро ба водиҳои ободи обой мардонавор бартараф намуда, дар мачрои муштараки инкишофи таърихии чаҳони мутамаддин пайваста пеш мерафт.

Дар воқеъ, баъди инқирози давлати Сомониён наҳзати эҳьёй дар Ачам на фақат қатъ нашуд, балки боз ҳам вусъат ёфт. Аз назари мантиқи инкишофи таърихи Шарқи Наздик ва Миёна бесабаб нест, ки қиёми ин чунбиши ичтимоӣ маҳз ба қарнҳои XII — XV рост омад. Дар ин замони пурошӯб Хуросони Бузург таҳти нуфӯзи сиёсию иқтисодии хонхо ва бекҳои чойгиру ачнабӣ буд; дар дасти бодиянишиноне буд, ки чӣ аз чиҳати тарзу тариқи зиндагонӣ ва чӣ урфу одати анъанавӣ аз аҳолии шаҳрнишини Ачам ба куллӣ фарқ доштанд. Аз ин чост, ки аксар зиёиёни маърифатпарвару озодандеши маҳаллӣ канорагириро ихтиёр намуда, худро ба олами маснӯи маънавӣ андохтанд, то дар сарои беҳадду ҳудуди он шахсияти аз чамъият озор гирифтаашонро вусъати машраб бахшанд.

Сухан аз сӯфигарӣ меравад, ки ӯро ачаб қисмати таърихӣ насиб шудааст. Ин наҳзат аввал аз эътирози мазҳабӣ сар зада, сони сурату сирати фалсафӣ ва оҳангу омурғи ичтимоӣ пайдо намуд. Тасаввуф аслан зодаи арзу буми бегона бошад ҳам (вай дар қарни ҳаштуми милодӣ дар Ироку Сурия дар домани исломи рошидин ҳамчун як чунбиши бидъатомез шакл гирифта, сипас ба мулку диёри дигар густариш ёфт), адабиёти сӯфия асосан ба забони форсӣ-дарӣ-тоҷикӣ интишор ёфта, маҳз дар қарнҳои XIII — XV ба авчи инкишоф расид. Адабиёти мазкур, махсусан ашъори

фалсафии Абӯмаҷди Саноӣ, Фариддини Аттор ва Ҷалолиддини Балхӣ саршор аз исьёни маънавист; он исьёни ботинии шахсият дар муқобили беадолатии зоҳирии ҷамъияте буд, ки мехост тавассути расму оини дини рошидӣ ва тарзу тариқи давлатдории барбарӣ мардумро дар ҳисори тоату итоат нигоҳ дорад. Ана бубинед, Мавлавӣ бо чи гуна суханони пурсӯзу пурсувари сӯфиёна ба муосирони гумроҳаш муроҷиат намуда эшонро аз хоби ғафлат баркандан ва ҳамроҳа рӯҳбаланд кардан хостааст:

Онҳо, ки талабгори худоед, худоед!
Берун зи Шумо нест, шумоед, шумоед!
Дар хона нишинед, магардед ба ҳар сӯ,
Зеро ки Шумо хонаву ҳам хонахудоед!
Зотеду сифотеду гаҳ аршу гаҳе фарш,
Дар айни бақоеду муназзаҳ зи фаноед!...

Шоиру олимони сӯфимашраби форсу тоҷик ақоиди гуманистии худро ба забони порсии дарӣ сабт ва мунташир карда, барои забони модариашон чунон як ёдгории бошукӯҳе эҳдос намуданд, ки он то одаму олам ҳаст, боқӣ хоҳад буд.

Чӣ тавр уруҷи арш ёфтани забони модарии тоҷикон худ масъалаест ниёзманди тадқиқу таҳқиқи алоҳида. Маро бошад, ҷиҳати методологии ин масъала ба худ ҷалб мекунад.

Барои ҳамаҷиҳата ва амиқтар дарк карданӣ мазмуну мундариҷа ва майлу маслаки таърихии наҳзати фарҳангие, ки «Эҳьёи Тоҷик» ном кардаему ҳомилаш забони порсии дарӣ буд, аввал бояд аз бархе ақидаҳое комилан даст кашид, ки то ба ҳамин қарибиҳо аз рукнҳои методологии Ховаршиносӣ буданд ва ҳа-

нӯз ҳам нуфузи худро ба андозае нигоҳ дош-таанд.

Яке аз ҳамин гуна ақидаҳои маъмули таъ-рихӣ даъвоест дар боби он ки ҳомилон ва по-шандагони тухми тамаддун эрониёни ғарбӣ (форсиён) буданд, дар ҳоле, ки эрониёни шар-қӣ (тоҷикон) онро фақат пазируфтанду халос. (Албатта, дар партави чунин ақида комилан табиист, ки забони порсии дарӣ умуман зодаи муҳити иҷтимоию фарҳангии Хуросону Мова-роуннаҳр буда наметавонад). Чунончи, акаде-мик В. В. Бартольд ба марҳилаи тоисломии таърихи тоҷикон баҳо дода, доимияти сохти иҷтимоӣ, камии миқдор ва хурдии миқьёси шаҳрҳои тоҷикнишинро махсус қайд намуда, давраи пас аз истилои арабро ин тавр тавсиф кардааст: «Дар худи асрҳои аввали исломӣ ҳа-ма тағйир ёфт: шаҳрҳо ба зудӣ васеъ шуданд, бартаридорӣ ҳар чӣ бештар ба дасти табақаи савдо мегузашт. Аз афташ, ҳомилони навӣ асо-сан муҳоҷирони Эрон буданд; он ҷо ислом ҳо-кимияти мутлақаи сосониро, ки сохти табақа-вии кӯҳнаи мазҳабан муқаддасро тақвия ме-кард, нобуд сохта, барои пешрафти иқтисодию маданини мардуми форс заминаи фарохтар фа-роҳам овард. Лекин дар айни замон форсиён ба хотири ватандӯстӣ анъанаҳои давлатдории худро, ки ҳомилони онҳо Сосониён буданд, маҳфуз медоштанд; эрониёни Осиёи Миёна бошанд, ин анъанаҳоро якҷоя бо забони фор-сӣ қабул карданд».[1]

Албатта, ин хулоса зотан аз набудани маъ-лумоти кофӣ ва мӯътамади таърихӣ дар бораи

[1] *В. В. Бартольд.* Сочинения, т. 2, ч. I, с. 457.

гузаштаи тоисломии мардуми маҳаллии Хуросон ва Мовароуннаҳр сар задааст ва аз ин рӯ ман ба навиштаи мустаршиқи обрӯманд хӯрдагирӣ карданӣ нестам. Худи факти муқобилгузории мадании Эрони Ғарбӣ ва Хуросону Мовароуннаҳр бошад, кайҳо ба ҳукми анъана даромадааст.[1] Ман фақат ақидаи мазкурро дар заминаи далелҳои навин мулоҳиза карданиам. Далелҳои навин гуфта ду гурӯҳ маълумоти таърихиро дар назар дорам, ки барои кашф кардани саҳифаҳои комилан тоза ва ё равшан сохтани саҳифаи бенури таърихи тамаддуни эрониёни бостонӣ замина шудаанд.

Аввалан, муқаррар карда шуд, ки бар хилофи ақидаҳои пешин қавмҳои эронии Хуросону Мовароуннаҳр анъанаҳои ғании маданӣ доштанд ва ҷиҳатҳои хоси онҳоро дар тӯли асрҳо ҳифз карда ва пайваста инкишоф дода омадаанд. Дар воқеъ, дар ибтидои асри XX чанд намунаи осори хаттии суғдӣ, портӣ ва хотану саккой дастрас шуданд, ки онхо ақидаи маъмули мустаршиқонро оид ба мақоми маданию таърихии мардуми эрониназоди Мовароуннаҳр дар инкишофи тамаддуни умумиэронӣ зери шубҳа монданд. Сонитар, вақте ки осори хаттии боз ду қавми эронии Хуросону Мовароуннаҳр — бохтариён ва хоразмиён ёфта шуд, таърихи пайдоиш ва инкишофи маданияти моддӣ ва маънавии ниёгони тоҷикон дар ҷараёни равобити ирсии он бо тамаддуни халқҳои Эрони Ғарбӣ равшан намудор гардид. Аз ҷумла, дар натиҷаи ҷустуҷӯҳои бостоншиносони

---

[1] Тафсири масъала дар: *Ричард Фрай.* Наследие Ирана. М., 1972, с. 11—12.

советӣ дар хоки собиқ Бохтарияи Шимолӣ (қисматҳои ҷанубии Тоҷикистон ва Ӯзбекистони имрӯза) ва археологҳои фаронсавӣ дар территорияи Бохтарияи Ҷанубӣ (Афғонистони ҳозира) дар ин боб бисьёр маълумоти гаронбаҳо ба даст оварда шуд. Аз ҷумла, чунон ки аз тадқиқи ҳафриёти қалъаи Тахти Сангин бармеояд, фарҳанги бохтариён дар чорсӯи тамаддунҳои Шарқ (Ҳинд) ва Ғарб (Юнон) қомат афрохта, ба пояи баланди тараққиёт расида буд.

Бино ба санаду ҳуҷҷатҳои навини таърихӣ, махсусан иқтисодиёт ва маданияти моддию маънавии суғдиён ба авҷи тараққиёт расида буд. Дар сарзамини аҷдоди тоҷикон дар тӯли асрҳои V — VIII анъанаҳои ҳаёти шаҳрӣ рӯ ба болоравӣ ниҳода бисьёр шоҳасарҳои санъати тасвирӣ ва шоҳкориҳои ҳунари меъморӣ офарида шудаанд. Барои тасаввур кардани мақоми мадани суғдиён гуфтан кофист, ки забони онҳо сар то сари Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик забони равобити байналхалқӣ буд; хати суғдӣ бошад, ба алифбои қавмҳои дигар замина шудааст.[1]

Аз тарафи дигар, бозьёфтҳои мазкур барои аз мавқеи назари нав тақвиму тақдир кардани шаҳодати сарчашмаҳои дахлдор ва барқа-

[1] Дар ин бора дар маърӯзаи акад. *Б. Ғ. Ғафуров* дар конференцияи байналмилалӣ оид ба тараққиёти иҷтимоӣ ва маданияти мамлакатҳои Осиёи Марказӣ дар асрҳои XIX—XX маълумоти муфассал оварда шудааст. (Ниг. *Б. Г. Гафуров.* Основные этапы историко-культурного развития народов Центральной Азии. Москва—Ашхабад, 1972, с. 6—7). Ниг. низ: *Б. Г. Гафуров, Д. И. Цибукидис.* Александр Македонский и Восток. М., 1980.

рор сохтани ҷузъиёти таърихии таъсири мутақобили тамаддунҳои тоисломии Эрониёни Ғарбӣ (форсиён) ва Эрониёни Шарқӣ (тоҷикон) имкон додаанд.

Як ҷиҳати хос ва ҷолиби диққати равобити фарҳангии форсиён ва тоҷикон, ки аз ҳазорсолаи дуюми пеш аз милод сар карда мисоли ду соҳили як дарьё дар олами тамаддун арзи вуҷуд кардаанд, иборат аз пайванди ногусастании давраҳои гуногуни таърихи маданияти моддию маънавии онҳост. Маълумоти андӯхтаи муаррихони асри ҳозир ин фикрро ҳамаҷиҳата собит мекунанд. Чунончи, муҳаққиқони фарҳанги шаҳрии Панҷакат (қарнҳои V — VIII-и милодӣ, яъне пеш аз аҳди ислом) алоқаи мустақими мавзӯи нақшбандиҳои деворин онро бо сужетҳои маъмули адабиёти бадеии қарни X (махсусан «Шоҳнома»-и Фирдавсии Тӯсӣ) ошкор сохтаанд, ки бесабаб нест.

Чун матлаи ин фасл тақвими сарбахши тоҷикони ҳар ду тарафи Панҷ ба махзани тамаддуни умумиэронист, чанд ҳиссаи онро алоҳида-алоҳида қайд карда гузаштан бамаврид ва ҳам зарур аст.

Яке аз анъанаи ҳамосасароист, ки зодаи муҳити маънавии маҳалҳои тоҷикнишини Хуросон ва Мовароуннаҳр аст. Ҳамосаи халқӣ аввал маҳз дар ин ҷо (асосан дар байни бохтариён ва саккоиҳо) пайдо шуда, сипас ба ноҳияҳои ғарбии Аҷам паҳн шудааст ва унсурҳои ифтихороти афсонавӣ ва қаҳрамонии он маҳалро дар бар карда, буньёди достонномаи миллии Эронро ташкил додааст. Бисьёр сужетҳои ин ҳамоса ба «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ низ роҳ ёфтаанд.

Дигар саҳми бузурги этрониёни шарқӣ — кеши зардуштӣ ва осори хаттии он Авесто мебошад, ки қадимтарин қисматҳои вай дар муҳити Мовароуннаҳр ва ё, ҳеҷ набошад, дар мавзеъҳои ҳамсоя (Афғонистони шимолу ғарбӣ ва Эрони шимолу шарқӣ) муҷассаму мураттаб шуданд. Чун сухан аз аҳамияти маданию таърихии ин сарбахши эрониёни шарқӣ меравад, гуфтан кофист, ки Авесто сароғози анъанаҳои илмию фалсафӣ ва бадеии аҷамиён дониста мешавад.

Ниҳоят, мақоми бузурги тоҷикон дар ташаккулу тараққии тамаддуни давраи Эҳъёи Аҷам бошад, ба тавсифу таърифи махсус муҳтоҷ нест. Чунон ки аз ин пеш гуфта шуд, муҳити фарҳангии тоҷикон на фақат гаҳвораи назми ҷаҳоншумули форсӣ буд, балки ба яқини комил буньёдгоҳи илму фалсафа низ ҳисоб мешавад, ки дар таърихи улуми ақлии одамизод нақши равшан гузоштааст.

Охир, Абӯабдуллоҳ Рӯдакию Абӯмансури Дақиқӣ, Абӯнасри Форобию Абӯалии Сино, Муҳаммади Хоразмию Абӯрайҳони Берунӣ ва бисьёр дигар арбобони барҷастаи илму фарҳанги Аҷам ҳамагон аз байни эрониёни шарқӣ баромадаанд!

Аз ин ҷиҳат сарогози ташаккули маданияти классикии умумиэрониро «Эҳъёи Тоҷик» ном додани мо заминаи устувори илмӣ дорад.

Анъанаи ҳамосасароӣ ва таърихнависӣ низ як ҷузъи муҳимми ҳамин наҳзати эҳъёист, ки аввал бо ташаббус ва иштироки бевоситаи арбобони илму фарҳанги тоҷикон ба вуқӯъ пайваста, сапас ба Эрону Нерон густариш ёфтааст.

Инсон бидуни таърих ба худ расида наметавонад, зеро маҳз таърих аст, ки ёду хотири ӯро таҷассум мекунад. Маҳз таърих аст, ки одамизодро аз соири аҷноси зинда ҷудо карда, мақоми аслии ӯро дар силсилаи маротиби ҳастӣ муайян ва муқаррар менамояд.

...Дар Африқои Марказӣ тоифаи одамоне будааст, ки ба фарзандонашон Кӯҳ, Пала, Шафақ ё Лошахӯр барин номҳоро мегузоштаанд. Ва ҳамин ки одаме мурд, номашро мамнӯъ (табу) эълон намуда, онро дигар ба ҳеҷ кас намедодаанд.

Албатта чунин ҷамоаи одамӣ ба маънии маъмули истилоҳ таърих дошта наметавонад; худ ки дафтари аъмол надорад, аз худ мероси маънавие ҳам боқӣ намегузорад. Пас, тоифаи мазкура чӣ будани инкишоф ва ҳатто анъанаро намедонад; ҳар як авлод таърихашро аз нав оғоз мекунад ва ҳадафи тақдису тақвими худро пайваста тағйир медиҳад. Ва ҳол он ки ягона василати хештаншиносӣ таърих аст. Таърих бошад, пайванди рӯҳонии наслҳост. Маҳз тавассути худогоҳии таърихист, ки Инсон миёни соири мавҷудоти зинда ҷудо шуда меистад ва аз фарш то арш нуфуз карда, ба байтушшарафи ҳастӣ мерасад. Бинобар ҳамин, чунон А. С. Пушкин барҳақ фармудааст, «иззату икроми гузаштаро ба ҷо овардан сирату сомонест, ки фазилатро аз ҷаҳолат фарқ мекунад».

**Аз ин ҷиҳат барои шӯҳрати ҷаҳонӣ ва ба қои маънавӣ пайдо кардани миллат Фирдавсиҳою Бӯалиҳоро зодан ва парвардан ҳанӯз кам аст; аз ӯҳдаи нигаҳдошт ва бузургдошти онон баромада тавонистан ҳам мебояд.**

Хизмати фидокоронаи котибони гумноме, ки шабҳои дароз хобашонро ҳаром карда, мусаввадаҳои нохони олимону шоирони номдорро покнавис карда, дар байни мардум интишор додаанд, ва низ фидоиёне, ки ҷони худро дар хатар афганда, китобҳои бостониро дар гӯрҳои кӯҳнаву чоҳҳои чуқур ё қабати девору меҳробҳо пинҳон карда, барои наслҳои оянда маҳфуз доштаанд, аз хидмати шуҷоатмандонаи муаллифону мусаннифони ёдгориҳои аҷдод чандон кам нест. Вале дар баробари зикри ин далели ибратомӯз низ фаромӯш намекунем, ки бо айби баъзе ниёгони саводноки ноқобил ва ворисони бесаводи ғофил ҷилд-ҷилд китобу дастнависҳои нодиру ноёб несту нобуд шуда рафтаанд ва шояд ҳанӯз ҳам дар таҳхонаву равоқҳои касдону касмадон пӯсида хобида бошанд.

...Абӯалии Сино аз айёми ҷавониаш дар Бухоро ҳикоя карда, ба Абӯубайди Ҷузҷонӣ гуфтааст: «Дар ҳамсоягии ман марде буд, ки ӯро Абулҳасани Арӯзӣ мегуфтанд. Ӯ аз ман хоҳиш кард, ки барояш китобе таълиф кунам, ки ҷомеи ин илм бошад. Барои ӯ «Ал-Маҷмӯъ»-ро таълиф карда, онро ба номи вай ном ниҳодам ва дар он ҷуз илми риёзӣ, дигар илмҳоро гирд овардам. Маро дар он ҳангом бисту як сол буд. Инчунин дар ҳамсоягии ман марде буд, ки ӯро Абӯбакри Барқӣ мегуфтанд ва зодаи Хоразм буд. Ӯ марди доносиришт, дар фиқҳ тафсир ва зӯҳд ягона буда, ба илмҳо майл дошт. Аз ман шарҳи китобҳоро хоҳиш кард ва барои ӯ китоби «Ал-ҳосил ва-л-маҳсул»-ро қариб дар бист ҷилд тасниф кардам. Дар ахлоқ барои ӯ китобе таълиф кар-

дам, ки онро китоби «Ал-бир ва-л-исм» ном ниҳодам. Ин ду китоб дар дасти ӯст ва ҳеҷ касро ба орият намедиҳад, ки аз онҳо нусха бардорад».

Муаррихони илму фалсафа дар бораи китобҳои номбурдаи Бӯалӣ фақат аз навиштаҳои Ҷузҷонӣ медонанду бас. Он дастнависҳои нодири нйёи бузурги мо куҷо шудаанд? Абулҳасани Арӯзӣ ва Абӯбакри Барқӣ онҳоро ба кӣ мерос монда бошанд? Ворисони онон дастнависҳои Шайхурраисро ба ягон сарватманди китобчин фурӯхтаанд ё аз ғояти бефаҳмӣ, мисоли баъзе муосирони нохалафи мо, ба носфурӯшҳо бурда доданд?..

...Худи Ҷузҷонӣ дар зимни ҳасби ҳоли Абӯалии Сино аз ҷумла чунин нигоштааст: «Шайх дар луғат китобе тасниф карда, онро «Лисон-ул-араб» ном ниҳод, ки мисли он дар луғат тасниф нашудааст ва ҳануз тозанавис накарда буд, ки аз дунъё рафт ва он дар шакли мусвадда боқӣ монда, касе ба тартиби он даст наёфт.

Шайхро дар муолиҷаҳое, ки мекард, бисьёр таҷрибаҳо ба даст омада буд. Ӯ қасд дошт, ки ин таҷрибаҳоро дар китоби «Ал-қонун» гирд оварад ва онҳоро ба тариқи таъмиқ бар ҷузъҳое навишта буд, ки пеш аз тамом шудани китоби «Ал-қонун» аз байн рафтанд»...

Чаро касе, аз ҷумла худи Ҷузҷонӣ, саривақт ба рӯйнависи осори устоди худ пардохта, аз паи нигаҳдошти он нашуд? Чаро касе ёфт нашуд, ки навиштаҳои парокандаи Бӯалиро ғундошта саҳифа бандад ва ба хотири оянда маҳфуз дорад?...

Албатта ба курсии саволу ҷавоб шинони-

дани Таърих аз рӯи оини хирад нест, зеро чунон ки Фирдавсӣ фармудааст, «замони гузашта наёяд ба бар». Рост, гузаштаро боз натавон овард. Қудрати Таърих маҳз дар тағйирнопазирии чараёни ӯст, ки худ амри вочиб аст. Вале Таърих ҳикматеро низ дорост. Инсони зодсарву соҳибихтиёр ҳасби воқеоти гузаштаро дигар карда натавонад. ҳам, рафту равиши ояндаи онро идора кардан аз дасташ меояд.

Пас ғараз аз чарогӯиҳои «бечо»-и мо зикру таъкиди ҳамин қудрат ва ҳамин ҳикмати таърих асту бас.

Банӣ-Одам гузаштаву оянда дорад ва маҳз пайванди ногусастании наслҳову замонҳост, ки ӯро дар арсагоҳи олами кавну фасод човидонӣ мебахшад. Дар воқеъ ҳар як чамоаи одамӣ-аз қавму қабила кашида то халқу миллат-бо анъана зинда аст, бо анъанае зинда аст, ки ҳамчун баргузидаи сарватҳои мадании даврони гузашта имрӯзу дирӯзро бо хати идомат пайваста барои фардо замина мешавад. Мисли он ки Антейи афсонавӣ дар набарди рӯзгор ба Модар-Замин даст расонида кувваю қудрати нав мегирифт, аҳли ҳар асру замон низ ба пояи мероси пешиниён такья намуда қад рост мекунад ва сонӣ худ ба навбатгоҳи ҳастӣ гузашта баҳри беҳбудииояндагон камари хидмат ба миён мебандад. Ва чунон ки Бобочон Ғафуров дар сархати «Точикон» ном китоби маъруфашон нигошта буданд, «беҳтарин боигариҳои маънавӣ ва моддие, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо дар рафти амалиёти ичтимоии таърихи инсоният ба вучуд оварда шуданд, маҳсули фаъолияти моддию фарҳангӣ ва бадеии

авлоди башар, илму дониши пешқадам, назариёти мутараққӣ ва дигар шаклҳои тафаккури эҷодӣ, яъне мероси маданӣ ба васеътарин маънии умумисоциологии ин мафҳум, воситаи пуриқтидори дигаргунсозии куллии ҷамъияти ҳозира мебошад. Аз ин рӯ ҳам ба омӯзиши амалӣ ва боздиди назарии ғанитарин гузаштаи таърихи халқҳо рӯ оварда, мо ба як ҳисоб баҳри манфиати прогресси ҳақиқии иҷтимоӣ ва ташаккули шахсияти мутаносиби коммунистӣ беш аз пеш нируҳои рӯҳонӣ дармеёбем».[1]

Ба ин маънӣ ёдбуди дирӯзиён аслан баҳри шавқату шукӯҳи имрӯзиён ва фардоиён аст.

* * *

...Охири моҳи март ё аввали моҳи апрели соли 1973 буд; ба зиёрати домулло Бобоҷон Ғафуров рафта будам. Дар кабинети кории эшон воқеъ дар бинои Институти ховаршиносии АФ СССР нишаста, асосан роҷеъ ба китоби «Тоҷикон» сӯҳбат мекардем. Камина, ки ба тарғибу ташвиқи ин шоҳасари илмӣ пардохта се тақриз навишта будаму шарҳу таъбири баъзе ҷиҳатҳои андешаангези китобро аз муаллиф дархост доштам, аз Б. Ғ. Ғафуров пурсидам:

— Оё Шумо барои таъйиду исботи ақидаҳое, ки дар китобатон баён кардаед (хосса дар бораи зодаи муҳити таърихию фарҳангии вилояти Форс будани забони тоҷикӣ ва аз но-

---

[1] *Б. Г. Гафуров.* Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. М., 1972, с. 4—5.

ми қабилаи сомии «тай бaромада омадани истилоҳи «тоҷик»), ба ҷуз далелу бурҳони зикркардаатон дигар санаду ҳуҷҷатҳои қотеътар доред?

— Чӣ гуфтаниатонро мефаҳмам..,— ба забони ҳузӯъ ва хушӯъ гуфтанд домулло ва андаке таваққуф карда сонӣ афзуданд: — Эҷодиёти илмӣ ҳам мисоли эҷодиёти бадеӣ қонунҳои нонавиште дорад. Аввалан, вақте кас «Тоҷикон» барин асари калонҳаҷм ва бисьёрҷанбаро иншо мекунад, дар бораи ҳамаи масъалаҳои фарогирифтааш, ба ҳадде ки дилаш мехоҳаду моҳияти мавзӯъ талаб мекунад, баробар андешаи чуқур ронда наметавонад. Сониян, муаллиф ҳусну қубҳи асарашро одатан фақат баъди чоп шуда баромадани он каму беш ҳис мекунад. Ман этимологияи номи «тоҷик»-ро дар вараки китоб зикр намуда ҳеҷ гумон надоштам, ки ин таъбири ҷузъӣ, ки он ҳам бошад, азони акад. В. В. Бартольд буд, дар контексти мавзӯи китоб аҳамияти хоси таърихию фарҳангӣ пайдо карда метавонад. Дар омади гап гӯям, ман фақат баъди ба чоп рафтани китоб хабар ёфтам, ки дар вакташ домулло С. Айнӣ дар зимни таҳлили интиқодии маълумоту маънидоди луғатҳои пешини мо роҷеъ ба таърихи истилоҳи «тоҷик» чанд фикри муҳимму муфид баён карда будаанд. Афсӯс, ки навиштаи он кас чоп нашудааст ва алҳол намедонам, ки дастхати домулло куҷост. Як аз Камолҷон (Камол Айнӣ — А. Т.) пурсидан даркор...

Б. Ғ. Ғафуров дар идомаи суханашон гуфтанд:

— Насиб бошад, дар варианти тоҷикии

китоб асли масъалаҳои мазкурро то ҳадди имкон равшан хоҳам кард. Умуман агар фурсат шавад, дар бораи таърихи пайдоиши забони тоҷикӣ як фасли алоҳида навишта зодаи Мовароуннаҳру Хуросон будани онро исбот мекунам. Лекин масъалаи забон ғайр аз ҷиҳати таърихӣ ҷиҳати муҳимми фарҳангӣ низ дорад. Ман масъалаи ваҳдати забонҳои дарӣ, форсӣ ва тоҷикиро дар назар дорам. Ба истилоҳ мутахассисоне ҳастанд, ки фарқи ҷузъии забонҳои мазкурро муболиға намуда қариб аст, ки миёни онон садди чиниро барқарор кунанд. Онҳое, ки ба чунин иқдоми кӯтоҳбинона мепардозанд, ду чиз — забони *адабӣ* ва *лаҳҷаро* ба ҳам аралаш мекунанд.

Б. Ғ. Ғафуров аз ҷой бархоста ба пеши ҷевоне рафта аз он китоберо гирифта варақ заданд (он «Забони адабии тоҷикӣ» ном маҷмӯаи мақолаҳо буд, ки аз тарафи Раҳим Ҳошим тартиб додашуда соли 1930 ба табъ расидааст) ва саҳифаи даркориашро ёфта ба ман рӯ оварданд:

— Ана гӯш кунед, дар ин бора домулло С. Айнӣ чиҳо навишта буданд: «Касе, ки ба адабиёти кӯҳна ва нави форсӣ ва тоҷикӣ шиносоӣ дорад, ба хубӣ медонад, ки дар миёни онҳо фарқи асосӣ нест. Дуруст, агар мо лаҳҷаҳои маҳаллиро дар назар гирем ва ба ҳамон нигоҳ карда забонро ба гурӯҳҳо ҷудо кунем, на ин ки дар байни Эрон ва Осиёи Миёна, балки дар байни худи аҳолии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ҳам хеле лаҳҷаҳои ҷудогона ёфт мешавад. Лекин дар дунёи ҳеҷ қавме нест, ки ҷудогонагии ҷузъии лаҳҷаҳои маҳаллиро дар назар гирифта, барои ҳар лаҳҷа як забо-

ни чудогона сохта бароварда бошад. Як точик ё як эронӣ асарҳои Саъдӣ, Ҳофиз, Низомӣ ва монанди инҳоро чӣ қадар фаҳмида ва дӯст дошта хонад, ҳамон қадар ҳам асарҳои Рӯдакӣ, Камоли Хучандӣ, Исмати Бухорӣ, Сайфи Исфарангӣ ва монанди инҳоро фаҳмида ва дӯст дошта мехонад. Як точик барои фаҳмидани баъзе луғатҳои аз форсии қадим гирифташудаи Фирдавсӣ ба чӣ андоза ба душворӣ афтад, як эронӣ ҳам барои фаҳмидани онҳо ҳамон қадар душворӣ мекашад».

Б. Ғ. Ғафуров китобро пӯшида, айнакашонро ба рӯи миз гузоштанд ва гуфтанд:

— Дар навбати худ ман мехоҳам як нуктаро таъкид намоям. В. И. Ленин ки дурандештарин олими чамъятшинос ва сиёсатманди бузурги асри XX буд, Осиёи Миёнаи советиро ҳаққонӣ дарвозаи Шарқ ҳисоб мекард. Агар мо тафовути чузъии шеваҳои чудогонаи порсигӯёни осиёиро аз будааш зиёд нишон дода забони точикиро аз мачрои умумии инкишофи забонҳои мазбур дар гузашта ва ҳозира чудо карда гирем — ин на фақат хилофи ҳақиқат, балки кӯтоҳии идеологӣ ҳам мебуд, зеро дар он сурат забони точикӣ вазифаи интернационалии худро ба ҳадде, ки бояд, адо карда наметавонад. Хусусан ки дар оянда доираи равобити фарҳангии мо бо ҳамзабонони хоричиамон васеъ хоҳад шуд. Ба қарибӣ бо баъзе нависандагони точик гуфтугӯ доштам. Ман ба онҳо як чизро талқин карданӣ шудам: суханварони точик бояд бо забоне нависанд, ки осорашонро чамен форсизабонони Шарқ хонда фаҳмида тавонанд. Аз олимон низ ман ҳамин гуна дархост дорам: барои мактабҳои

миёна, миёнаи махсус ва олӣ ба тоҷикӣ китобҳои дарсии ҳозиразамон бояд навишт — ҳамон тавре навишт, ки барои ҳамзабонони кишварҳои ҳамсоя низ ба кор оянд...

— Ба фикри Шумо инкишофи забону фарҳанги тоҷик дар оянда чӣ гуна ҷараён хоҳад гирифт? — аз фурсат истифода бурда суол кардам ман.

— Дар ин бора ҳеҷ гоҳ ду хел фикр вуҷуд дошта наметавонад,— ҷавоб доданд Б. Ғ. Ғафуров.— Яқин аст, ки дар партави ғамхории ҳамешагии Партияи Коммунистӣ, дар асари шароити мусоиди таърихие, ки дар замони социализм фаро расидааст, заковату истеъдоди халқамон боз ҳам рушду нумӯъ хоҳад кард...

Дар воқеъ, дастовардҳои маънавии шаст соли охир ин хулосаи некандешро дар ғояти аёнӣ тасдиқ мекунанд. Таи солиёни мазкур тоҷикон дар натиҷаи инқилоби Октябрь давлати миллии худро аз нав барқарор намуда, дар ҷараёни робита ва ҳамкории судбахш бо соири халқҳои хуштолеи советӣ ба бунёди фарҳанги нав — маданияти социалистӣ — пардохтанд. Сарчашмадорони ин маданият Садриддин Айнӣ ва Абулқосими Лоҳутӣ, Бобоҷон Ғафуров ва Мирзо Турсунзода буданд; маҳз тавассути офаридаҳои илмию бадеии онҳост, ки оламиён порсигӯёни Осиёи Миёнаро мешиносанд ва қадр мекунанд.

Саҳифаҳои минбаъдаи солномаи маданияти социалистии тоҷик аз зикри ҷамили онҳое ранг гирифтаанд, ки ҳар яке мувофиқи имкону ҳиммати хеш ба халқу кишвар хидмат карда, баҳри афзудани шӯҳрату шукӯҳи миллаташон қуввати ақлу бозуи худро дареғ надоштаанд.

Аз таҷаддуди таърихию мадании ҳамватанони бостониам бо камоли ифтихор андеша мекунаму як ақидаи илмӣ ба ёдам мерасад, ки решааш аз сарчашмаи афкори фалсафии Гегел об мехӯрад. «Халқе, ки заминаи табиӣ дорад,— нигошта буд ӯ,— вазифадор аст, ки онро дар ҷараёни пешрафти худогоҳии рушдёбандаи рӯҳи ҷаҳонӣ аз имкон ба феъл орад. Дар таърихи умумиҷаҳонӣ барои давраи муайян ӯ халқи ҳукмрон ба шумор меравад ва **фақат боре муяссар мегардад, ки он давраро ба номи худ нависонад**. Дар асари ҳуқуқи мутлақи халқи мазкур барои муҷассамаи як зинаи инкишофи рӯҳи ҷаҳонӣ будан дар айни ҳол арвоҳи дигар халқҳо беҳуқуқ буда, мисоли рӯҳи халқҳое, ки давраашон гузашта рафтааст, дар таърихи умумиҷаҳонӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд». Бо иборати мафҳумтар гӯем, халқҳо аз ҷиҳати қобилияти фитрӣ ва дараҷаи инкишофи маданӣ «ҷавон» ва «пир» мешудаанд, халқҳои «пир» бо мурури замон торафт «Фартут» шуда, оқибат тамаддуни ҷаҳониро тарк мекардаанд, баъд ҷои онҳоро халқҳои «ҷавоне» мегирифтаанд, ки дар навбати худ «пир» шуда оқибат ҷояшонро ба халқҳои дигар медодаанд.

Гузашт аз ин, бино ба ақидаи ботилае, ки онро «астрологияи иҷтимоӣ» ном кардан шояд, гӯё манбаъ ва қуввати мутаҳаррикаи инкишофи таърихӣ, аз ҷумла нашъунамои маънавии халқҳои ҷудогона берун аз ҷомеаи одамӣ, дар худи кайҳон (?!) воқеъ будаанд. Яъне агар пеш «ҳар муддате назар ба касе мекунад сипеҳр» гӯён сарнавишти фарди одамиро аз осмон ё оламн улвӣ донанд, акнун бархе

муосирони олимтароши мо тақдири таърихии халқҳоро дар асари ин хурофоти нуҷумӣ маънидод карданианд.

Таърихи бостонӣ ва навини халқи тоҷик бофтаи мазкураи «илмӣ»-ро комилан рад мекунад: Ӯ ки аз ҷумлаи қадимтарин мардумони рӯи дуньёсту дар арзи вуҷуди тӯлонии хеш боре чанд ба дами ҳалокати таърихӣ расида, вале ҳамон қадар аз нав эҳьё шудааст, бо вуҷуди он ҳама чангу гарде, ки ба чеҳрааш нишастааст, аз ҷараёни инкишофи ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ боз намондааст ва низ бо камоли некбинӣ мунтазири фардост.

Дар воқеъ, дар таърихи сеҳазорсолаи тоҷикон давраҳои болоравӣ ва пастравӣ буданд. Дар солномаи ҷаҳони мутамаддин махсусан қарнҳои IX—XV маъруфу машҳуранд. Дар ин марҳилаи хуҷистаи таърихӣ дар баробари адабиёти бадей, ки ба он мардуми мо аз оғоз таваҷҷӯҳ ва тамоюли хос дорад, илмҳои табиатшиносӣ, ба хусус математика, астрономия, механика, геодезия ва геология, инчунин тиб ва фанҳои техникӣ, тараққӣ кардаанд. Маҳз олимони эрониасл буданд, ки ба илмҳои алгебра ва тригонометрия буньёд гузоштаанд, калонтарин дар ҷаҳон мушоҳидагоҳҳои астрономӣ ва олатҳои мукаммали расадбандӣ сохта дар натиҷаи тадқиқоти бисьёрсола дақиктарин ҷадвалҳои нуҷумӣ (зиҷҳо)-ро тартиб додаанд, ки ҳамагон барои нашъунамои илму фан дар Аврупои Аҳди Ҷадид замина шудаанд.

Комьёбиҳои мазкури илми тоҷик ҳосилаи инкишофи иҷтимоию мадание буд, ки дар навбати худ зимни тараққиёти иқтисодию ҷамъ-

ятӣ сурат гирифтааст. Ва агар минбаъд дар Аҷам илм аз инкишоф монда бошад, пас ин натиҷаи мустақими хароб шудани қувваҳои истеҳсолкунандаи кишвар мебошад, ки сабабгори он асосан омилҳои берунӣ (ҳуҷуми ғоратгаронаи аҷнабиёни саҳронишин) буд, на қазову қадари осмонӣ.

Баъди инқилоби шукӯҳманди Октябрь халқи тоҷик дар ҷараёни дигаргунсозии бунёни иқтисодию иҷтимоии ҳаёти худ аз нав ба маҷрои прогресси ҷамъиятӣ ҳамроҳ шуд. Метавон гуфт, ки ҳоло дар сарзамини қадимаи тоҷик наҳзати нави эҳёӣ қувват мегирад; наҳзате, ки дигар ахтарони заминорои фанну фарҳанг, онҳоеро тавлид хоҳад кард, ки анъанаи пешини маданиро пайваста идома дода, бо Буроқи ақлу заковати хеш аз саро то Сурайё роҳи таҳқиқ хоҳанд паймуд.

Аз ин маънӣ комьёбиҳои кунунии илму маданияти тоҷик муште аз хирвори дастовардҳои оянда и ӯянд; дастовардҳои маънавие, ки мегӯем, мисоли муваффақиятҳои эҷодии аҷдоди бузургворамон рӯзе мавриди тақдиру таҳнияти оламиён қарор хоҳанд гирифт.

Ва чунон ки аз ин пеш буд, тоҷикон дар баробари дигар халқҳои толеъманди советӣ бас иқлиму мамоликро мусаххар хоҳанд кард.

Аммо на ба шамшеру камону сафи лашкар!
Бо санъату бо фитрату бо ақли мунаввар,
Бо ҳиммату бо ҳикмату бо шеъру тарона,
Бо рӯҳи ҷавононаю пирӯзгарона...

*(Лоиқ)*

## МУНДАРИҶА

*Оғози сухан:* Наврӯзи Хуросон . . . . . . . . 3

*Руҷӯи якум.* Дар чорсӯи таърих (I). Растохези анъанаҳои пешини фарҳангӣ . . . . . . 13
*Руҷӯи дуюм.* Дар чорсӯи таърих (II). Муколамаи фарҳангии Ховару Бохтар . . . . . 29
*Руҷӯи сеюм.* Одам ва одамият (I). Баҳси методологӣ . . . . . . . . . . . . 44
*Руҷӯи чаҳорум.* Одам ва одамият (II). «Шарқиёнро ишқ—рози Коинот» . . . . . . . 58
*Руҷӯи панҷум* Табиатшиносӣ: Аз саро то Сурайё 87
*Руҷӯи шашум.* Мақоми иҷтимоии илму ҳикмат. Андеша дар дуроҳаи озу ниёз . . . . . 116
*Руҷӯи ҳафтум.* Пайвандгари даҳру даврон. Сайри таърихӣ ва мақоми фарҳангии забони дарӣ-форсӣ-тоҷикӣ . . . . . . . . . 138
*Руҷӯи ҳаштум.* Шаҷараи тамаддун. Ҷиҳатҳои ҷузвӣ ва куллии инкишофи таърихӣ . . 157
Анҷоми сухан. Қудрат ва ҳикмати таърих 181

*Акбар Турсунов*

**ВОЗРОЖДЕНИЕ АДЖАМА**

(на таджикском языке)

Муҳаррир *М. Алиев*
Рассом *А. Муҳаммадиев*
Муҳаррири расмҳо *С. Логинов*
Муҳаррири техникӣ *Е. Цыин*
Мусаҳҳеҳ *Ғ. Тӯраев*